**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 372. 894 (575.3)**
**ТБК 63 3 (2 Т)**
**М-36**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**МАҲМАДАЛИЗОДА БОБОҶОН РАҲМОН**

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИТТИЛООТӢ - МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ**
**(13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Махкамов Дастам - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**

**Душанбе – 2024**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима..........................................................................................................3

Боби 1. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик

1.1. Ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун мушкилоти педагогӣ.......................................................16

1.2. Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ............................33

1.3. Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ..................................................................53

Хулосаи боби якум........................................................................................74

Боби 2. Ҷараёни педагогӣ - психологӣ омили асосии ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён.

2.1. Таълимии таърихи халқи тоҷик - яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи лаёқат, қобилият ва маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ...................... ...............................................................80

2.2. Мавқеи омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ...............................................................98

2.3. Корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик..............................................................118

Хулосаи боби дуюм......................................................................................143

Хулосаи умумӣ........................................ ................................................147

Рӯйхати адабиёт..........................................................................................153

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити кунунии ҷамъияти иттилоотии муосир, ки самти он ба башардӯстона гардонидани тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъият нигаронида шудааст, омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мубрамияти махсусро касб намудааст. Мубрамияти омӯзиши ин фанни таълимӣ дар он мебошад, ки тавассути омӯзиши он шахсияти дорои сифатҳои худбаҳодиҳии воқеӣ, дорои қудрати эҷодӣ, маҳорати майл пайдо намудан дар басёршаклии ахбор ва саривақт коркард намудани он дар доираи имконниятҳои мавҷуда омода карда мешавад.

Инсони шакли нав, бояд қодир бошад, ки боигариҳои маънавии ҷамъиятро офарад, дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъият фаъолона ширкат намояд, аз бисёри ҷиҳат бо иқтидору тавоноии хеш дар муттадил намудани вазъияти ба вуҷуд омада мусоидат намояд, аз зуҳуротҳои олами атроф истифода бурда тавонад.

Одами нав омода бошад, ки донишҳои ҳосилнамудаи хешро аз фанни таърих дар таҷрибаи иҷтимоӣ намоиш дода, саҳми шахсии хешро дар инкишофи ҷамъият гузорад. Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз нигоҳ дошта тавонистани он вобаста мебошад, ки он аз инкишофи шуури миллӣ, шавқу завқ ба донистани таърих, забони миллӣ, дин, рӯзгор, анъанаҳои маданӣ - таҳсилотӣ, анъана ва мавзуҳои таҳсилотии ба худ хос вобаста мебошад.

Барои Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии сермиллат, баҳри нигоҳ доштани дӯстию ҳамдигарфаҳмии (консолидатсияи) миллатҳои дар он истиқоматдошта, ташаккул додани маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик ниҳоят муҳимият пайдо намудааст.

Таълими таърихи халқи тоҷик, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир, дар ҳолати инкишоф, устуворшавии муносибатҳои байналхалқии давлати мо бо дигар давлатҳо, моҳияти

махсусро касб намудааст. Таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни таълимӣ ба таҳсилоти умумии донишҷӯён таъсир расонида, иқтидори онҳоро ба донистани асрори олам такон мебахшад.

Омӯзиши таърихи миллат ва давлати хеш, ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки решаҳои пешгузаштагони хеш ва корнамоиҳои онҳоро аз саҳифаҳои таърих фаҳманд, бо таърих, маданият, анъана, расму оини миллати куҳанбунёди хеш шинос гардида, ифтихор ва ғурури онҳо бедор гардад.

Аз ҳама муҳим, дар донишҷӯён ташаккул додани дониши муайян, истифода бурдани он дар ҳолатҳои зарурӣ, баровардани хулосаҳои мустақилона, ҳалли масъала дар ҳолати ғайрианъанавӣ ва мустақилона пурра гардонидани дониши хеш, ташкил додани фаъолияти андешаронии хеш муҳим мебошад.

Пас аз байн рафтани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва солҳои нобасомониҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни ҷудогонаи таълимӣ арзи вуҷуд намуд. Асоси таърихи халқи тоҷикро таърихи гӯшае иҷро менамояд, ки дар ҳудуди он ҷумҳурии имрӯза мавқеъ гирифтааст.

Аммо мутаассифона, барои омӯзиши таърихи гӯша то ҳол барнома ва китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мукаммал нест. Дар робита бо ин, рӯз то рӯз ҷустуҷӯи роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар худшиносӣ ва ифтихори донишҷуён мубрамияти хоса пайдо намуда истодааст. Танҳо дар он сурате таърихи халқи тоҷик метавонад, бо тамоми арзишаш дар давлати демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ фаъолият намояд, ки ба тағйиротҳои иҷтимоӣ - иқтисодии хешро мутобиқат намуда тавонад.

Тадбирҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида оид ба ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи касбӣ аз мубрамияти хоса пайдо намудани омӯзиши фанни “Таърихи халқи тоҷик” гувоҳӣ медиҳад. Проблемаи инкишофи тавоноии маърифатии донишҷуён дар курсҳои болоӣ мубрамияти хосаро касб менамояд, зеро ки донишҷӯён дар курсҳои болоӣ таҷрибаю донишашон ба ҷое мерасад, ки қариб заҳмату меҳнати таълиму тарбияро ба минимуми зиндагӣ номувофиқ ҳисобида бо каме ранҷиш таҳсилро тарк менамоянд.

Дар баробари тамоми гуфтаҳо, дар назарияи педагогика мазмуни махсусияти ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик чандон ошкор карда нашудааст. Мавриди омӯзиши суст қарор гирифтани ҷанбаҳои педагогии ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик моро водор менамояд, ки ҳамин мавзӯро чун мавзӯи таҳқиқотии хеш қарор диҳем.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни педагогии проблемаи ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ифодаи хешро дар корҳои илмии олимон: В.Х. Альфонсов, [2, с. 18], Л. С. Выготский [21, с. 27], Л. А. Гордон [25, с. 41-51], А. Г. Ковалев [42, с. 50-70], Г. И. Щукина [116, с. 223]., М. Шайхов [110, с. 28] пайдо намуда тавонист.

Робитамандӣ ва қабулшавандагии тавоноии маърифатӣ ва касбии донишҷӯён аз ҷониби олимон И. Г. Антонова [6, с. 21]., С. П. Крягжде [44, с. 144]., А. М. Матюшкин [58, с. 29-33]., В.С. Юркевич [120, с. 76]., Г. И. Щукина [119, с. 351] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Муносибатҳои педагогӣ ва шароитҳои инкишофи маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷониби олимон А.А. Бадалов [8, с. 5-18]., В. Г. Иванов [40, с. 426]., А. М. Матюшкин[57, с. 5-17]., В.И Лозова [55. с. 131]., А.А.Бодалев [67, с. 144]., К.К.Гиев [23, с. 3-20]., Б.М.

Теплов [92, с. 125], В.С. Троненко [95, с. 85-89], Т. И. Шамова [108, с. 68], И. Г. Шапошников [111, с. 102]., Г. Щукин [116, с. 230]., М. Р. Раҷабов [70, с. 118] мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Аз олимони тоҷики соҳаи - таърихи педагогика дар навбати аввал мехостам монографияи академик М. Р. Раҷабов [70, с. 180]., Х. С. Афзалов [123, с. 110]., Хоҷимухамедов. Р. И., Шукурова. М. Р., Арипов М., Хамидов. Р. Я., Абасов З.А. [1, с. 16]., Каримова. И. Х [112]., Рахимов. Б. Р., Кадыров. К. Б., Ревазов В. Ч [74, с. 21]., Латипов Д. Н. ва дигар диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории илм шуда метавонанд.

Мавзуи мазкур натавонист олимони ватании – «самти педагогика» М. Лутфуллозода [52, с. 164], Ф. Шарифзода, [112, с. 164], И. Х. Каримова [112, с. 283], Т. Шукуров, [113, с. 50], Х. Буйдоқов [15, с. 427]., Т. Зиёзода [37, с. 19]., Пирумшоев Ҳ., Шайхов М [110, с. 28] ва дигаронро бетараф гузорад.

Ин таҳқиқот мавқеи бузургро дар ҳалли амалии проблемаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ мебозад. Аммо ба васегӣ ва ҷолибии мавзуи мавриди таҳқиқ қарордошта нигоҳ накарда, то ҳол проблемаи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик мавзуи махсуси таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифта буд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳа) ва ё мавзуҳои илмӣ** Таҳқиқоти мазкур бо “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “1” августи 2012 зери № 382 ва “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006 зери № 6 тасдиқ гардидааст шуда метавонанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** ба таври назариявӣ асоснок намудани махсусияти педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик.

**Вазифаи таҳқиқот:** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли чунин вазифаҳоро зарурӣ мешуморем:

1. Бо мақсади ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯён ҳарчи бештар истифода намудан аз шакл, намуд, усулҳои муосири таълим;

2. Пайдо намудани роҳҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути технологияи муосири иттилоотӣ, корҳои тарбиявӣ, худомӯзии донишҷӯён ва корҳои беруназаудиторӣ;

3. Коркарди чорабиниҳои асосноки педагогӣ баҳри ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

4. Мутобиқсозии педагогикаи миллӣ ба ташаккулёбии салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути дарси таърихи халқи тоҷик дар ҳифз карда тавонистани нуқтаи назари хеш;

5. Муайян намудани ҳолати мушкилотӣ дар назария ва таҷрибаи педагогикаи миллӣ ҳангоми корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Объекти таҳқиқот** – инкишоф додании тавоноии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯхтани фанни таърихи халқи тоҷик.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** роҳҳо, воситаҳо ва имкониятҳои ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути дарсҳои таърихи халқи тоҷик.

**Фарзияи таҳқиқот: с**алоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии

донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ташаккул меёбад, **агар:**

- таъминкунандаи ширкати донишҷӯён дар шаклҳои интерактивӣ ва намудҳои нақшӣ - эҷодӣ, ахборотӣ ва дигар намудҳо буда, махсусияти шахсиятӣ ва синнусолии донишҷӯён ба инобат гирифта шавад;
- дар таҷрибаи амалӣ ба фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён такя намуда, ҳамкориҳои иҷтимоии онҳоро дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ошкор намоянд;
- амиқ намудани қонуниятҳои педагогӣ - психологии инкишофи салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик;
- дарк намудани зуҳуротҳои таърихӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чуқур гардида, ҳодисаҳои таърихиро тавассути технологияи муосири таълим дарк намудан.

Ҷудо карда тавонистани ҳадафи асосӣ ва фарзияи корӣ, имкон медиҳад, ки вазифаҳои мушаххаси таҳқиқот муайян карда шаванд:

- Баргузор намудани таҳлили назариявии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик бо нишонаҳои инкишофи шахсии донишҷӯён;
- ошкор намудани самаранокии шаклҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯён ва пайравӣ намудан ба таҷрибаи ташкили фаъолияти онҳо;
- ошкор сохтани сабабҳои самаранок инкишоф наёфтани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён ва сарчашмаи пайдоиши он;
- ошкор сохтан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогӣ ва тарзи ташкили тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқоти дар се марҳила анҷом дода

шудааст.

Дар марҳилаи якум (солҳои 2019 - 2020) - омӯзишу таҳлили адабиёти илмию методӣ, философӣ, педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ - техникӣ аз рӯйи проблемаи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии он ошкор гардида; асосҳои инфиродӣ ва гурӯҳии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар доираи корҳои таҷрибавӣ - мушоҳидавӣ ошкор карда шуд; фарзияи корӣ амиқ гардида, барномаи таҳқиқотӣ - озмоишӣ коркард гардид.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2020 - 2021) - баргузор намудани корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ, назарпурсиҳо ва муқоисаи методу усулҳои дигар бо усули муносибати босалоҳият ба таълим ва натиҷаҳои ниҳоии он муайян карда шуданд. Дар марҳилаи мазкур озмоишҳои муқарраркунандаву назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои асосии диссертатсия бо рақамҳо ва далелҳо ҷамъбаст гардиданд.

Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2022 - 2023) - маводҳои бадастомада таҳлил ва умумигардонӣ карда шуда, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ ба низом дароварда шуда, ба таври назариявӣ умумигардонӣ карда шуд, муқаррароти назариявии гирифташуда дақиқ гардида, таҳлил гузаронида шуд, маълумотҳои таҷрибавӣ оид ба салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик санҷида шуд, банизомдарории онҳо амалӣ гардид, хулосаҳои таҳқиқот ташаккул ва таҳия гардида, матни комили диссертатсия анҷом ёфт.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асоснокии мафҳуми ҷабҳаҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва инчунин таҳлили хосияту зуҳуротҳои ифодакунандаи мавқеи фаъолияти маърифатӣ дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи иқтидори маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил медиҳад.

Дар дараҷаи муайян таҳқиқоти мазкур ба назарияи ягонаи “Ҷараёни

педагогии” Ю. К. Бабанский [7, с. 40], В.Н. Дружинин [34, с. 164], В. И. Загвязинский [36, с. 37]” ва даврабандии синнусолии инкишофи психологии (Н.Г. Дайри [28, с. 30-39]., Л.А. Ясюков [122, с. 72]); дар назарияи муносибати вазифавӣ ба таълим (И. Я. Лернер [51, с. 3- 46]); ба консепсияи мутафаккирон ва олимони Шарқ (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Берунӣ, Хайём, А.Ҷомӣ, У. Кайковус) дар бораи тавоноии шахс меросӣ набуда, балки маҳсули меҳнату заҳмати пайваста мебошад, ки мавзӯи омӯзиш ва таҳқиқи фанни таърихи халқи тоҷик мебошад, такя менамояд.

Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва тафтиши фарзияи таҳқиқот методҳои зерин истифода гардиданд: таҳлили илмӣ, илмӣ - методӣ ва адабиёти психологӣ - педагогӣ; умумигардонӣ ва пайдарҳамии далелҳои илмӣ; мушоҳидаи кори омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ ва донишҷӯён; мушоҳидаҳои педагогӣ; интервюгирӣ, саволномагузаронӣ, сӯҳбат, мушоҳидаҳои педагогӣ ва ғайраҳо.

**Асосҳои методологии таҳқиқот инҳоянд:** мафҳумҳои фалсафии салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён ва диалектикаи инкишофи он, дар андешаи мероси классикони Шарқ дар асарҳои мутафаккирони барҷаста ҷой гирифта, инчунин дар назарияи муосири педагогӣ - психологӣ дар бораи қудрату тавоноии истифодабарандагии донишҷӯён аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот:**

- санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф;

- асарҳои муосири олимони ғарб, рус ва тоҷик дар бораи мазмуни фанни таърихи халқи тоҷик;

- асарҳои муосири олимони ғарб, таҳқиқотчиёти русу тоҷик дар бораи

проблемаи ташаккул ва инкишофи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- оид ба проблемаи ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи проблемаи мазкур корҳои махсус дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик ба роҳ монда шавад;

- таҳқиқоти бунёдии педагогҳо, психологҳо, методистон аз таҷрибаи кори омӯзгорони пешқадами фанҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ баргузор карда шуд.

**Заминаи эмперикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории бевоситаи муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкил ва мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ - озмоишӣ, тавсифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия; дар асоси маводи бадастомада ташаккул додани далелҳои илмӣ, ки натиҷаи нишондодҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳо рӯйи кор омаданд.

**Ба ҳайси пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии зерин қарор гирифтанд: Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ.

Дар раванди таҳқиқот беш аз 300 нафар донишҷӯ ва 10 нафар омӯзгор ба озмоиш фаро гирифта шуд.

**Нововарии илмии таҳқиқот:**

- ошкор намудани роҳҳои самараноки аз бар намудани донишҳои таърихӣ тавассути ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- пайдо намудани роҳҳо ва бартараф намудани номувофиқӣ байни талаботи донишҷӯён ба фанни таърихи гӯшаи худ дар мазмуни мавҷудаи таълими таърихи халқи тоҷик;

- истифодаи донишҳои психологӣ - педагогӣ ва шароитҳои дидактикӣ дар инкишофи салоҳияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

- бо роҳи озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор намудани мавқеи технологияи муосири таълим дар инкишофи маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути дарсҳои таърихи халқи тоҷик.

**Ба ҳимоя қазияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ҳолати муосири таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили таълими босалоҳияти фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- мавқеи ҷанбаҳои психологӣ - педагогии дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён, зимни омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик;

- нақш, мақом ва мавқеи ҷаҳонбинӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён тавассути таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаи бадастомада дар таҳқиқи паҳлуҳои методикаи таълими таърих дар ташаккули салоҳияти донишҷӯён ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Диссертатсия ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёнро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи бунёдӣ -

методологии ташаккули салоҳиятнокӣ, роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён, чун омили боэътимоди рушди салоҳиятмандӣ дар фаъолияти касбӣ дар назар дорад. Натиҷаи таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо ва хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, омода намудани роҳнамо ва дастурҳои методии омӯзгорон мувофиқ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиши асарҳои таърихӣ, фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ асоснок намудани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд, муқоисаи натиҷаи бадастомада дар гуруҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори фанни таърих ва омӯзгорони ин фанни таълимӣ мавриди истифода қарор хоҳад ёфт.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия бо бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд: *бахши 1-* - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); *бахши 10* - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳ; *бахши 11* - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; *бахши* 13 - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварию

таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқарраротои кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва ба нашр расонидани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи аз таҳқиқот бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаи таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия ба ҳайси омӯзгори фанни таърих аз соли 2000 то 2009 фаъолият намуда, аз соли 2009 то ба имрӯз дар раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа менамояд. Ӯ ба усулҳои пешниҳодшуда дар ҷараёни дарсҳои таърих ҷиҳати ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шиносоии пухта дошта, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ - методӣ, ҷаласаҳои кафедраи донишкадаи бозомӯзии кормандони маориф, ҷаласаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанни таърихи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ тавсиб ва тасдиқи худро ёфтаанд. Илова ба ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмӯаи маводи конференсияҳо дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмӣ амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 6 номгӯи мақолаҳои илмӣ, ки 3 номгӯи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй он дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 1 номгӯй

дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтори диссертатсия:** Дисертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати манобеи дигар, дар маҷмӯъ аз 163 саҳифаи чопи компюторӣ иборат аст.

## Боби I. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик

### 1.1. Ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун мушкилоти педагогӣ

Проблемаи ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, яке аз самтҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалии на танҳо илми педагогика, балки аксари илмҳо ба шумор меравад. Дар шароити муосир ба масъалаи ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб тамоми фанҳои таълимӣ сару кор гирифтаанд ва ин проблема аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи файласуфон, педагогҳо, психологон ва олимони самти дигарро ба худ ҷалб намуда буд. [3, с. 138].

Устодону омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим ворид гардида, аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия васеътар истифода бурда, донишҷӯёнро ҳаматарафа ба фаъолияти касбӣ ва ҳаёту зиндагии мустақилона омода менамоянд. Барои дарки зарурияти гузаштан ба муносибати босалоҳиятнокӣ асосёфта дар таълими фанни таърих, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ таҳлил карда мешавад, мо бояд дар ин бора фаҳмиши мукамал ва далелҳои раъднашаванда дошта бошем.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми ягонаи таҳсилот ва талаботҳои низоми Болонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Замони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои нерӯи қавӣ дар ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз доранд.

Ба ақидаи Аткинсон Р.: “Дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотира равона карда мешавад, дар таълими муосир бошад на ба инкишофи тафаккур. Чунин таълим ба ташаккули қобилияти эҷодӣ,

мустақилият, фаъолияти донишҷӯён таъсири кам дорад. Миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилияту иқтидори азхудкунии он зиёд мебошад”. [5, с. 33].

Истилоҳи «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «муносибати салоҳиятнок» дар адабиёти педагогӣ чунин маъниҳоро ифода мекунанд:

- салоҳият - маҷмӯи масъалаҳое, ки шахсият онҳоро дар раванди маърифатӣ ҳамчун масъалаи омӯхта ва таҷрибаи рӯзмарра аз худ кардааст;
- салоҳиятнокӣ - ин соҳиби салоҳият будан дар иҷрои вазифаи дар пеш истода оид ба омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мебошад.

Салоҳиятнокӣ - ин таҳсилоти самаранокест, ки дар натиҷаи он хонанда ё донишҷӯ ба маҷмӯи салоҳиятҳои иттилоотӣ - маърифатӣ соҳиб гашта, онро дар ҳаёти мустақилона бобарор татбиқ карда метавонад. Муносибати салоҳиятнок - фаъолияти гузаштан аз мураккаб ба мураккабтар, тавассути сода фаро мегирад, лекин на ҳама вақт аз сода ба мураккаб гузаштан мумкин аст. [8, с. 5-8].

Венгер Л.А. бар чунин ақида мебошад: “Мундариҷа ва фаъолияти таълими фанни таърих ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд”. [18, с. 96].

Тавре дар боло гуфта шуд, муносибати босалоҳият дар мадди аввали фаъолият, амалро нисбати ҳолати муайян ифода мекунад ва ё проблема мегузорад. Мафҳуми «салоҳият» он маъноҳоеро, ки мафҳуми «маҳорат» дорад, дар худ фаро намегирад, балки салоҳият ва салоҳиятнокӣ аз мафҳуми «маҳорат» ба куллӣ фарқ мекунанд.

Салоҳиятҳои асосӣ дар сатҳи якум намудҳои фаъолияте мебошанд, ки роҳи ҳалли онҳоро бояд хонанда ё донишҷӯён намоиш диҳанд. Дар навбати дигар онҳо барои ҳалли бомуваффақияти мушкилот - супоришҳо барои муайян кардан, муқоиса намудан, шарҳ додан, кор карда баромадан, ҳамгиро гардонидан истифода мебаранд. Шумо метавонед ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар як вақт аз ду самт истифода баред:

а) ба таври анъанавӣ: аз назария ва амалия (ба шарте, ки хоҳиши хонанда ва донишҷӯро дар раванди омӯзиши маводи назариявӣ таъмин ва қонеъ карда тавонем);

б) ба воситаи муносибати салоҳиятнокӣ: аз амалия ба назария (ҳамчун усули беҳтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятнокӣ) гузашта тавонанд.

Ин намунаҳо (вариант)-ҳо бояд дар раванди таълим ҷойи худро дошта бошанд ва интихоби онҳо ба омилҳои зерин вобаста аст:

- ба инобат гирифтани имкониятҳои иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зимни таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- ба эътибор гирифтани хусусияти маводи омӯзишӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик;

- ба эътибор гирифтани сатҳи рушди фаъолияти умумитаълимии донишҷӯён ва салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии онҳо.

Масъалаи ташаккул додани салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ин ҳадафҳои дурнамои таълим буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад. Бо ақидаи И. Д. Бутузов муносибати салоҳиятнокӣ дар таълими фанни таърих имконияти зеринро ба вуҷуд меорад:

- баёни дониш бо истифода аз тарзи беҳтарин омӯхтани он ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- гузариш аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгирой ба натиҷаи раванди таълим;

- пайвастани мақсади таълим ба талаботи бозори меҳнати зудтағйирёбанда;

- равона намудани фаъолияти инсон ба вазъиятҳои гуногуни касбӣ ва ҳаётӣ мустақилона. [16, с. 20-29].

Фалсафаи муносибати таълими салоҳиятнокӣ хусусияти татбиқи онро муайян мекунад. Амалисозии он байни омӯзгору хонанда ё донишҷӯй рух

медиҳад ва муносибати баланди маданияти ҳамкориро талаб менамояд. Яке аз сабабҳои асосии тағйирот ворид намудан дар таълим талаботи барнома, нақшаҳои таълимӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад.

Тибқи он "Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба донишҷӯён имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоӣ, ба монанди бомасъулият қабул намудани қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ, тайёрии касбӣ, рақобатпазир будан дар бозори меҳнат, донишу малакаи барои худтакмилдиҳии зарурӣ, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намуда тавонистан" мебошад.

Бисёр корҳо ба омӯзиши таҳқиқи фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахшида шудаанд, ки аз ҷониби олимон Л. И. Божович, Л. А. Венгер, [17, с. 336]., Н. Н. Поддьяков, [66, с. 147]., М. Лутфуллозода, [52, с. 438]., Ф. Шарипов [112, с. 283] ва дигар олимон ба табъ расонида шудаанд.

Дар илми педагогика шаклҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд. Аз он ҷумла, оид ба кунҷкобии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни таърих олимон Д. Н. Годовиков, В.Ч.Ревазов [74, с. 21]., А. И. Сорокина [84, с. 78] ва дигарон андешаҳои беҳтарин пешниҳод намудаанд. Ба завқи маърифатии донишҷӯён олимон Г. И. Щукин, [116, с. 230]., В. И. Загвиязинский [36, с. 37- 57] , П. Г. Сирбиладзе [85, с. 306]., Т. А. Куликов [42, с. 50]., Т.А. Шукурова, [113, с. 50]., М. Шайхов [110, с. 28] ва дигарон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудаанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки худзоҳиркунии фаъоли донишҷӯён дар ҳолате рух медиҳад, ки вайро ба ҳалли мустақилонаи масъала маҷбур созанд, аммо чунин нест, ӯ ба чунин амал дар натиҷаи интихоби озодона ва фаъолияти эҷодкорона меравад. Дар ин ҷараён фаъолиятӣ арзишноктарини донишҷӯ, хосияти шахсиятии ӯ ташаккул меёбад, кӯшишҳои эҷодии ӯ бедор мегарданд.

Муносибати мазкур талаб менамояд, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсиятии донишҷӯро фаро мегирад. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фанн ташаккул дода мешаванд. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фанн бахусус фанни таърихи халқи тоҷик такмил дода мешаванд.

Шумо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он дар фасли ҷудогона маълумот гирифтед. Аз ҷониби дигар дар муошират, дар сӯҳбати расмию касбӣ мо ифодаи "шахсияти салоҳиятнок" - ро истифода мебарем ва дар ин маврид медонем, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият ифода намоем. Мо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди низоми донишу малакаву маҳорати фанни таълимӣ ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ, болои фаннӣ низ мебошад.

Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешаванд. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо ҷудо мекунанд. Салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

*1.Салоҳиятҳои маърифатӣ - таҳлилӣ:*

– истифода бурда тавонистани донишҷӯ аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълим;

– таҳлили ақида ва муносибати байниақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;

– дарк намудани он ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;

– фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;

– таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо ба ҳамдигар ва сохтани чизи том дар омӯзиши таърих ниҳоят муҳим мебошад;

– аз ягон нуқтаи назар таҳлил намудани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо ва таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

*2. Салоҳиятҳои маърифатӣ - эҷодӣ*

– ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи маърифатии доншҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам, ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводҳои нав, ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммои таърихӣ;

– пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;

– омӯхтани роҳҳои таҳқиқи системаҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб, ки дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатӣ ниҳоят муҳим мебошад;

– омӯхтани сохтан ё бозсозии ашё, ақидаҳо тавассути тағйир додан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.

*Салоҳиятҳои маърифатӣ - таҳқиқӣ инҳоянд:*

– қудрати таҳлил ва баҳодиҳӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар, ки дар омӯзиши таърих ниҳоят муҳим мебошад;

– дарёфти фарқияти байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;

– истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;

– бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун;

– таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилияти фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

Дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба ташаккули *Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ, ки инҳоянд диққати хоса дод:*

– хонанда ё донишҷӯ эътироф намояд, ки таърих, фарҳанг, забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ва рафтори шахсии онҳо таъсир

мерасонад;

– ташаккул додани малакаҳо, фаҳмишҳо ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносии донишҷӯён мусоидат менамояд;

– таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули салоҳияти шахсиятии донишҷӯён;

– бедор намудани боварӣ ба қобилияти худ, худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан дар ҳолатҳои вазъиятӣ;

– ташаккул додани инкишофи шахсии донишҷӯён ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

*Дарки қадр, қимати хеш ва ҳифз намудани дигарон тавассути омӯхтани таърихи халқи тоҷик:*

– равшанфикр ва озодбаён буданро дар онҳо бедор намудан;

– омӯхтани маданият ва фарҳанги одамони гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба он;

– эътироф ва қадр кардани арзиш ва қиматҳои гуногун, ки на ҳамеша ба ақидаи шумо рост меоянд.

*Тавассути омузиши фанни таърихи халқи тоҷик дар донишҷӯён бедор намудани ҳисси дарк ва қадр кардани дастовардҳои истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангии Тоҷикистон:*

– таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқ ва омӯхтани вобастагии рушди устувор аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ вобастагӣ дорад;

– ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ашёҳои зинда ва ғайризинда чӣ тавр таъсир расонида метавонанд;

– таҳқиқ ва таҳлили амалҳои шахс ва ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор чӣ таъсире расонида метавонад;

- эътимоднок нишон додан, ки рафторҳои одамон чӣ тавр метавонад ба

некуаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбат мерасонанд. [112, с. 138-283].

Яке аз вазифаҳои асосии фанни таърих, таърихи халқи тоҷик васеъ гардонидани ҷаҳонбинии донишҷӯён мебошад. Дар муносибати босалоҳият яке аз вазифаҳои асосӣ т*ашаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ мебошад:*

– муҳиммияти донишҳои гуногунро донишҷӯён дар ҳаёти ҳаррӯзаи хеш бояд дарк кунанд;

– саводнокӣ аз калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳое иборатанд, ки ҳар яки он ҳангоми шарҳ мазмуни гуногун дорад;

– таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг ва арзишҳоро донишҷӯён бояд донанд;

– аз бар намудани ақидаҳо ва ахборҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд аз ҷониби донишҷӯён (масалан, маҳзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

– истифода аз технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим мебошад.

*Дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик донишҷӯён бояд таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои оламро тавассути донишҳои муайян донанд:*

– ҷустуҷӯи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

– интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;

– истифода аз дониши хеш дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

– таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумоти хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷамъ оварда шудаанд;

– истифодаи маводҳои таърихӣ ва технологияи муосир бо мақсади эҷоди

чизи нав, ки ниҳоят муҳим мебошад.

*Чизи фаҳмидаро баён карда тавонистани донишҷӯён ва барои онҳо манъ намудани донишҳои муайян яке аз талаботҳои муносибати босалоҳият дар омӯзиши фанни таърих мебошад:*

– дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо ба мақсади баён кардан, сохтан, ҳисоб кардан ва муошират карда тавонистан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;

– истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузорад;

– пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбори фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;

– интихоб ва истифодаи технологияи мувофиқ барои муоширати самаранок ва боодобона.

*Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ:*

– таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахсӣ ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

– ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароитҳои дигар;

– риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;

– нишон додани қатъият дар масъалаҳои ахлоқӣ, ба монанди “эҳтироми ҳар як шахс”;

– таҳқиқи он, ки арзишҳо ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида баён гардида, дар ғанӣ гардонидани ахлоқи башарӣ васеъ истифода мешаванд.

*Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаҳо:*

– дар омӯзиши фанни таърих мавқеи асосиро нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан ба саволҳо ташкил медиҳад;

– дар раванди дарси таърих дар муносибати босалоҳият имконият додан барои саҳмгузории ҳар як шахс дар баёни андеша муҳим мебошад;

– ба таври эътимоднок ва созанда пешниҳод кардани ақидаҳои гуногун

дар раванди дарси таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

– истифода аз усулу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил гардидани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матраҳшаванда;

- зоҳир намудани эҳтиром ба хеш ва дигарон ҳангоми муҳокима ва баҳс дар атрофии ҳодисаҳои таърихӣ. [78, с. 249].

Салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ифодакунандаи эҳтироми бепоён ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ, муҳаё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳо дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа мебошад, ки тавассути он донишҷӯён ба ҳаёти мустақилона дар ҷамъият омода мегарданд.

Донишҷӯй ё мутахассиси ояндаи босалоҳият, донандаи таърих ба атрофиён ёрӣ расонида, дорои мустақилият, фарҳангу маданияти баланд буда, қобилияти дигаронро ба эътибор мегиранд. Барои ба мақсади гузошташуда расидани дигарон ёрию мадад менамояд, муносибатҳои ғаразнок ва ноодилонаро нисбат ба худ ва дигарон раво намебинад, дар иҷрои вазифаи ба зимаашон буда, масъулият ва ҷавобгариро дарк менамояд.

Ташаккули тавоноии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар давраи муосири инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабул ва татбиқи консепсияи миллии таълим ва тарбия вобастагӣ дорад. Ин мавзуъ олимони соҳаи педагогикаи ватаниро низ бетараф гузошта наметавонад. Дар корҳои хеш академик М. Лутфуллозода, [52, с. 138]., Ф. Шарифзода, [112, с. 283]., Х. Буйдоқов [15, с. 427]., Зиёзода Т. Н [37, с. 19]., Каримова И. Х. [112, с. 283]., Д. К. Гиев [23, с. 20] ва дигарон нисбати ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи таърихии донишҷӯён оид ба қисматҳои ҷудогонаи ин проблема дахолат намудаанд. Махсусан, онҳо фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои гуногуни касбиро дар ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ мавриди омӯзиш қарор доданд.

Бо мақсади баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ташаккули салоҳияти онҳо олимони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф номгӯи

зиёди дастурҳои методии муносибати салоҳиятнокиро ба табъ расониданд. Танҳо Маҳкамов Д. дар соли 2018 - 2020 се дастури методиро зери сарлавҳаи Педагогикаи «Муносибати босалоҳият ба таълим», «Ташаккули муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Технологияи муносибати босалоҳияияйт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», омода намуда дастраси ҳаводорон намуд.

Маҳорати маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар решаи дониш ё донистан пайваст мебошад. Дар илми фалсафа гуфта мешавад, ки дониш оғоз мегардад, аз муроқибаи зинда ба тафаккури абстракт ва аз он ба амалия, ин аст зинаҳои маърифати ҳастӣ. А.Сино бошад, ин андешаро тақвият бахшида, тасдиқ менамояд, ки дониш оғоз мегардад, аз надонистан ва бо роҳи нодонӣ ба донистани асрори ҳастӣ расидан аст.

Мафҳуми «маҳорати маърифатӣ» дар ҳолатҳое истифода бурда мешаванд, ки дар инсон ғайр аз тавоноии маърифатӣ, майлу хоҳиши маърифатӣ ва равшан ифода ёфтани шахсият дар шакли талаботҳо мавҷуд бошад. Асоси инкишофи маҳорати маърифатиро он талаботҳои тарбияи шахсиятӣ ва инкишофи тафаккур ташкил медиҳанд, ки фаъолияти маърифатиро нисбати ӯ одамони атроф дастгирӣ ва ҳавасманд мегардонанд (ба ин мисол шуда метавонанд омӯзгорон, мурраббияҳо ва рафиқони ҳамсинну сол). [57, с. 5- 17].

Андешаи ташаккул додани тавоноии маърифатии хонандагону донишҷӯёнро дар илмҳои педагогӣ таҳлид намуда, ҳеҷ имконияте надорад, ки бо Л. С. Выготский розӣ нашавем. Вай асосан тамоми таваҷҷуҳи хешро дар асараш «Психологияи педагогӣ» ба он равона менамояд, ки ин мафҳум умуман чизи ҷудогона буда, аммо дар робитаи канданашаванда қарор дошта, дар дараҷаи олӣ коркард мегардад. [21, с. 27].

Дар таҳқиқотҳои хеш яке аз олимони намоён Б. М. Теплов се аломати асосии тавоноӣ ё иқтдори маъифатиро ошкор намуд, ки он дар шакли мафҳум қарор дошта, баъзан мутахассисон аз он исифода мебурданд:

1) лаёқат - ин хусусияти фардиятӣ - психологӣ мебошад, ки як шахсро аз

шахси дигар фарқ мекунад;

2) танҳо он махсусиятҳое, ки бо бобарорӣ муносибат доранд ва дар натиҷаи он як ё якчанд фаъолият иҷро мегардад;

3) лаёқатҳое, ки ба дониш, маҳорат ва малака мушарраф намегардонад, яъне он дар инсон вуҷуд дорад, гарчанде инсон ё донишҷӯ ба осонӣ ва бо тезӣ маводро азхуд намояд, лекин аз чӣ сабаб бошад, ки ба мутахассиси хуб табдил намеёбад. [92, с. 125].

Ба ин масъала аз ҳама бештар В. Д. Шедриков дар корҳои хеш таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мутобиқи андешаи ӯ «... лаёқатро ҳамчун хосияти низоми вазифавӣ муайян намудан мумкин аст, ки бисёр аломатҳои психикиро амалӣ менамояд. Онҳо чораҳои фардиятии зоҳиршавиро ноил буда, дар бобарорӣ зоҳир мегарданд, ки дар амалӣ намудани вазифаҳои ҷудогонаи психологӣ ифода меёбад. Дар давраи муайян намудани таъбирҳои инфиродии худзоҳиркунӣ, лаёқат ҳам ҳамон меъёрро нигоҳ медорад ва дар ҳолати тавсиф намудани он дар кадом фаъолияте набошад: Ҳосилнокӣ, сифат ва боварибахшӣ меафзояд». (105: 14-19)

Дар шароити муосир муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба тамоми шаклҳои ташаккулдиҳандаи дониш, малака ва маҳорати касбии донишҷӯён ниёз доранд. Ташаккули салоҳияти умумимаданӣ ва касбӣ ифодакунандаи аз ҷониби донишҷӯён буда, чӣ тавр ҳал намудани вазифаҳои таълимӣ ва аз худ намудани унсурҳои алоҳидаи он мебошанд.

Унсурҳои асосии баланд гардидани салоҳиятнокии таърихии донишҷӯён аз инҳо иборатанд: салоҳиятҳои маърифатӣ, зиракӣ, майлгирӣ ва амалиётӣ, ки дар тарзи фаъолияти онҳо ҳамчун омӯзгорони ояндаи фанни таърих тафриқаро ба вуҷуд меоранд. Се гурӯҳи методҳо, дар ташаккули салоҳияти доничӯён мавҷуд аст: методҳои таълими анъанавӣ, методҳои таълими касбӣ ва фаъолияти таълимӣ - касбӣ дар ташаккули унсурҳои салоҳиятнокӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Дарки моҳияти ин методҳо унсурҳои салоҳиятнокиро ташаккул дода,

иқтидори ҳал намудани вазифаҳои интихобнамударо дар донишҷӯён тавоно мегардонад. Низоми таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, лексионӣ - семинарӣ буда, бо бартариҳояш дар баланд бардоштани дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён амал намуда, ҳоло ҳам арзиши хешро нигоҳ медорад.

Дар ин метод дараҷаи аз бар намудани мавод то 30%, дар ҳолати истифода бурдан аз айёният то 50% ишора гардидааст. Дар ҳолати истифода бурдан аз айёният ва пайваст намудани он бо аудио ва воситаҳои шунавоӣ ва талаффуз доираи донишро боз ҳам васеътар намудан мумкин мегардид. Чунин тарз наметавонад ба хонандагон шароити гузаштанро барои азхудкунии дониши «тайёр» ба донишҳои дар таҷриба мустақилона ҳосилнамударо пайвандад.

Л. С. Выготский қайд менамояд: «Хондани калима ва алоқаманд гардонидани он бо ашё худ аз худ ба дарки мафҳум оварда намерасонад, танҳо дар ҷараёни фаъолияти гуногунҷабҳаи маърифатӣ донишҷӯён, ки баҳри ба даст овардани мақсади муайянро талош меварзанд, фаҳмиш ҳосил менамояд». [21, с. 27].

Технология ва методҳои фаъолияти таълимӣ - анъанавии фанни таърихро лексия ва семинарҳо ташкил медиҳанд. Ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён аз методу усулҳои шахсии ҳалли масъала вобаста буда, ин амал метавонад одаткунӣ, майлпайдокунӣ ва салоҳиятнокиро баланд бардорад.

Технология ва методҳои фаъолияти таълимӣ – касбӣ, дар натиҷаи коркард ва азхуд намудани унсурҳои ҷудогонаи ташаккулдиҳандаи салоҳиятнокӣ ва тафриқаи минбаъдаи он дар шароити махсуси фаъолияти таълимӣ - касбӣ ё дар таҷриба зери роҳбарии омӯзгор ҳосил мегардад, ки дар омодагии касбии донишҷӯён чизи асосӣ ба ҳисоб равад.

Ба ҳамаи мушкилотҳои педагогӣ нигоҳ накарда, низоми таълимӣ, лексионӣ - семинарӣ дар фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бешӯбҳа мавқеи арзандаро ишғол менамояд.

Дарси лексионии фанни таърихи халқи тоҷик унсурҳои ақлониро дар донишҷӯён инкишоф дода, чун ташаккули омодагии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар байни лексияҳо барои ҳалли вазифаҳои бамиёномада бештар лексияи барқароркунӣ, лексияи проблемавӣ, лексияи - визуаликунонидашуда, лексияи дунафара, лексияи пешакӣ барои ислоҳи хатоҳои мавҷудаи донишҷӯён ба нақша гирифташуда, лексияи конференсияи - матбуотӣ дар мавзӯҳои таърихӣ ниҳоят мувофиқ мебошанд.

Дар раванди *лексияҳои барқароркунӣ, воридшавӣ, фронталӣ ё умумигардонӣ* ва проблемаҳои методологии дорои моҳияти калони мазмуннокӣ омӯхта шуда, дониш ба танзим дароварда шуда, таркиби он ҷудо карда мешавад, ки боиси ташаккули салоҳияти таърихӣ мегардад. Тавассути лексияҳои барқароршавӣ вазифаҳоро кушода, фаъолияти таълимиро дар нимсола ё тамоми соли таҳсил муайян намудан мумкин аст. Дар лексияҳои барқароршавӣ бояд талабот ба натиҷаи таълим, ташаккули салоҳият, кушодани роҳҳои ба онҳо ноил гардидани донишҷӯён, методҳои назорат равшан ифода ёбад.

*Лексияҳои ҷамъбастӣ* (обзорный) аз фанни таърихи халқи тоҷик ё фанҳои ҷудогона ё гурӯҳи фанҳо дар давраи ба анҷом расидани маводи фанни таълимӣ хонда мешавад. Дар доираи он салоҳияти умумимаданӣ ё касбӣ ташаккул ёфта, на танҳо вазифаи тафтишотиро иҷро менамояд, балки донишҳоеро, ки донишҷӯ аз фанҳои гуногун ҳосил намудаанд, тафриқа мегардонад. Дар ин ҳолат лексия на танҳо вазифаи ба донишҷӯ додани ким - кадом дониш, дар баробари он аз худ ифодакунандаи тасаввуроти чуқур ва фаврии илмӣ, методологӣ ва ахбори касбӣ мебошад, ки майлгирии донишҷӯро ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ таъмин менамояд.

Педагогика ба ин чунин ҷавоб медиҳад: лаёқат - ин хусусияти махсуси фардиятии шахс мебошад, ки шароити субъективии бобарор татбиқ намудани шакли муайяни фаъолиятро ифода менамояд. Агар аниқтар ифода намоем, махсусият - ин хосияти рӯҳии инсон мебошад, ки ҳамчун маҷмӯи ҷараёнҳо ё

ҳолати номумкини психологӣ фаҳмида мешавад. [78, с. 249]. Тавре, ки тавоноӣ феномени психологӣ мебошад, бисёр олимони замони гузашта онро ҳамчун дараҷаи баланди инкишоф муайян намудаанд. Донишҳои асосӣ ва махсус маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро таъмин намуда, иҷрои бобарори намудҳои гуногуни фаъолиятро таъмин менамоянд. Ин шакли муайянкунӣ дар илмҳои педагогика ва психологияи асрҳои XVIII- XIX ниҳоят васеъ паҳн гардида буд.

Як қатор олимон тарафдори он буданд, ки салоҳияти иттилоотӣ - маърифатӣ ба инсон дар шакли тайёр дода нашудааст, вале баъзеҳо онро дар шакли ашё тасаввур намудаанд, ки онро бояд дошта бошанд. Маҳорат – ин чунин фарқиятҳои фардиятии инсон мебошад, ки ба малакаю маҳорату дониш намерасонад, лекин бо осонӣ ва тез аз бар намудани онро таъмин менамояд.

Яке аз назарияҳои маҳорат, ки мо мавриди таҳқиқи худ қарор додем, ба Б. М. Теплов мансуб мебошад. Вай дар кори хеш «Проблемаҳои фарқиятҳои инфиродии одамон» - ро мавриди омӯзиш қарор дода, пеш аз ҳама, ҳамчун инкишофи инфиродӣ - психологии фарқияти одамонро мавриди таҳлил қарор додааст. Мафҳуми лаёқатро давом дода, Б. М. Теплов қайд менамояд, ки «маҳорат – ин он чизест, ки ба дониш, маҳорат ва малака намерасонад, балки онҳоро таъмин менамояд. Азхуднамоии тезмустаҳкамкунӣ, истифодабарии самараноки маводро дар таҷриба таъмин менамояд». [93, с. 328].

Ин андешаро инчунин В. А. Крутецкий пайравӣ намуда, менависад: «Маҳорат - ин ҳамеша доштани қобилият ба фаъолияти муайян дар соҳае мебошад. Он танҳо дар соҳаи мушаххаси фаъолияти инсон мавҷуд аст. Аз ин рӯ, онро ошкор намудан танҳо дар фаъолияти мушаххаси инсон имконият дорад» [45, с. 199]. Ба ин андеша пайравӣ намуда гуфтан мехоҳам, ки омӯзгори фанни таърих бояд зиракиеро ноил бошад, ки чунин донишҷӯёнро ошкор ва ба онҳо самти муносибатро муайян карда тавонад, дар он ҳолат салоҳияти иттилоотӣ - маърифатӣ ташаккул меёбад.

Маҳорат ҳамчун категорияи психологӣ истифода бурда мешавад, барои муайян намудани хусусиятҳои инфиродӣ - психологии донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва фарқ кардани як донишҷӯ аз донишҷӯёни дигар аз он вобаста мебошад. Аммо аксар омӯзгорон маҳорати аз ҳам фарқ кардани донишҷӯёнро надоранд, ки ин боиси ташаккул наёфтани дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён мегардад. Маҳорат ҳамчун хосияти низомӣ - вазифавӣ имкон медиҳад, ҷойи лаёқатро муайян намуда, барои ташаккули он роҳ кушода гардад, ки яке аз мушкилоти педагогӣ мебошад. Аз ин рӯ лаёқатро дар се самт мавриди назар қарор медиҳем: ҳамчун, хосияти материяи олиташкили мағзи инсон; ки ифодакунандаи олами воқеӣ ҳамчун образи субъективии олами объективӣ ва ҳамчун фикру хаёлот ва андӯҳмандӣ [107, с. 3-7].

Аз рӯзҳои аввали таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳар як донишҷӯ худро дар иҷрои вазифаҳои касбӣ тасаввур менамояд ва ба гирифтани дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ муҳаббат зоҳир менамояд. Мушоҳидаҳои шахсӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки меҳнати донишҷӯ хондан ва аз бар намудани дониш, ҳосил намудани маҳорат ва малака мебошад, ки дар натиҷаи он фаъолияти маърифатӣ ташаккул ёфта, донишҷӯ аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ устувор мегардад. Як қатор таҳқиқотчиён дар зери мафҳуми лаёқат дониш ва маҳорати умумиро мефаҳманд, ки ба ин андеша мо низ ҳамфикрем.

Масалан, Э. А. Голубев тасдиқ менамояд, ки «донишҷӯён қудрате доранд, ки тамоми амалётҳояшонро тавассути ақлу андеша бо такя ба маводҳои берунӣ ва тамоюлҳои гуфторӣ иҷро намоянд» [24, с. 84- 100], Ю. А Смирнов [82, с. 81] чунин меҳисобад, ки лаёқат ҳамчун хосияти махсуси психологии инсон буда, дар шароити бобарор иҷро намудани амалҳои ӯ истифода бурда намешавад, ки ба ин андеша мо низ ҳамфикрем.

Андешаи олимон, дар бораи салоҳияти таърихии донишҷӯён, моро ба он водор менамояд, ки лаёқат дар тез ва дуруст аз худ намудани дониш, маҳорат ва малака зоҳир мегардад. Онҳо ба он такя менамоянд, ки намудҳои лаёқат зоҳир мегардад, инкишоф меёбанд, тавассути он фаъолиятҳое, ки ин лаёқатро талаб менамояд, инкишоф меёбад.

Лаёқати маърифатиро танҳо ба воситаи маҳорати маърифатӣ бояд баҳогузорӣ кард, дониш, маҳорат ва малака танҳо он вақт лаёқати маърифатиро ташаккул медиҳанд, ки олоти асосии фаъолият эҷодӣ гарданд ва дар ҷараён ширкат намояд. Масъалаи ташаккул ва инкишоф додани лаёқатро мавриди омӯзиш қарор додани С.Л. Рубинштейн [77, с. 712] ба он ишора менамояд, ки вақте инсон ба намуди муайяни фаъолият оғоз менамояд ё ба он омода мегардад, дар ӯ интихоби он фаъолиятҳои психологие рӯй медиҳад, ки фаъолияти мазкур онро талаб менамояд.

Оид ба ташаккул ва инкишофи лаёқат олимон Э. А. Голубев, [24, с. 100]., Е. А. Климов, В. С. Мерлин, Х. Буйдоқов [15, с. 427] ва дигар олимон корҳои зиёдро сомон бахшидаанд ва мо бояд дар раванди кор онро ба инобат гирем.

Бисёр олимони ҷаҳонӣ, дар муносибати эмпирӣ ба проблемаи ташаккули салоҳияти донишҷӯён дахолат намудаанд, аммо асосгузори проблемаи лаёқат Л. А. Гордан [25, с. 41-50] ба ҳисоб меравад, ки метод ва методикаи муоинаи психологиро пешниҳод намуд, ки то имрӯз муфаттишон дар корҳои ҷиноӣ аз он истифода мебаранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки кушода намудани лаёқати донишҷӯён то ҳол яке аз мушкилоти педагогӣ боқӣ мондааст.

Аз рӯйи механизми психологӣ ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён на танҳо чизи намоишӣ, балки қобилияти маҳоратӣ мебошад, ки фаъолияти майлгириро ба омӯзиши фанни таълимӣ ифода менамояд. Махсусияти дараҷаи инкишофи фаъолиятро махсусияти лаёқат муайян намуда, ба ташаккулёбии лаёқати махсус мароқ пайдо намудан, ба омӯзиши фанни таърих оварда мерасонад. Дараҷаи инкишофи салоҳияти таърихии донишҷӯён аз рӯи фаъолияти бобарори онҳо баҳогузорӣ карда мешаванд.

Дар илми педагогика ва психология мақсаднок аст, ки на ҳама гуна лаёқати инсон ҳамчун лаёқати психологӣ дониста шавад. Дар зери мафҳуми лаёқатҳои психологӣ хосияти образҳои махсус материя (мағзи сар, системаи асаб) фаҳмида мешавад, ки вазифаи ифодаи инъикоси олами мавҷударо иҷро менамояд, ки аз рӯйи дарк намудан, андеша кардан, эҳсос намудани

донишҷӯён баҳогузорӣ карда мешаванд.

Фарқияти лаёқатҳои махсус ва умумии донишҷӯёнро Д. Н. Завалишин ба ҳам мепайвандад, ки мутобиқи андешаи ӯ лаёқат на аз рӯйи низоми вазифавии психологӣ, балки аз рӯйи шаклҳои фаъолияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баҳогузорӣ карда мешавад. [35, с. 20].

Дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ лексия метавонад ба таври махсус ташкил дода шавад, ки омили асосии фаъол гардонидани худомӯзӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён маҳсуб меёбад. Чунин шакли лексияҳо метавонанд, ки мавқеъи касбӣ ва ҷаҳонбинию худшиносии донишҷӯро аз фанни таърихи халқи тоҷик бедор намоянд.

Ногуфта намонад, ки лексияи дилчаспу ҷолиб, бо технологияи муосир муҷаҳаз донишҷӯро монда, хаста ва дилхунук нанамуда, балки дар ӯ муҳаббатро ба фанни таълимӣ ва касби интихобнамуда бедор намуда, ба тақлид ва пайравӣ ҳидоят менамояд. Дар баробари майл пайдо намудан ба дарки мазмуни фанни таълимӣ, вазифаи омӯзгор дар давраи гузаронидани лексия аз он иборат аст, ки шароити мақомгирии донишҷӯёнро барои қабул намудани қиммату арзишҳои фаъолияти касбӣ ва татбиқи он дар амал омода намояд.

Лекин дар шароити муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нарасидани чунин омӯзгорон мушкилоти педагогиро ба миён овардааст. Дигар мушкилоти педагогӣ ниҳоят камчин будани китоби дарси, дастурҳои таълимӣ - методӣ, маводҳои тақсимшаванда, воситаҳои айёнӣ ва китобхонаҳои электронӣ мебошад.

## 1.2. Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

«Таърихи бошарафи халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ буда, мо уҳдадорем бо он ифтихор намоем, саҳифаҳои равшани қаҳрамонӣ ва корнамоиҳои гузаштагонамонро омӯзем, онро ҳамчун асоси андешаи

инсондӯстӣ ва садоқат ба Ватан татбиқ намоем. Мо бояд пешгузаштагонамонро донем, аз ориёӣ будани хеш ифтихор намоем…

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд: *«Арзиши илмии таҳқиқоти бунёдии «Тоҷикон», ки аз ҷониби Бобоҷон Ғафуров тавассути заҳматҳои бисёрсола анҷом дода шудааст, моро бо олами пурҷилои таърихи миллатамон шинос менамояд».* [135, 22]

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, фаъолона ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён тавассути дарсҳои таърих ва таърихи пурғановати миллати тоҷик таъсир расонида, тарбияи маънавӣ - ахлоқии онҳоро тавоно гардонида, бухрони маънавиро аз ҷомеа дур месозанд. Насли наврас тавассути дарсҳои таърихи халқи тоҷик дорои маданияти баланди башардӯстона гардида дар хоҷагиҳои халқи мамлакат ҳамчун мутахассиси баландмоя фаъолит ва зиндагӣ менамоянд.

Тарбияи маънавӣ - ахлоқии шахс дар тамоми давру замон мубрам буда, дар шароити муосир маҳияти махсусро касб намудааст. Олимон тасдиқ менамоянд, «…Тарбияи маънавӣ - тарбияи муносибати арзишӣ ба ҳаёт, таъминкунандаи устувор ва инкишофи муътадили инсон буда; тарбияи ҳисси уҳдадорӣ, боадолатӣ, ростӣ, масъулият ва дигар сифатҳо ба ҳаёти инсон мазмуни олӣ мебахшанд, ки бедор намудани он вазифаи ҷонии омӯзгори фанни таърих мебошад». [52. с. 413].

Дар фаъолияти педагогии хеш, баргузор намудани тадбирҳои мақсадноки ташкилӣ оид ба тарбияи маънавӣ - ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти олимон, шоирон, лашкаркашон, қаҳрамонон ниҳоят муҳим мебошад. Чунин тадбирҳо, тавассути дарси таърихи халқи тоҷик, шуури башардӯстонаи донишҷӯёнро ташаккул дода, ҳиссиёти баланд, иродаи қавӣ, муҳаббат ба халқу ватан, эҳтиром ба волидон, ғамхорӣ дар

ҳаққи мероси таърихии гузаштагонро бедор намуда, онҳоро ба андешаи созандагию бунёдкорӣ ҳидоят менамояд.

Арзишҳои маънавӣ - ахлоқӣ донишҷӯёни ҷавон ифодаи хешро дар зоҳиршавии андешаҳо, талабот, завқу шавқ, дараҷаи талоши онҳо ва майлу хоҳишашон ба омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мушоҳида мегардад. Дар шароити муосир вазифаи асосии фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарбия намудани донишҷӯёни ҷавон ҳамчун ватандӯсти ҳақиқӣ, ки бо ахлоқи баланд, муҳаббат ба илм, меҳнатдӯст, инсондӯст ва омода будан ба хизмати содиқона ба Ватан тарбия карда мешаванд.

Таърих баромадаш аз калимаи Юнонии «История» буда, таҳқиқ ва нақли ҳодисаҳоро ифода менамояд. Таърих фанни махсусе мебошад, ки донишҷӯён тавассути он тамоми самтҳои салоҳияташон рӯ ба ташаккул мениҳад. Таърих методи маҳсуси омӯзиши хешро ноил буда, дар ҳолати риоя нагардидани он дар донишҷӯён ягон шакли салоҳиятнокӣ ташаккул намеёбад.

Калимаи «метод» ё «методика» аз калимаи қадимии юнонӣ «методос» гирифта шуда, маънои «роҳи таҳқиқот», «тарзи маърифат»-ро ифода менамояд. Моҳияти фанни таърих дар тамоми ҳолат як хел набуд, бо инкишофи методҳои таълими фанни таърих он асоси илмӣ пайдо менамояд. Таърих ҳамчун илм даврахои мураккаби инкишофи худро тай намудааст.

Ба масъалаи мушкилоти маърифатии фанни таърих бештар И.Я. Лернер таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Аз маводҳои сершумор, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва умумигардонӣ карда шудаанд, барои ҳалли масъала онҳое истифода бурда мешаванд, ки вазифаҳои таълимӣ - инкишофдиҳанда ва тарбиявиро иҷро карда тавонанд. Дар бисёр ҳолатҳо дар омӯзиши таърих дониш дар шакли одаткунӣ ба низомнокӣ пешниҳод карда мешавад. Асоси маърифат будани таълими фанни таърихро дарк кардан ва қабул намудан зарур меояд. [51, с. 3- 46].

Донистани ҳодисаҳои таърихӣ аз гирифтани маълумот аз сарчашмаҳои гуногуни ахбороти берунӣ вобаста мебошад. Бо донистани танҳо маводҳои

китоби дарсии таърих омӯзгори ояндаи фанни таърих мутахассиси босалоҳияти дорои ҷаҳонбинии васеъ шуда наметавонад. Ба даст оварда тавонистани ахбор барои хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳатмӣ буда, ибтидои ҷараёни маърифат маҳсуб меёбад.

Сарчашмаҳои донишҳои таърихӣ гуногунанд, ки ҷойи махсусро дар маърифати таълимии фанни таърих, айёнияти намоишӣ, харита, саволномаҳои мавзуҳо ташкил медиҳанд. Аз донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик устувории ирода, диққат, дар хотир нигоҳ дошта тавонистан, тахайюлот, ифодаи зуҳурот ва андешаофариро талаб менамояд.

Дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ҳар чи бештар ба он равона намудан зарурият дорад, ки аз раванду ҳодисаҳову далелҳоро мустақилона ҷустуҷӯ ва пайдо намуда тавонанд. Ин омил ҳавасмандии донишҷӯёнро ба донистани ҳодисаҳои таърихӣ бедор намуда, ба ҷустуҷӯ ҳавасманд гардонида, дар оянда ба омӯзгори хуби фанни таърихи халқи тоҷик табдил дода метавонад. Барои ин ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донистани сарчашмаҳои гуногуни донишҳои таърихӣ ва маҳорати истифода бурда тавонистан аз он ниҳоят муҳим мебошад.

Фанни таърих дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ як хел омӯхта намешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти техникӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, ҳуқуқ, тарбияи ҷисмонӣ ба донишҷӯён оид ба фанни таърих танҳо фаҳмиши умумӣ медиҳанд. Аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ масъала тамоман дигар хел сурат мегирад.

Дар блоки 1-и нақшаҳои таълимӣ, ки характери умумигуманитарӣ ва умумииҷтимоӣ доранд, омӯзиши 6 фанни асосии тавсияшаванда дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва мансубияти идоравиашон дар ҳаҷми соатҳои пешбинишудаи нақшаи таълимӣ ҳатмӣ мебошад:

1. Забони тоҷикӣ (аз рӯи ихтисос);
2. Таърихи халқи тоҷик;
3. Забони русӣ;
4. Забони хориҷӣ;
5. Фалсафа;
6. Тарбияи ҷисмонӣ.

Тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои фаъолият дар омода намудани мутахассисони ҷавон бояд иҷозатнома дошта бошанд. Озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, дар асоси литсензияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери рақами АУ №000026, аз 30 октябри соли 2002 ва Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №20/3 аз 25 октябри соли 2002 ба омода намудани омӯзгорони оянда сару кор гирифтааст.

Муҳлати таҳсили донишҷӯён барои ин ихтисос дар сурати таҳсилоти рӯзона 3 (се) сол ва фосилавӣ 4 (чор) сол муқаррар гардидааст. Касби асосии хатмкунандагони факултети «таърих» - и муассиса омода намудани омӯзгорони фанни таърих барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Омода намудани мутахассиси соҳаи таърих дар асоси талаботи Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаи таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дар асоси барномаи таҳсилоти асосӣ омода намудани мутахассиси таърих аз фанни гуманитариву иқтисодӣ, табииву риёзӣ, умумитахассусӣ, касбӣ ва фанҳои тахассусӣ, интихобиву факултативӣ ба роҳ монда мешавад. Нақшаҳои таъламии ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия гардида, муҳлати фаъолияти он панҷ сол мебошад. Дар асоси он омӯзгорон нақшаи таълимии корӣ месозанд, ки як сол амал карда метавонад. Қисматҳои асосии нақшаи таълимиро инҳо ташкил медиҳанд:

- нақша ё ҷадвали ҷараёни таълим;

- буҷаи вақти донишҷӯ (сарбории умумии донишҷӯ);

- нақшаи ҷараёни таълим бо назардошти ҳаҷм ва пайдарпайии омӯзиши фанҳои алоҳида ва тақсимоти онҳо аз рӯйи намудҳои машғулиятҳои таълимӣ (мустақилона ва аудиторӣ), шаклҳои санҷишҳои фосилавӣ ва аттестатсияи ҷамъбастии донишҷӯён.

Нақшаи намунавии таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарафи идораи марбутаи мақомоти соҳаи маориф таҳия карда шуда, кафедра ва факултети муассисаи таълимӣ дар асоси он нақшаҳои таълимии худро тартиб медиҳанд.

Ҳама гуна нақшаҳои таълимӣ, бояд дар асоси нақшаи таълимии базавии намунавӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, таҳия мешаванд. Микдор ва ҳаҷми соатҳои омӯхташаванда бояд аз ҳаҷми соатҳо ва микдори фанҳои дар Стандарти давлатии таҳсилот ва нақшаи намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда зиёд ё кам набошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ихтисосҳо аз рӯи шифри ихтисос, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст амал менамоянд. Дар нақшаҳои таълимӣ ҳаҷми умумии сарборӣ аз ҳар як фанни таълимӣ, тақсими он ба соатҳои машғулиятҳои аудиторӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯён оварда мешавад.

Ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ шаклҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба монанди олии касбӣ, (бо назардошти микдори донишҷӯён дар гурӯҳҳои талимӣ) чунин мебошад:

- дарси назариявӣ (лексия);

- дарсҳои амалӣ (семинар);

- семинар ё коллоквиум;

- дарсҳои лабораторӣ;

- шаклҳои дигари таълим;

- таҷрибаомӯзии таълимӣ;

- таҷрибаи истеҳсолӣ;

- намудҳои дигари таҷрибаи гурӯҳӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар шароити муосир муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зерсохтори донишгоҳҳо буда, дар зинаи менеҷмент кадрҳоро барои хоҷагии халқи кишвар омода менамоянд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои омода намудани кадрҳои зинаи миёна дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқии донишгоҳҳо, ки Шӯрои олимон тасдиқ намудааст, корҳои таълимӣ - тарбиявиро ба роҳ мемонанд. Ба машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инҳо дохил мешаванд: машваратҳо, корҳои санҷишӣ, корҳои мустақилона (дар зери назорати устод), корҳои курсӣ, кори дипломӣ ва ё рисолаи дипломӣ.

Ҳангоми таҳия намудани нақшаи таълимии кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муассиса наметавонад муҳлати дар нақшаҳои намунавии таълимӣ нишондодашдаи сессияи имтиҳонӣ, таҷрибаомӯзиҳо, аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ ва таътилро аз рӯйи ин ё он самти омода намудани мутахассисон вобаста ба талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот тағйир диҳанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои шахсоне, ки таҳсилоти пурраи миёна доранд, мӯҳлати таҳсил аз рӯйи барномаҳои махсуси омода намудани мутахассисон то ба як сол дар шаклҳои таълими фосилавӣ нисбати мӯҳлатҳои дар Стандартҳои давлатии таҳсилот муқарраршуда меафзоянд. Ҳаҷми максималии сарбории донишҷӯён дар шакли таҳсилоти фосилавӣ дар 1 ҳафта ба миқдори 54 соат бо назардошти соатҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ (мустақилона) муайян карда шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳаҷми сарбории соатҳои аудитории донишҷӯён дар шакли рӯзонаи таълим набояд аз 27 соат, дар ҳафта зиёд бошад, соатҳои дарси тарбияи ҷисмонӣ ва фанҳои факултавӣ ба он дохил намешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми омодагӣ ба имтиҳон, санҷиш ва такроран супоридани санҷиши донишҷӯён вақт пешбинӣ мешавад. Дар Стандарти давлатӣ ва

барномаҳои асосии таълимӣ ва нақшаҳои таълим диққати асосӣ ҳангоми тайёр намудани мутахассиси соҳаи муайян ба фанҳои тахассусӣ бештар дода мешавад. Ҳангоми иҷрои барномаҳои таълимӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳуқуқ доранд:

- ҳаҷми соатҳои умумии ба фанҳои тахассусӣ ҷудошударо то 5% ва фанҳои алоҳидаро то 10% тағйир диҳанд.

- силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ - иқтисодиро иборат аз 10 фан интихоб намоянд, ки дар Стандартҳои давлатии таҳсилот нишон дода шудааст ва аз онҳо 6 фаннашро асосӣ меҳисобанд (забони тоҷикӣ, забонҳои хориҷӣ, тарбияи ҷисмонӣ, таърихи халқи тоҷик, философия, забони русӣ).

Интихоби фанҳои дигар бошад, дар салоҳияти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Дар ин ҳангом ҳамгироии фанҳо ба курсҳои байнисоҳавӣ бо нигоҳдошти минимуми мазмун имконпазир аст:

- таълими фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ - иқтисодиро дар намуди лексияҳо, дарсҳои амалӣ, сименарҳо аз рӯи барнома, ки бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, милливу маҳаллӣ ва касбӣ таҳия шудаанд, ба роҳ мемонанд;

- машғулиятҳоро аз рӯйи фанни тарбияи ҷисмонӣ дар тамоми шаклҳои таҳсилот ба нақша гирифтан зарур аст;

- ҳаҷм, шакл, мазмун ва мундариҷаи таълими фанҳои алоҳидаи ба сикли гуманитарӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, математикиву табиатшиносӣ дохилшавандаро бо самти фаъолияти муассиса муайян намоянд;

- дар шакли муайяннамудаи Стандарти давлатии таҳсилот номгӯйи ихтисосҳо, номгӯйи фанҳои тахассусӣ, ҳаҷм ва мазмуну мундариҷаи онҳо ва инчунин шакли назорат аз болои онҳоро муайян карда мешавад;

Талаботи минимуми Стандарти давлатӣ бо ҳаҷми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои кори мустақилона ва шакли назорати донишҷӯ аз блоки фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодии нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**Ҷадвали № 1**

| № | Номи фанҳои таълимӣ | Соат ҳамагӣ | Аудит орӣ | Муст-на | Шакли назорат |
|---|---|---|---|---|---|
| | Забони тоҷикӣ (Омӯзиши забон аз рӯи ихтисос) | 140 | 70 | 70 | Санҷиш имтиҳон |
| | Забони хориҷӣ | 280 | 140 | 140 | Санҷиш имтиҳон |
| | Забони русӣ | 212 | 106 | 106 | Санҷиш имтиҳон |
| | Тарбияи ҷисмонӣ | 140 | 70 | 70 | Санҷиш |
| | Таърихи халқи тоҷик | 140 | 87 | 53 | Санҷиш имтиҳон |
| | Фалсафа | 140 | 70 | 70 | Санҷиш имтиҳон |
| | Сиёсатшиносӣ | 108 | 54 | 54 | Имтиҳон |
| | Сотсология | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Педагогика ва психология | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Назарияи иқтисод | 108 | 54 | 54 | Имтиҳон |
| | Ҳуқуқ | 72 | 36 | 36 | Имтиҳон |
| | Фарҳангшиносӣ | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Асосҳои демография | 20 | 18 | 2 | Санҷиш |
| | Этика ва эстетика | 72 | 36 | 36 | Санҷиш |
| | Фанҳои интихобӣ | 68 | 34 | 34 | Санҷиш |

Тақсимоти соатҳои нақшаҳои талимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар блокҳои фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ (блоки II)

**Ҷадвали № 2**

| Ихтисосҳо / Блокҳо | Гуманитарӣ | Табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ ва аграрӣ |
|---|---|---|
| I | 850<br>1700 | 700<br>1400 |
| II | 175<br>350 | 500<br>1000 |
| Ҷамъ: | 1025<br>2050 | 1200<br>2400 |

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба донишҷӯён кушодани моҳияти фанни таърих дар соҳаи маълумоти миёна ва касбии инсон, заминаҳои

равоншиносию омӯзгории азбаркунии ин фан, алоқаи таърихи мактабӣ бо фанни таърих ҳамчун илм ва истифодаи он дар соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ниҳоят муҳим мебошад. Таъмини омӯзиши фанни таърих бо барномаҳои мактабӣ, китоб ва васоити таълимӣ дар шароити муосир мубрамияти хоса касб намудааст.

Дар раванди омода намудани омӯзгори ояндаи фанни таърих, тарбия намудани муносибати эҷодӣ оид ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ниҳоят муҳим мебошад. Омӯзгори оянда бояд истифодабарии навгониҳои илмиро дар ҷараёни таълими фан, таҳлили мустақилонаи маводҳои таълимӣ, татбиқи усулҳои гуногунро дар рафти дарс дониста, барои инкишофи майлу рағбати хонандагон шароити хубро таъмин карда тавонад. Омӯзгори фанни таърих бояд дорои чунин сифатҳо бошад:

- бо барномаҳо, китоби дарсӣ ва васоитҳои таълим муфассал ошноӣ дошта бошад;
- усули таълими мавзуҳои мушаххаси фанни таърихи мактабиро донад, имконияти истифодаи усулҳои мухталифи таълимро дошта бошад;
- гузаронидани таҳлил ва муқоисаи мавзуъ ва инъикоси ҳамон мавзуъ дар васоити гуногуни таълимӣ;
- татбиқи роҳҳои бартараф намудани душвориҳои донишазхудкунии шогирдон ва фаҳмонида додани сабаби саҳву хато намудани онҳо;
- ба нақша гирифтани маводи таълимӣ ва муҳокимаи матни маводи таълим;
- муҳокимаи моҳият ва усули корҳои таълимӣ - тарбиявӣ ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он.

Дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касб самти омӯзиш ва соатҳои таълимии фанни таърихи халқи тоҷик якхел нест. Аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, ки омӯзгорони ояндаро омода менамоянд, ғайр аз омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик фанҳои ёрирасони таърих омӯхта мешаванд. Ба фанҳои ёрирасони таърих инҳо дохил

мешаванд: хронология, метрология, этнография, нумизматика, полеография, гералдика ва ғайраҳо, ки барои омӯзиши он 94 соат ҷудо гардидааст, дохил мешаванд.

Мафҳуми *хронология,* хронологияи таърих, таърихи пайдоиш, вақт ва ҳисоби он барои донишҷӯён ниҳоят муҳим мебошад. Тавассути он донишҷӯён солшуморӣ ва корро бо тақвимҳои бобулӣ, мисрӣ, ҳиндӣ, чинӣ ошно мегарданд. Тавассути хронология донишҷӯён ба солшумории юнонӣ, григорянӣ, эронӣ, мусулмонӣ, халқӣ абҷад, мучал ошноӣ пайдо намуда, барояшон аз бар намудани фанни таълимӣ осон мегардад.

Мафҳум, вазифа ва предмети *полеография,* таърихи пайдоиш ва инкишофи он барои донишҷӯён таърихи пайдоиши хатро мекушояд. Тавассути ин фан донишҷӯён ба таърихи хат, намудҳои хат: хати финикӣ, оромӣ, юнонӣ, суғдӣ, бохтарӣ, ҳабашӣ, арабӣ, хати лотинӣ, славянӣ шиносоӣ пайдо менамоянд. Онҳо тавассути ин фанн имконияте пайдо менамоянд, ки дастхатҳои қадимиро омӯхта ҷаҳонбинии хешро васеъ гардонанд.

Мавқеи илми *нумизматика* дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда ниҳоят калон мебошад. Омӯзгориояндаи фанни таърих бе шинохтани хазина, танга, пул ба кадом давра мансубият доштани онро фаҳмонида наметавонад. Фанни дигари иловагӣ барои ташаккули маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ *метрология* мебошад, ки тавассути он донишҷӯён бо ченаки андоз дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи инсонӣ фаҳмиш ҳосил менамоянд.

Омилҳои дигар дар ташаккули маданияти башардӯстонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ *катиба ва китобшиносӣ* мебошад, ки онро ба донишҷӯён ёд додан зарур мебошад. Дар ташаккули дониши таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ катибаҳои саргаҳи Зарафшон, Самарқанд ва Бухоро ниҳоят муҳим мебошанд.

Дар ташаккули дониши таърихии донишҷӯён, фанҳои ёрирасони таърих *ономастика* ҳамчун фанни ёрирасон, шохаҳои ономастика: *тапонимика,*

*этнонимика, гидрономика, генеалогия, антропонимика* мавқеи хосаро иҷро менамояд. Барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд тадбиреро андешид, ки онҳо типҳои *антропологӣ ва оилаҳои забонҳои* ҷаҳониро донанд ва шарҳу эзоҳ намуда тавонанд. Одамонро аз рӯйи нишонаҳои: лингвистикӣ, антропологӣ, динӣ ва нажодӣ ба осонӣ ҷудо карда тавонанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ба аҷдодони қадимии тоҷикон, этноси миллӣ, пайдоиш ва моҳияти он диққати махсус дода мешавад. Нишонаҳои этнос умумияти Худо, забон, маданият ва иқтисоду ҳудуд мебошад. Дар дарсҳои таърих ба донишҷӯён маданияти моддӣ ва маънавӣ, адабиёт, фолклор, дин: санъат, мусиқӣ, қадимияти баёни андешаро фаҳмонидан зарур аст.

Дар факултети таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ барои омӯзиши фанҳои тахассусӣ дар стандарт 4411 соат ҷудо гардидааст, ки аз он 124 соаташ барои омӯзиши *«Таърихи маданияти халқҳои ҷаҳон»* равона карда мешаванд, ки ин барои омӯзгори фанни таърих гардидани шогирдон ниҳоят муҳим мебошанд. Барои шинохти тарзи ҳаёти ҷамъияти ибтидоӣ, сохти ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ, сотсиалистӣ ва тарзи ҳаёти муосир донистани маданият, шаклҳои он, сарҳадҳои маданият ва ба ҳам омезиш ёфтани маданияти башарӣ ва ташкил ёфтани маданияти интернатсионалӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Дар барномаҳои таълимӣ, стандарти давлатӣ барои омода намудани омӯзгорони ояндаи самти таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, барои омӯзиши «Таърихи дунёи қадим» 312 соат ҷудо карда шудааст. Таърихи дунёи қадим як давраи бениҳоят дуру дарози таърихи башарият, – яъне ҷамъияти ибтидоӣ ва форматсияи иқтисодии ғуломдориро дар бар мегирад. Мақсади омӯзиши таърихи дунёи қадим аз он иборат аст, ки донишҷӯён доир ба рафти тараққиёту инкишофи таърихи инсоният дар давраҳои ҷамъияти ибтидоӣ ва сохти ғуломдорӣ тасаввуроти аниқ пайдо намоянд. [124, с. 160].

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ба донишҷӯён «Таърихи асрҳои миёна» дар доираи 272 соат омӯхта мешуд. Таърихи асрҳои миёна аз асри V, аниқтараш аз барҳам хӯрдани империяи ғуломдории Рим оғоз гардида, то нимаи дуюми асри XVII, яъне то инқилоби буржуазии Англия давом кардааст, ки дар навбати худ ба се давра тақсим мешавад:

1. Давраи пайдоиш ва мустаҳкамшавии феодализм дар Аврупои Ғарбӣ (ба асрҳои V-X) мансубият дорад.

2. Давраи тараққиёт ва гулгулшукуфоии феодализм (асрҳои XI-XV).

3. Давраи таназзул ва аз байн рафтани феодализм (асрҳои XV нимаи аввали асри XVIII).

Омӯзиши таърихи асрҳои миёна ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки қонуниятҳои умумии инкишофи ҷамъияти феодалиро кушода, хусусиятҳои ба худ хоси феодализмро дар давлатҳои алоҳида муайян созанд ва дар ҳамин доира ба хонандагон расонанд.

Дар барномаҳои таълимӣ, стандарти давлатӣ ва нақшаҳои корӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯзиши фанни *«Таърихи наву навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико»* 272 соат ҷудо карда шудааст, ки фикр мекунам басанда мебошад. Давраи нав ё худ капитализм аз инқилоби буржуази Англия (солҳои 1640-1653) шуруъ шуда, то Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр (с.1917) давом кардааст, ки ин дар навбати худ ба ду марҳала тақсим мешавад.

Дар марҳалаи аввал донишҷӯён дар бораи муносибатҳои капиталистӣ дар дохили давлатҳои феодалӣ ошноӣ пайдо намуда, оҳиста - оҳиста бартараии капитализмро нисбат ба боқимондаҳои тарзи истеҳсолоти феодалӣ дарк менамоянд. Дар охири марҳилаи якум капитализм дар давлатҳои Авропо ва Амрико пурра барқарор мегардад, ки аломату нишонаҳои онро донистани донишҷӯён дар ташаккули салоҳияташон ниҳоят муҳим арзёбӣ менамоянд.

Дар марҳалаи дуюм (солҳои 1870-1917) ба донишҷӯён муносибатҳои капиталистиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмию

фарҳангии давлатҳои капиталистӣ фаҳмонида, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX капитализм ба зинаи олии худ - «империализм» дохил гардиданашро асоснок намудан зарур мегардад.

Омӯзиши «Таърихи нав» имконият медиҳад, ки донишҷӯён қонуниятҳои асосии давлатҳои капиталистиро дар давраҳои гуногуни инкишоф муайян карда, марҳилаи якуми таърихи нав аз ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр то ба итмом расидани ҷанги дуюми ҷаҳонро фаҳманд. Хусусияти ба худ хоси ин давра аз он иборат аст, ки аввалин бор дар ҷаҳон давлати сотсиалистӣ ташкил ёфта, заволи системаи мустамликадории империалистӣ ба миён омада, зиддияти байни давлатҳои абарқудрати империалистӣ торафт тезутунд гардида, ба оғози ҷанги дуюми ҷаҳон оварда расонид. [123, с. 110].

Марҳалаи дуюм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ таърихи башариятро аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон то ба имрӯз дар бар мегирад, ки ниҳоят давраи ҳассос мебошад. Хусусияти асосии ин давра дар бавуҷудоии тағйироти қатъӣ дар муносибат байни қувваҳои мухталиф дар миқёси ҷаҳон ба манфиати демократия ва пурқувват гаштани ҷомеаи демократӣ зоҳир мегардад, ки донистани он барои омӯзгори оянда, ки бо сиёсат сару кор мегиранд, ниҳоят мубрам мебошад.

Барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пӯшида намемонад, ки имрӯз сиёсати ҷаҳони муосирро сарварони давлатҳои абарқудрати империалистии Аврупою Амрико муайян месозад. Аз ҳамин ҷост, ки омӯзиши таърихи навтарини давлатҳои Аврупою Амрико хатмкунандагони факултети таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгориро на танҳо бо донишҳои таърихӣ мусаллаҳ месозад, балки ба онҳо имконият медиҳад, ки ҷойи худро дар ҳалли масъалаҳои пешбурди корҳои давлатӣ ба зинаҳои баландтару пешқадамтари иқтисодӣ - иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ муайян намоянд.

Дар стандарти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ барои омӯзиши «Таърихи халқи тоҷик» 784 соат ҷудо карда шудааст, ки онро

ниҳоят дар ташаккули салоҳияти омӯзгорони оянда самаранок истифода бурдан зарур аст. Таърихи халқи тоҷик қисми таркибии таърихи умумибашарӣ буда, дар бораи маскунгоҳҳои одамони ибтидоӣ дар марзҳои Осиёи Миёна андешаронӣ менамояд. Донишҷӯён тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар бораи давлатҳои ғуломдорӣ, пайдоиши аломат ва нишонаҳои сохти феодалӣ дар асрҳои IV-VI маълумот ҳосил менамоянд.

Тавассути омӯзиши ин фанни таълимӣ, донишҷӯён давраи барқарор ва пойдоршавии сохти феодалиро ба асрҳои VIII-X вобаста дониста, заминаҳои ташкилёбии аввалин давлатдории тоҷикон (давлати Сомониён)-ро омӯхта аломатҳои пешқадами онро муайян менамоянд. Тавассути омӯзиши ин давра донишҷӯён ба анҷом расидани ташаккулёбии халқияти тоҷик, маданияти тоҷикон дар асрҳои 1X- X ва аҳамияти умумиҷаҳонии онро дарк намуда, бо ҳаёти халқи тоҷик дар ҳайати давлатҳои феодалии асрҳои XI-XII шиносоӣ пайдо менамоянд.

Тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик донишҷӯён ба муобризаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарони Македонӣ, Араб, Муғул шинос, гардида, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании Осиёи Миёнаро дар асрҳои XIV-XVI ҳамаҷониба меомӯзанд. Таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки шароитҳои иҷтимоӣ - иқтисодии Осиёи Миёнаро дар нимаи дуюми асри XVIII омӯзанд ва салоҳияти таърихии хешро ташаккул диҳанд.

Тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик донишҷӯён ба муносибатҳои байниҳамдигарии Осиёи Миёна ва Россия шиносоӣ пайдо намуда, ҷиҳатҳои пешқадами онро баён карда метавонистагӣ мегарданд. Ба воситаи ин фанни таълимӣ донишҷӯён дониш ҳосил менамоянд, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX Осиёи Миёна аз тарафи Россия истило карда шуд ва моҳияти он дар чӣ мебошад.

Донишҷӯён дар ин раванд ба афзоиши муборизаҳои озодихоҳона халқи тоҷик аз генерал - губернатори Туркистон ва Аморати Бухоро шиносоӣ пайдо намуда, шуури сиёсии онҳо ташаккул меёбад. Таъсири ин ҳодисаҳои сиёсии

Россия дар Осиёи Миёна ва иштироки халқҳои ин сарзамин ба ин ҳодиса дар ибтидои асри XX ниҳоят мавқеи баландро ноил мебошад.

Махсусан ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ заминаҳои иҷтимоӣ - иқтисодии барҳам хӯрдани сохти капиталистӣ ва бунёд гардидани сохти сотсиалистиро пухтаю нишонрас фаҳмонидан зарур аст. Ин мавзуҳо омӯзиши махсусро талаб намуда, барои ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён Ҷанги граждании солҳои 1921 - 1924-ро ниҳоят пухта ва бо далелҳои раднашаванда ба донишҷӯён фаҳмонидан зарур меояд.

Махсусан дар шароити муосир таваҷҷӯҳи донишҷӯёнро ба бозсозӣ, бунёдкории мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъминоти аҳолӣ бо нерӯи барқ, раҳобахшӣ аз норасоии маводҳои ғизоӣ ҷалб намудан зарур аст. То онҳо фаҳмиш ҳосил намоянд, ки дар чунин вазъияти сангин халқи тоҷик ба касе умед набаста, бо меҳнати фидокоронаи хеш тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ - иқтисодиро ҳал намуд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, барои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда омӯхтани *«Таърихи Россия»* дар ҳаҷми 460 соат дар стандарту нақшаю барномаҳои таълимӣ ҷудо карда шудааст, то омӯзгорони оянда ба масъалаи маскунгирии одамони ибтидоӣ дар Осиёи Миёна, Закавказия ва Россия шинос гарданд. Айният ва хусусиятҳои хоси онҳоро фарқ карда тавонанд. Этногенези қабилаҳои славянҳои Шарқиро дар арафаи ташкил ёфтани ҷамъияти синфӣ, омилҳои пайдоиши давлат дониста гиранд. [130, с. 138].

Ин фан дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён, омӯзгорони оянда оид ба донистани омилҳои пайдоиши давлати қадимии рус, хусусият ва муносибати дутарафаи он бо тамаддуни Шарқу Ғарб, муборизаи халқи рус ба муқобили истилогарони муғул, ҳаёти халқи рус дар зери хонигариҳои Олтин-Урда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XIV-XVI, муттаҳид гардидани сарзамини рус дар атрофи Москва, подшоҳгарии Москва дар асрҳои XV-XVII, муносибати байниҳамдигарии Осиёи Миёна ва Россия дар

чоряки якуми асри XVIII барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Тавассути омӯхтани ин фанн, донишҷӯён салоҳияти таърихӣ ҳосил намуда, ба ҳодисаҳои нимаи якуми асри XIX, аз ҷониби Россия забт карда шудани Осиёи Миёна, таъсири ҳодисаҳои сиёсии дар Осиёи Миёна ва иштироки халқҳои ин сарзамин дар ин ҳодисаҳо сарфаҳм рафта, ба сабабҳои ғалабаи Инқилоби Октябр ва сабабҳои Ҷанги Граждании солҳои 1918 – 1920 шиносоӣ пайдо намуда, салоҳияти касбиашон ташаккул меёбад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён, дар факултети таърих фанни «*Таърихи наву навтарини Осиёю Африка»* дар ҳаҷми 155 соат омӯхта мешавад. Ин фан таърихи наву навтарини давлатҳои Осиё ва Африқо, ҳамаи он проблемаҳои муҳими таърихие, ки дар ин давлатҳо дар давраҳои наву навтарин ба амал омадаанд, омӯхта салоҳияти таърихии донишҷӯёнро ташаккул медиҳад. Омӯзиши фанни «Таърихи наву навтарини Осиё ва Африқо» таърихи халқияту миллатҳои Шарқро дар робита бо таърихи халқияту миллатҳои кишварҳои Аврупою Амрико мавриди омӯзиш қарор дода, ба донишҷӯёни факултаи таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, имкон медиҳад, ки то онҳо аз наздик ба тарзи ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмию фарҳангии мардумони ин сарзаминҳо шинос гардида, қонуниятҳои ба худ хоси тараққиёту пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёти ин манотиқро ба хубӣ дарк намоянд.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ омӯзиши фанни *«Историографияи таърихи наву навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико»*, ки дар стандарт, барнома ва нақшаҳои таълимӣ 88 соат пешбинӣ шудааст ниҳоят муҳим мебошад. Воқеан, ин фанни таълимӣ аз ду қисм иборат аст:

1.Таърихнигории таърихи нави давлатҳои Аврупо ва Амрико.

2.Таърихнигории таърихи навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико.

Омӯзиши таърихнигории фанни *«Таърихи наву навтарини давлатҳои Аврупо ва Амрико»* ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки доир ба таърихи инкишофи афкори таърихӣ ва илми таърих дар мамолики Аврупою Амрико (асрҳои XV-ибтидои асри XXI) маълумот ҳосил намоянд. Оид ба кашфиётҳои таърихӣ, равияҳои мухталифи таърихӣ ва пешрафти илми таърих дар кишварҳои манотиқи дар боло зикршуда дониши хуб дошта бошанд.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ фанни *«Манбаъшиносии таърихи халқи Тоҷик»*, ки дар Стандарти давлатӣ, барнома, нақшаи таълимӣ 100 соат ҷудо карда шудааст, ҷойи арзандаро ишғол менамояд. Фанни манбаъшиносӣ ва давраҳои инкишофи он, сарчашмаҳои таърихӣ дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеи баландро ишғол менамояд.

Инчунин, дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дар фаъолияти касбӣ фанни *«Археология» (Бостоншиносӣ)* мавқеи асосиро ишғол менамояд, ки барои омӯзиши он 72 соат дар стандарт ва нақшаи таълимӣ пешбинӣ шудааст. Муқаддимаи археология, инкишофи археология, археологияи Тоҷикистон дар давраи аввали инкишоф ва тараққиёт, археологияи Тоҷикистон дар солҳои баъдиҷангӣ, инкишофи археологияи Тоҷикистон дар солҳои 70 - 80-уми асри XX, пешрафти археологияи Тоҷикистон дар солҳои баъди Шӯравӣ ва минбаъд дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён мавқеи хосаро ишғол менамояд.

Фанни дигаре, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд фанни *«Кишваршиносӣ»* мебошад, ки дар барномаю нақшаҳои таълимӣ 68 соатро ташкил медиҳад. Тавассути ин фан донишҷӯён муққадимаи кишваршиносӣ, инкишофи кишваршиносии таърихӣ дар давраи то инқилоб, кишваршиносӣ дар замони шӯравӣ, сарчашмаҳои мурдумшиносӣ, ёдгориҳои меъморӣ, ёдгориҳои санъати тасвирӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, матбуоти даврӣ, бойгониҳо ва хазинаҳои

онҳо, сарчашмаҳои шифоҳӣ, кишваршиносӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва факултативҳо ба ҳисоб меравад, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён мавқеи хос дорад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, фанни *«Историографияи таърихи халқи тоҷик ва Россия»*, ки дар ҳаҷми 188 соат омӯхта мешавад мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамояд.

Тавассути ин фанн донишҷӯён дар бораи халқи тоҷик ва дигар халқҳои ватанамон дар давраи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ (асрҳои VIII-X), ҷорӣ шудани идеологияи ягонаи феодалӣ дар Осиёи Миёна, заминаҳо ва ташкилёбии аввалин давлати тоҷикон ва ба анҷом расидани ташаккулёбии халқияти тоҷик, маданияти тоҷикон дар асрҳои IX-X ва аҳамияти умумиҷаҳонии он маълумот ҳосил менамоянд.

Ба муборизаи халқи тоҷик ва рус ба муқобили истилогарони чингизӣ дар нимаи якуми асри XIII, Осиёи Миёна дар ҳайати Чағатой ва сарзамини Рус дар зери юғи Ӯрдаи Тилло, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию мадании Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIV - XVI: муттаҳидшавии князигариҳои Рус дар атрофи Москва, подшоҳигарии Москва дар асрҳои XV - XVII, халқҳои Закавказие дар асрҳои XIV - XVII, шароитҳои иҷтимоӣ - иқтисодии халқҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVIII ва муносибатҳои байниҳамдигарии халқҳои Осиёи Миёна ва Россия дар чоряки якуми асри XVIII донишҷӯён дониш, малака ва маҳорат ҳосил менамоянд.

Барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар барномаю стандартҳо 128 соат барои омӯзиши *«Таърихи халқҳои ҷаҳон»* ҷудо карда шудааст, ки фикр мекунам дар ҳолати самаранок истифода бурдан басанда мебошад. Тавассути омӯзиши ин фанн донишҷӯён бо аҷдодҳои тоҷикон, сарзамини аҷдодии онҳо, ватани таърихӣ ва аввалин давлатҳои онҳо, нақши давлати Темур ва Темуриён, тоҷикон дар асри XVI ва нимаи якуми асри XVII, нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри

XIX шиносӣ пайдо менамоянд. Омӯзгорони оянда тавассути омӯзиши ин фан ба ҳаёт ва рӯзгори тоҷикон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX шинос гардида, сабабҳои фирории тоҷиконро фаҳмида мегиранд ва салоҳияти таърихии онҳо боло мегирад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни *«Этнография» (Киёфашиносӣ),* ки мутобиқи барнома, стандарти давлатӣ ва нақшаҳои таълим 108 соат ҷудо гардидааст, аҳамияти калон дорад. Тавассути омӯзиши ин фан, донишҷӯён ба мафҳум ва вазифаҳои этнография, мавқеи этнография дар омӯзиши таърихи инсоният, таърихи пайдоиши этнография ҳамчун илм, шохаҳои этнография шинос гардида, дониши таърихии хешро васеъ мегардонанд.

Тавассути омӯхтани ин фанни таълимӣ донишҷӯён ба таърихи тадқиқотҳои этнографӣ дар Осиёи Миёна шинос гардида, мактаби этнографии рус: Остроумов М., Наливкин В., Хаников Н., Семёнов А.А., Андреев М.С., Писарчик А.К., Кисляков шинос гардида, пайравӣ менамоянд. [140].

Фанни дигаре, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён муҳим арзёбӣ мегардад, *«Музейшиносӣ»* мебошад, ки барои омӯзиши он 114 соат дар нақшаи таълимӣ ва Стандарти давлатӣ ҷудо гардидааст. Барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён аз таърихи осорхонаҳои марказӣ, вилоятӣ, халқӣ, адабӣ дар донистани далелҳои таърихӣ васеъ истифода мебаранд. Хазинаи асосии осорхонаҳои маҳаллӣ, ҳамкории мактаб бо осорхонаҳои маҳаллӣ, осорхонаҳои мактабӣ, вазифа ва хусусиятҳои он дар ташкили баҳисобгирӣ ва муҳофизати маводҳои осорхонаҳо ниҳоят назаррас мебошад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ фанни *«Архившиносӣ»* дар ҳаҷми 114 соат ва фанни *«Ҳуқуқи Конститутсионӣ»* дар доираи 106 соат ва *«Ҳуқуқи гражданӣ»* дар ҳаҷми 136 соат бо донишҷӯён омӯзонда мешавад, ки омили асосии ташаккули салоҳияти таърихӣ маҳсуб меёбад. Инчунин дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти

омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанҳои *«Таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон»* дар ҳаҷми 98 соат ва фанни *«Компонентҳои миллӣ- минтақавии муассиса»* дар ҳаҷми 50 соат ва фанҳои интихобии донишҷӯён дар ҳаҷми 58 соат, фанҳои факултативӣ дар ҳачми 40 соат ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ микдори умумии соатҳои назариявӣ 9294 соат буда, муҳлати азхудкунии барномаи асосии таҳсил 255 ҳафтаро ташкил медиҳад, ки аз он: барои таълими назариявӣ - 160 ҳафта; - сессияи имтиҳонот ва рейтинг - 30 ҳафта; - таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ - 14 ҳафта; - аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ – 5 ҳафта; таътилҳо – 42 ҳафта; - рухсатии баъди хатми муассиса - 4 ҳафта мебошад.

## 1.3. Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Шароити педагогии ташаккул додани салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз бисёр омилҳо вобаста мебошад. Дар параграфи мазкур мо бояд шароитҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгориро барои фаъолияти касбӣ асоснок намоем. Дар зери мафҳуми шароитҳои педагогӣ, мувофиқи луғати энсиклопедии фалсафӣ онро фаҳмида мешавад, ки «он, аз чӣ вобаста мебошад, чӣ мавҷудияти ашё, ҳолат, ҷараёнро ошкор менамояд; омили моҳиятии маҷмӯи объектҳо (чизҳо, ҳолат, ҳамкорӣ) аз мавҷудияти он дар зарурият, мавҷудоти зуҳурот вобаста мебошад. Шароити зарурии пешниҳодгардида ҳар дафъа, ба зуҳурот мутобиқат менамояд. [133, с 140].

Пурзӯр намудани омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дар ҷараёни омодагии касбӣ ифодаи хешро дар нақшаҳои таълимӣ, Стандарти давлатӣ барнома ва китобу дастурҳои таълимӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ пайдо намуда метавонад.

Дар баробари он шароити педагогии ташаккулдиҳандаи салоҳияти

таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, зиёд намудани миқдори соатҳои таълимӣ ва корҳои самараноки мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгор мебошад. Барои ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён чун пештара масъалаи муносибати тафриқавӣ ва инфиродӣ ба таълими фанни таърих, то охир дар ошкор намудани мазмун ва шакли ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён пурра ошкор нагардидааст.

Мо чунин меҳисобем, ки кори самаранок дар омӯзиши фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, метавонад дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи фанни таърих мусоидат намояд, ки аз маҷмӯи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад. Зарурият ба асоснок ва татбиқ намудани шароитҳои иловагии педагогӣ бо донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгории таърих мубрам будани масъаларо тасдиқ менамояд. Тамоили методологӣ бешакку шубҳа дар таҳқиқи проблемаи ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар баробари муносибати босалоҳият, муносибати фаъолиятӣ баромад менамояд.

Оид ба масъалаи мазкур Л. П. Аристов қайд менамояд: «Фаъолият аз худмунтазамӣ, худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, низоми ҳамкории субъект бо олам мебошад, ки дар ҷараёни он бохти образи психологӣ рӯй медиҳад». [4. с. 138]. Ба фарқиятҳои мавҷудаи консепсияи фаъолият нигоҳ накарда, дар педагогикаи ватанӣ, бояд низоми умумӣ тасдиқгардидаро дар чунин шакл ҷудо намоем:

– тамоми шакли фаъолият паҳлӯҳои дохилӣ ва берунии дониши робитамандро ноил мебошад, мегӯяд А. Н. Леонтьев, ва Б. Ф. Ломов;

- А. Н. Леонтьев ва Б. Ф. Ломов оид ба паҳлуҳои мантиқии субъект дар ташаккули салоҳияти таърихӣ андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд;

– С. Л. Рубинштейн, [77, с. 712]., Б. Ф. Ломов, А. Г. Ковалёв [42, с. 50] бар он ақидаанд, ки инсон фаъолиятро амалӣ намуда, ҳудаш инкишоф меёбад, фаъолияташро тағйир дода ба вай дигаргунӣ ворид менамояд;

– А. И. Зельберштейн [38, с. 38] самтҳои назариявии фаъолиятро бо вазифаҳои психологӣ мутобиқ намуда, ташаккули салоҳиятро дар мақсад ва натиҷа таъкид менамояд.

Н. С. Лейтес ва А. Н. Леонтьев дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён фаъолияти дохилӣ (мушаххас, фаъолияти фаннӣ, амал, амалиёт) ва берунӣ (мақом, мақсад, шароити ба мақсад расидан)-ро фарқ мекунанд ва мефаҳманд, ки ягон омил дар танҳоӣ натиҷанок буда наметавонад. Ҳамин тавр, он мақому мақсадро муайян намуда, фаъолият бо амалиёт ва шароит вобаста мебошад. [50. с. 127].

Дар ташаккули салоҳияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, агар таълим ба салоҳиятнокӣ мақом гирифта бошад, мақсад муайян мегардад, фаъолият ва амалиёти донишҷӯён аз шароити муассиса вобастагӣ дорад. Яке аз мушкилоти асосӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён ба фаъолияти омӯзгорӣ аз он иборат аст:

- донишҷӯён бо дониши паст ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил мешаванд;

- таҳсилоти шартномавӣ барои ба муассисаҳо қабул намудани донишҷӯёни дорои омодагии баланд халал мерасонад;

- аксар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҷойи ишғолнамудаашон лоиқ нестанд;

- китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ методӣ нокифояанд;

- низоми кредитӣ барои ташаккули салоҳияти донишҷӯён халал ворид менамояд;

- мавқеи ҷамъиятии омӯзгор ва музди меҳнат ҳавасмандии донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи касбиро ба фаъолияти касбӣ коста мегардонад;

- дигар он, ки онҳоро пас аз хатми муассиса ҳамчун омӯзгори фаннӣ ба кор қабул наменамоянд;

- онҳоро омӯзгори синфҳои ибтидоӣ таъйин менамоянд, ки онҳо барои таълими фан омода карда шудаанд на барои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва томактабӣ.

Яке аз мушкилоти назарияи психологии фаъолият мутобиқ намудани фаъолияти фаннӣ бо дигар фанҳо мебошад, ки имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушоҳида мегардад. Фаннҳои ёрирасони таърих ва дарсҳои факултативиро ба касе рост ояд медиҳанд. Инчунин фанни назарияи иқтисод, асоси давлат ва ҳуқуқ, фалсафаро ҳамчун шакли шуури ҷамъият, асоси ҷаҳонбинӣ ба омӯзгорони бетаҷриба ва ихтисосу тахассуси бегона медиҳанд, ки ташаккули салоҳияти таърихии омӯзгорони ояндаро таъмин карда наметавонад. Ин мушкилот дар аксар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ва филиалҳо мушоҳида карда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар кори таҳқиқотии хеш мехостам дар бораи мутобиқсозии фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ дар таълимӣ - касбӣ суханрони намоям, ки дар ташаккули салоҳиятӣ касбӣ такони бузург мебахшад. Тавре, Э. Ф. Зеер таъкид менамояд, вақте предмети фаъолият тағйир ёбад, мақоми фаъолиятӣ низ иваз мегардад [39, с. 48]. Дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ корҳои мустақилонаи муайяни аудиторӣ, беруназаудиторӣ, корҳои мустақилона зери роҳбарии омӯзгор ва корҳои инфиродӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Ғайр аз ин дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар баробари фанҳои таълимии факултет, чорабиниҳои оммавӣ, шабнишиниҳои фарҳангӣ, маҳфилҳои фаннӣ, шабҳои саволу ҷавоб, конференсия, семинар, рӯзҳои фаннӣ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Фаъолона ширкат варзидани донишҷӯён, дар он боиси ташаккул ёфтани салоҳияти таърихии донишҷӯён ва омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мегардад.

Донишҷӯён тавассути иҷрои корҳои мустақилона аз фанҳои таълимӣ, баргузор намудани таҳқиқотҳои илмӣ, навиштани реферат, корҳои курсӣ,

рисолаи хатм, омода намудани маърӯза, баромад дар рӯзҳои таърихӣ фаъолияти таълимиро ба таълимӣ - касбӣ табдил дода, салоҳияти касбии хешро ташаккул медиҳад. Самаранокии ин мутобиқсозӣ талаботҳои педагогӣ буда, мақоми шахсиятии таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад, ки дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ташаккул медиҳад.

Омӯзиши фанни таърих аз мавқеи муносибати фаъолиятӣ аз донишҷӯ устуворӣ, тобоварӣ, дониш ва маърифати баландро талаб менамояд. Ба фаъолияти зоҳирии донишҷӯ мушоҳидаҳои объективии фаъолияти фаннӣ, амал, таҳлил, умумигардонӣ, банизомдарорӣ, амалётҳои таълимӣ барои ҳалли супориш, омода намудани реферат ва маърӯза дохил мешавад.

Фаъолияти ботинии донишҷӯро воқеӣ мавриди мушоҳида қарор додан мумкин нест. Вай дар худ мақомҳои шахсӣ, мазмун, мақсади ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, дар бораи муҳити берунӣ ва ботинии фаъолияти таълимии донишҷӯён сухан рондан мумкин аст. Пеш аз солҳои 80-90-уми қарни гузашта омӯзгорони фанҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти боло қарор дошта, бюрои ҳизб онҳоро тасдиқ менамуд, зеро ки сиёсати мавҷударо онҳо бештар ташвиқу тарғиб менамуданд.

Омӯзонидани ин илм, ки дар он ҳодисаҳои гузаштаи дуру наздик ва имрӯзаи халқу миллатҳо инъикос меёбад, яке аз масъавлаҳои мубрам ба ҳисоб мерафт. Таърихи халқи тоҷик бошад илмест, ки ҳодисаҳои гузашта ва имрӯзаи халқи тоҷикро ба таври воқеъӣ меомӯзад. Миллати тоҷик ҳамчун як узви мардуми Ориёӣ, яке аз халқҳои қадимтарини сайёра ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ин халқ таърихи бисёрҳазорсоларо дорост, ки он аз саҳифаҳои дурахшони қаҳрамонию мардонагӣ ва таназзулу фоҷиаҳои таърихӣ саршор мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шароити педагогиеро муҳайё намудан зарур аст, ки донишҷӯён тавассути шиносоӣ бо саҳифаҳои дурахшони таърихи аҷдодони хеш, худшиносӣ, ғурур ва ифтихорашон боло гирифта, салоҳияти таърихиашон ташаккул ёбад. Таърих гувоҳ аст, ки гузаштагони мо на

танҳо бо ҷангу ҷидолҳо, балки бо инкишофи кишоварзӣ, чорводорӣ, бунёду обод гардонидани шаҳрҳои бостонӣ, ба монанди Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Ҳирот, офаридани яке аз қадимтарин китобҳои муқаддаси ҷаҳонӣ – «Авесто», бо фарзандони баруманд, ба монанди Абу Ҳанифаю Имом ал-Бухорӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакию Абӯ Алӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсию Умари Хайём, Саъдии Шерозию Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхию Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомию Камолиддин Беҳзод, Садриддин Айнию Бобоҷон Ғафуров ва дигарон ном бароварда буд, ки омили беҳтарин дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда хоҳад буд. [52, с. 138].

Донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик донанд, ки дар замони ҳуҷумҳои забткоронаи аҷнабиёни муғул, миллатро ҷисман нестшавӣ таҳдид менамуд, ки садҳо ҳазор нафар фарзандонашро сар бурида, шаҳру деҳаҳои ободнамудаашро ба харобазор табдил доданд. Туркпарастони аввали асри XX низ тоҷиконро аз ҷиҳати маънавӣ нест карданӣ шуданд. Вале халқи тоҷик нест нашуд, ҳар бор ба захмҳои бадани худ даво ёфта, қувват гирифта аз нав эҳё мегардид.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, шароити педагогиро муҳайё намудан зарур аст, ки донишҷӯён муборизаи миллати хешро ба муқобили душманон донанд. Фаҳманд, ки миллати тоҷик ба душманонаш дар баробари сипар, фарҳанги худро пеш гузошт, ба онҳо иттифоқ, ҳамзистию ҳамкориро пешниҳод карда, бо маърифати оламгираш онҳоро ба ҳамин роҳ ҳидоят намуд.

Албатта омӯхтани чунин саҳифаҳои таърихи миллат, пастию баландиҳо, қаҳрамонию нокомиҳои гузаштагони халқи тоҷик буда, дар ташаккули салоҳияти шахсиятӣ, таърихӣ ва касбии ҳар як донишҷӯ ва дар рӯҳияи ватанпарастӣ тарбия намудани онҳо аҳамияти махсус дорад.

Яке аз шароитҳои педагогии омӯзиши фанни таърих риоя намудани робитаи фанни таърих бо дигар фанҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, сиёсатшиносӣ, назарияи иқтисод, ҳуқуқ, адабиёт ва ғайра мебошад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳангоми тавсифи ин ва ё он давлат, асоси сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, фарҳанг, адабиёт ва санъати он бояд дар шакли фарогир муқоиса, муқобилгузорӣ ва баён карда шавад. Забони он аз рӯйи забонҳои ҷаҳонӣ оилабандӣ гардида, типи антропологии он баён гардад, чунин муносибати педагогӣ метавонад салоҳияти таърихии донишҷӯёнро ташаккул диҳад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён чизи асосӣ донистани марҳилаҳои асосии таърихи халқи тоҷик мебошад. Донишҷӯён бояд ба таври боварибахш донанд, ки асри санг, аз асри биринҷ бо кадом аломату нишонаҳояш фарқ мекунад.

Давраи қадим, ки солҳои 1000/900-и солшумории пеш аз милодро то асри 5-уми милодӣ дар бар мегирад аз асрҳои миёна ва давраи наву навтарин бо кадом аломату нишонаҳояш фарқ мекунад. Дар ташаккули салоҳияти таърихии омӯзгорони ояндаи маводҳои бостоншиносӣ моҳияти калонро ноил мебошанд, ки тавассути он донишҷӯён бо сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла сарчашмаҳои юнонӣ, хитоӣ ва ғайра торафт бештар шинос мегарданд.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯзиши таърихи асрҳои миёна асарҳои таърихӣ ва ҷуғрофии муаллифони тоҷику – эронӣ ва араб Табарӣ, Нархашӣ, Ибн Ҳавқал, Ибн Хурдодбек, Истахрӣ, Белозурӣ, Байҳақӣ, Гардезӣ, Ҷувайнӣ, Рашид – ад– Дин, Утбӣ, Фирдавсӣ, Шараф ад– Дини Яздӣ, Мирхонд, Хондамир ва даҳҳо муаррихони дигар ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. [133, с. 114].

Сарчашмаи ёридиҳанда ва иловагӣ дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён муҳайё намудани шароити педагогии таъмин бо маводи сиккашиносӣ, забоншиносӣ, мардумшиносӣ, катибашиносӣ, номшиносӣ (топонимика), симошиносӣ (антропология) ва ғайра шуда метавонад. Педагогика дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар замони мустамликадорӣ, ҳаракатҳои озодихоҳӣ, инқилоб ва замони Шӯравӣ истифодаи самаранокро аз маводҳои бойгонӣ,

хотираҳо, тадқиқотҳои зиёди олимон тавсия менамояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шароити педагогиеро таъмин намудан зарур аст, ки донишҷӯён аз асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» ва асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон васеъ истифода бурда, бо таърихи миллати хеш чуқуртар шинос гарданд. Инчунин, дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавсия дода мешавад, ки дар синфхонаҳо гӯшаи «Санаҳои таърихӣ» бо ороиши зебо ташкил дода шавад. Бо донишҷӯён зарур меояд, ки дар дарсҳои тарбиявӣ, корҳои беруназсинфӣ ва ба таври худомӯзи бо асари академик Раҳим Масов оид ба тақсимоти беадолатонаи ҳудуди миллии Тоҷикистон дар соли 1924 шинос гардонида шаванд, ки дар ташаккули салоҳияти таърихии онҳо омили беҳтарин шуда метавонад.

Бо сабаби он, ки фанни таълимии дар атрофи он кор мебурдагии мо «Таърихи халқи тоҷик» ном дорад, ба донишҷӯён пеш аз ҳама зарур меояд, ки маънои калимаи тоҷикро донанд. Дар байни олимон оид ба ин масъала андешаҳои гуногун вуҷуд доранд, ки хулосааш чунин аст:

1). калимаи «тоҷик» гӯё аз калимаи «тоҷ» гирифта шудааст. Зеро, ҳанӯз падари таърих Ҳеродод (дар асри Y то милод) таъкид карда буд, ки дар болооби дарёи Окс (Аму) одамон ба сар кулоҳи нугтези тоҷдор мепӯшанд. Аз ҳамин калимаи «тоҷ», гӯё минбаъд номи «тоҷик» баромадааст;

2). то асри IV – VI милодӣ аҷдодони моро «Ориёиҳо» меномиданд, ки маънояш «тоза, пок» мебошад. Баробари аз истифода баромадани калимаи «ориёӣ» он гӯё ҷойи худро ба маънояш «тоза» додааст. Минбаъд калимаи «тоза» гӯё ба «тоҷик» табдил ёфтааст;

3). калимаи «тоҷик» гӯё аз «тат»-и туркӣ гирифта шудааст. Зеро, аз асри VI милодӣ, ки қабилаҳои турк ба Мовароуннаҳру Хуросон кӯчида омада муқимӣ гардиданд, онҳо мардуми таҳҷоиро «тат»-ҳо меномиданд, ки маънои «таҳҷоӣ», «муқимӣ» мебошад;

4). дар дигар таҳқиқотҳо «тоҷик» гӯё аз калимаи «тоҷир» гирифта

шудааст. Зеро, аҷдодони мо, махсусан суғдиҳо аз замонҳои қадим бо тиҷорат бештар машғул шуда, дар ташаккули Шоҳроҳи бузурги абрешим ҳиссаи бузург гузоштаанд. Ҳамин касби тоҷирӣ минбаъд гӯё асоси номи халқамон гардидааст. [124, с. 157].

Ба ақидаи мо ҳамаи ин андешаҳо ба ҳақиқат наздиканд. Аммо андешае, ки гӯё номи халқи тоҷик аз номи қабилаи арабии «той» гирифта шуда бошад, ҳеҷ асосе надорад. Зеро, халқи тоҷик аз рӯйи ташаккули худ ба қабилаҳои араб ҳеҷ муносибат ва наздикӣ надорад. Номи «тоҷик» ҳанӯз дар сарчашмаҳои хаттии тибетии соли 792 дучор меояд, ки ин то ба имрӯз қадимтарин акси ин ном дар сарчашмаҳо мебошад. Умед аст, ки минбаъд донишҷӯён дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳо мафҳуми «тоҷик»-ро дар сарчашмаҳои аз ин ҳам қадимтар пайдо менамоянд, ки боиси ташаккули салоҳияти таърихии онҳо мегардад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки ба шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инҳо дохил мешаванд:

- баланд бардоштани сифати таълим ва омодагии касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- дар ассоси дониши воқеӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ қабул намудани довталабони тариқи шартномавӣ ва ҳам буҷавӣ;

- даст кашидан аз қабули довталабон дар низоми тестӣ, ки салоҳияти муоширатӣ ноайён мемонад;

- риояи ҷиддии оинномаи муассиса оид ба муносибат ба таълим ва омодагии касбӣ;

- таъминоти аудиторияҳои таълимӣ бо технологияи муосири таълим, китоб, дастурҳои илмӣ- методӣ ва воситаҳои аёнӣ;

- баргузор намудани дарсҳои тарбиявӣ дар асоси маводҳои таърихӣ;

- дар кабинетҳои таълимӣ ташкил додани гӯшаи номгӯи китоб барои худомӯзӣ ва корҳои беруназсинфии донишҷӯён;

- ташкил додани ҷадвали маҳфилҳои фанни бо пайнавишт ва маърӯзаҳо;

- натиҷагирӣ аз рейтингу санҷишҳои даврӣ ва ниҳоӣ дар гурӯҳи академӣ бо иштироки волидон.

Агар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чунин шароити педагогӣ ташкил дода шуда бошад, боварӣ дорем, ки салоҳияти касбии донишҷӯён ташаккул меёбад. Аммо чунин нест, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нақшаи қабулро то андозае зиёд намудаанд, ки барои гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ, машғулиятҳои иловагӣ, маҳфилҳои фаннӣ ҷой пайдо кардан номумкин гардидааст.

М. И. Шалин, шароитҳои ташкилӣ - педагогии омода намудани мутахассиси рақобатпазирии дорои сифатҳои шахсиятиро таҳқиқ намуда, дар зери шароитҳои педагогӣ омилҳои таъсиррасонро ба инкишофи шахсият ошкор менамояд. Дар шароити муосир дар идоракунии мақсаднок, банақшагирӣ, корҳои ташкилӣ, муттамарказнамоӣ ва назорати ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нуқсонҳои зиёде ҷой доранд, ки мутобиқи андешаи мо таҳқиқкунандагони ин масъаларо М. И. Шилин дуруст қайд намудааст. [111, с. 102- 107].

Шароитҳои асоснок намудаи мо ҳамчун шароитҳои педагогӣ фаҳмида шуда, дар инкишофи шахсиятӣ - касбии донишҷӯён дар ҷараёни таълим, дар ташаккули салоҳияти касбӣ робитаи канданашаванда доранд. Ташкили корҳои самараноки мустақилонаи донишҷӯён, ки тавонад салоҳияти касбии онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташаккул диҳад, дар асоси татбиқи талаботҳои маҷмӯии шароитҳои педагогӣ ба даст меояд.

Таҳлили сарчашмаҳои педагогӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, таҷрибаи ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф, имкон дод, ки мушкилотҳои мавҷударо дар шароитҳои мавҷудаи педагогии ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён ошкор намоем. Ҳамин тавр, мо дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён шароитҳои маҷмуии педагогиро асоснок намуда, дар давраи омоданамоии донишҷӯён дар асоси таҳлили назариявӣ, таҷрибаи фаъолияти амалӣ ва ошкор

намудани мушкилотҳои мавҷуда дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён дар раванди омодагии касбӣ тадбирҳои амалиро андешидем.

Асоси лоиҳаро оид ба шароитҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯён омодагии босифати касбии донишҷӯёни факултети таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи самти омӯзгорӣ ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, аввалан мо таркиби салоҳияти касбиро ошкор намудем, ки он аз мақомнокӣ - арзишӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ, шахсиятӣ ва омилҳои рефлективӣ иборат мебошад.

Дуюм, аз нуқтаи назари таркиби салоҳияти касбӣ баромад намуда, давраҳои ташаккули салоҳияти касбӣ асоснок гардонида шуда, дар худ мазмуни муоинавӣ, мақомнокӣ - арзишӣ, назариявӣ, амалӣ, назоратӣ - аналитикиро фарогир бошад. [113, с. 50].

Сеюм, дар натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ, далелҳои самаранокии муносибати босалоҳият дар омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ошкор карда шуд. Дар майлгирии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба касби омӯзгорӣ мавқеи асосӣ тавлид гардидани мазмуни шахсиятӣ ба таҳсилоти маҷмӯъии касбиро ташкил медиҳад.

Бисёр донишҷӯён, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро хатм менамоянд, аммо ба касби гирифтаашон майл надоранд, ки ин омил боиси варид гардидани зарар ба буҷа мегардад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавзуҳои таълимӣ ва супоришҳоро тавре ташкил намудан даркор аст, ки майли донишҷӯёнро ба фаъолияти педагогӣ кушода гардонад. Барои дар донишҷӯён ташаккул ёфтани салоҳияти таърихӣ интихоби шакл, метод, технологияи ташкили дарс ва корҳои мустақилонаю эҷодӣ бояд ҷавобгӯйи талаботи педагогӣ дар ташаккули салоҳияти касбӣ бошад.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеи асосиро нақшагирии ташкили дарс, корҳои мустақилона, семинар ва корҳои эҷодии донишҷӯён ва назорати қатъӣ ташкил медиҳад. [113, с. 56].

Омодагии пасти донишҷӯён ба дарсҳои таълимӣ, дер омадан ба дарс, таъмин набудани онҳо бо анҷомҳои таълимӣ ба яке аз мушкилоти доимӣ дар муассисаҳои тасилоти миёнаи касбӣ табдил ёфтааст, ки ба салоҳияти касбӣ - маърифатӣ таъсир мерасонад. А. А. Аюрзинин масъалаи салоҳияти самти касбиро таҳқиқ намуда, дар соли 1984 дар асоси таҳлили 200 корҳои хаттии донишҷӯёни бахши якум, ба хулосае меояд, ки танҳо 45 % донишҷӯён омодаанд мустақилона корро иҷро намоянд. Дар байни онҳо танҳо– 27% донишҷӯён бо навсозӣ кор карда метавонанд, аммо ба таври эҷодӣ ҳамагӣ 11% донишҷӯён кор мекунанд, дар дигарон зарурият ба ташаккул додани ин сифатҳо мавҷуд аст. [1, с. 18].

Муаллиф қайд менамояд, ки мушкилоти асосии донишҷуёни бахши аввал дар иҷрои супоришҳои таълимӣ, бо истифодаи дониш малака ва маҳорат вобаста мебошад. Онҳо вазифаҳоро тартиб дода наметавонанд ва лаёқати худназоратӣ дар ҳалли супоришҳо надоранд. Омодагии донишҷӯи муосирро ба корҳои мустақилона таҳлил намуда А. Г. Кавалев менависад, ки таҷрибаи шахсии донишҷӯён - хонандаи дирӯза, дар гирди омодагии мактабӣ ба имтиҳонҳои давлатӣ муттамарказ гардида, маҳорати ахбори пешниҳодгардидаро азхуд намудан ҳосил намуда, аммо наметавонанд мазмуни зарурии таълимиро интихоб намоянд ва дар шакли зарурӣ чизи асосиро пешниҳод намоянд. Дар ин ҷо дахолати педагогии омӯзгор чизи беҳтарин мебошад, ки тавассути он донишҷӯ кай ва дар куҷо иқтибос оварданро ёд гирифта, фикрашро асоснок баён карда тавонад. [42, с. 70].

Дар шароити муосир талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот озодии омӯзгорро дар ташкил намудани машғулиятҳои иловагии факултативӣ ва фанҳои интихобӣ маҳдуд намуда, худомӯзӣ ва ислоҳи нуқсонҳои донишҷӯёнро маҳдуд менамояд. Дар чорчӯбаи назорати давраи аввали омӯзиши фанни таълимӣ, омӯзгор муоинаи мувофиқ баргузор менамояд, ки донишҷӯён мустақилона худомӯзӣ менамоянд ё фаъолияти онҳо танҳо дар доираи лексияҳои навиштаашон мебошад.

М. А. Цыварев, қайд менамояд: «чаҳорчӯбаи мавҷудаи стандарти таълимӣ ва нақшаҳои таълимии омода намудани донишҷӯён имкон намедиҳад, ки вазифаро тавассути зиёд кардани сарбории таълимӣ иҷро намоем. Зеро як қадар васеъ намудани доираи омӯзиши фан, зиёд намудани соатҳои таълимӣ ба вайроншавии молиявӣ оварда мерасонад».

Бо М. Н. Скоткин розӣ нашудан мумкин нест, ки «моҳияти стандартҳоро дар берун баромадан аз чаҳорчӯбаи фанни ҷудогона ишора намудааст. Дар робита ба кафедраҳои омоданамоӣ бояд стратегияи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ба таълим коркард намуд. Дар натиҷаи он аз дараҷаи мустақилияти донишҷӯён баромадан зарур аст, ки дар давраи таҳсил дар муассиса, дараҷаи зарурӣ ба даст оварда шавад». [81, с. 206].

Татбиқи шароити дуюми педагогӣ - ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд дар корҳои мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгор, дар муоинаҳои аудиторӣ баргузор карда шавад. Дар ин ҷо гуфтан зарур аст, ки донишҷӯён ахбори зарурииро мустақилона ҷустуҷӯ ва пайдо карда наметавонанд. Дар омӯзиши фанни таърих ҷойи асосиро пайдо намудан, гирифтан, коркард намудан ва дар ҷойи зарурӣ истифода бурда тавонистани мавод дар шакли иқтибос ишғол менамояд. Вазифаи ташаккул ва инкишоф додани муносибати мақомгирӣ - баҳодиҳӣ ба касб ва худбаҳодиҳӣ, муносибати мақомгирӣ - арзиширо муайян менамояд, ки яке аз шароитҳои педагогӣ мебошад.

Масалан, эссе дар таърих, иқтисод, ҳуқуқ дар фаъолияти касбии омӯзгор ё инкишофи ҷаҳонбинии ӯ дар иҷрои вазифаи хонагӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Бешак, дар бахши аввал дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён мавқеи асосиро омӯзгор ишғол менамояд, зеро омӯзгор мазмуни фанни таълимиро на танҳо медонад, балки натиҷаи азхуднамоиро пешгӯӣ мекунад, таълимро назорат мебарад ва корро навсозӣ менамояд.

Шароитҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда ниҳоят муҳим арзёбӣ гардида, шакли ҷараёни таълим буда, бе ширкати

бевоситаи донишҷӯён ва омӯзгор буда наметавонад. Ғайр аз ин, таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёри ҳуқуқӣ таъминкунандаи базаи меъёрии ташкилдиҳандаи корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар сикли фанҳои гуманитарӣ аз ҷониби омӯзгорон шаклҳои гуногуни ахбор камтар пешниҳод карда мешаванд, ки сабаби суст ташаккул ёфтани салоҳияти таърихии донишҷӯён мегардад.

Корҳои мустақилонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун шакли таҳсилоти касбӣ ба фазоӣ - вақтӣ, аудиторӣ - дастаҷамъии ҷараёни таълим ворид набуда, дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён мавқеи асосиро ишғол менамояд. Мо мутлақо бо андешаҳои Ф. К Савин, мувофиқем, ки фармудааст, «корҳои мустақилонаи донишҷӯён на танҳо ба донистани ҳар фан нигаронида шудаанд, балки ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён нигаронида шудааст. [80. с. 60- 63].

Стандарти давлатии таҳсилот ва нақшаҳои таълимӣ, ташаккули салоҳияти касбиро барои тамоми самтҳо муайян менамояд. Аз ҷониби дигар дараҷаи масъулиятро на дар назди донишҷӯён, балки дар байни ҳамкорон ва бо кор таъминкунандагон баланд мебардорад.

Дар асоси таҳлили назариявии корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ (Б. В. Авво, В.А. Адольф, Ю. В. Варданян, Артур Вине, Джон Меню, Даниел Б Хоган, Джеральд Кучер) бисёрдараҷагии чунин мафҳуми таълим ошкор намуданд. Дар заҳмати ин олимон бештар «салоҳияти касбии омӯзгор», дар илми муосир мушоҳида карда мешавад. Дар робита ба ин дар диссертатсия таҳлили низомӣ баргузор карда шуда, ки мақсади асосии он аниқ намудани моҳият, мазмун ва робита бо мафҳумҳо, ба монанди: «касбият», «профессиограмма», «эҷодиёти педагогӣ», «маҳорати педагогӣ», «тахассус» мебошад.

Дар раванди омода намудани диссертатсия бо 40 намуд салоҳияти касбӣ шиносоӣ пайдо намудам. Дар фаъолияти касбии омӯзгор салоҳияти бартараф намудани моҷаро, забонӣ, муоширатӣ, маърифатӣ, ахлоқӣ, этномаданиятӣ, фарҳангӣ, нотиқӣ, ҳолатҳои фавқулода, қаҳру ғазабӣ, экологӣ, иҷтимоӣ –

маданӣ, ахборотӣ, гуфтугӯӣ, психологӣ, педагогӣ ва ғайра муҳим мебошад.

Мафҳуми «шароитҳои педагогӣ» дар педагогикаи муосир гуногуншакл ва гуногунмаъно мебошад. Л. В. Львов таҳқиқотҳоро оид ба шароитҳои педагогӣ таҳлил намуда, нуқтаи назари асосиро дар бораи «шароитҳои педагогӣ» ҷудо менамояд:

- шароити педагогӣ - ин ҳолатест, ки аз он натиҷаи таҳсил вобастагӣ дорад (Ю. К. Бабанский [7, с. 40]., М. И. Ерецкий., П. И. Пидкасистый [67]);

- дар зери мафҳуми шароитҳои педагогӣ маҷмӯъи тадбирҳое дар ҷараёни таълим ва тарбия фаҳмида мешавад, ки таъминкунандаи ташаккули шахсиятии омӯзгори ояндаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мегардад;

- шароити педагогӣ – ин муҳит ва имконият, шакл, метод, восита ва муҳити моддӣ - фазоӣ мебошад, ки дар он омилҳои педагогӣ татбиқ мегардад;

- таъмини самараноки иҷрои вазифа намудан ва инкишофи низоми педагогӣ аз ҷониби олимон М. Е. Дуранов, М. В. Зверев, Н. В. Ипполитов, А. Я. Найн, С. Л. Рубинштейн коркад гардидааст;

- шароити педагогӣ – тавсифи субъекти фаъолияти педагогии омӯзгор, фаъолияти донишҷӯён ва муносибати донишҷӯён ба он мебошад;

- муҳити зоҳирӣ ва дохилии муассисаҳои таълимӣ ва ҳамкорӣ бо он аз ҷониби олимон С. А. Дынин, Б. Г. Куприянов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст [40].

Натиҷаи умумии маҷмӯи таҳлили мафҳуми «шароитҳои педагогӣ» ба олимон Н. В. Ипполитов ва Н. Н. Стерхов мансуб мебошад. Онҳо қайд менамоянд, ки шароити педагогӣ яке аз омилҳои низоми педагогӣ мебошад. Шароити педагогӣ ифодакунандаи маҷмӯи имкониятҳои таҳсилотӣ ва моддӣ - фазоии муҳити муассиса, таъсиррасон ба шахсият ва самтҳои ҷараёни низоми педагогӣ мебошад, ки дар таъмини самаранок ва инкишофи ҳамаҷонибаи мутахассис мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Онҳо инчунин қайд менамоянд, ки барои самаранок амал намудан ва инкишофи низоми педагогӣ чунин намудҳои шароитҳои педагогиро ҷудо

намудан зарур аст:

- шароити ташкилӣ - педагогӣ, аз худ ифодакунандаи имкониятҳои ҳадафноки имкониятҳои сохторӣ мазмун, шакл, усулҳои маҷмӯии ҷараёни педагогӣ мебошад;

- шароитҳои психологӣ - педагогӣ, ин мавҷудияти ҳамкории ҳадафноки сохторӣ ва робитаҳои канданашавандаи моддӣ - фазоии муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

Вазифаи асосии шароитҳои педагогӣ - психологӣ ташкил додани чунин тадбирҳои ҳамкории педагогиеро дар назар дорад, ки азнавсозии тавсифномаи инкишоф вобста мебошад. Дар шароити муосир мафҳуми «шароити педагогӣ» аз ҳисоби дастовардҳои муосир дар соҳаи технологияи ахборотӣ васеъ гардида истодааст.

Шароитҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии муосир онро дар назар дорад:

- имконияти даст ёфтан ба технологияи навтарини таълим ва захираҳои педагогӣ;

- таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо захираҳои ахборотӣ ва техникӣ имконпазир гардидааст.[67].

Мафҳуми «шароитҳои педагогӣ»-ро таҳқиқ намуда, имконияти ҷудо намудани низоми зеринро ноил гардидем:

- шароит ҳамчун аломати таркибии низоми педагогӣ ва ҷараёни педагогӣ баромад менамояд;

- шароитҳои педагогӣ бояд моҳияти хешро дар имкониятҳои муҳити таълимӣ ифода намоянд. Асоснокии илмӣ - назариявии ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар таҳкурсии консептуалии хатмкунандагони муассиса, яъне омӯзгорони ояндаи фанни таърих гузошта шудааст.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён барномаи озмоиш оид ба ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

касбӣ; барномаи инкишофи муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи касбӣ ниҳоят муҳим мебошад, ки занҷири робитаманди шаклҳои фаъолият ба ҳисоб меравад. Ин занҷир таъминкунандаи сифати салоҳияти касбии дар тамоми давраҳои омода намудани мутахассисон, аз муоинаи ҳолати донишҷӯён дар бахши якум то супоридани имтиҳонҳои хатм давом менамояд.

Шакли асосии «шароитҳои педагогӣ» дар татбиқи таркиб ва мазмуни барномаҳои таълимии ташаккули салоҳияти касбӣ муносибати модулӣ ба низомнокии ҷараёни таълим мебошад. Низомнокии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мақсад, таркиб ва мазмуни ҷараёни таълимро муайян менамояд.

Дар таҳқиқотҳои диссертатсионии хеш муаллиф мақсаднок тасдиқ намудааст, ки шароитҳои педагогии татбиқгардида дар ташаккули чунин намудҳои салоҳияти таърихии донишҷӯён, хамчун мутахассисони оянда ҷойи асосиро ишғол менамояд:

- салоҳияти касбӣ - педагогии омӯзгори оянда, равона карда мешавад ба мубрамияти донишҳои илмӣ - педагогии онҳо, ба монанди методологӣ, назариявӣ, методӣ, лоиҳавӣ, конструктивӣ ва лаёқатҳои муоширатӣ;

- ташкил додани муҳити ягонаи ахборотӣ - таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки ташаккули самараноки касбӣ - мадании донишҷӯёнро дар асоси воситаҳои муосир ва технологияи таълим мебошад;

- ташаккули омодагии шахсиятӣ ва касбии донишҷӯён ба татбиқи ташаккули салоҳиятнокии хонандагон дар амал;

- истифодаи технологияи педагогӣ ва методҳои инкишофдиҳандаи самараноки таълим дар ҳаракати донишҷӯён то хатм;

- таъмин будани муассисаҳо бо дастуру адабиёти мувофиқ, ки таъминкунандаи ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён бошад;

- баргузор намудани мониторинги педагогии дараҷаи ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён.

Шароити асосии педагогии ташаккули самараноки салоҳияти касбии

донишҷӯён аз дараҷаи маданияти касбӣ - педагогии омӯзгор вобаста мебошад. Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён, бутунии ҷараён дар асоси ягонагии мазмун, шакл, методҳои ҷараёни таълимӣ - тарбиявӣ бе асар намемонад. Ба ин масъала инчунин, мавқеи ҷойгиршавии муассиса, базаи моддӣ-техникӣ, таъминот бо китобу дастурҳо ва таъминоти кадрии муассиса таъсир мерасонад.

Омилҳои таркибии салоҳияти касбӣ - педагогии омӯзгорони оянда инҳо шуда метавонанд:

- мавқеи башардӯстонаи педагогии омӯзгор, салоҳияти психологӣ - педагогӣ ва инкишофи тафаккури омӯзгорӣ, дониши баланд дар соҳаи фанни таълимӣ ва тавонистану донистани технологияи педагогӣ, маданият, ахлоқи касбӣ ва маданияти ахборотӣ.

Таркиби салоҳияти касбии омӯзгори оянда, яъне хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгориро дониши назариявии фундаменталӣ, инкишофи забон, малакаи педагогӣ, психологӣ, методӣ ва донишҳои технологияи муосир ташкил медиҳад. Омӯзгориояндаи фанни таърих бояд дар самти касби ояндааш асоси дониш, малака ва маҳорати фаъолияти касбиро бо шароитҳои педагогӣ дошта бошад.

Тавсифномаи технологии салоҳиятнокии таърихӣ, касбӣ - педагогии омӯзгорони оянда дар раванди истифода бурдан аз усул ва тарзи маданияти педагогӣ зоҳир мегардад. Нишондиҳандаи асосии маҳорати омӯзгориояндаро дониши пешгӯикунандаи ташаккули салоҳияти хонандаю донишҷӯён ташкил медиҳад, ки асоси он ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. [40, с. 90].

Мазмун ва технологияи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ - мадании касбии мутахассисиояндаро афзоиши илмӣ ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи фаъолияти амалӣ бо таҷриба пурра мегардад. Дар раванди он самаранокӣ афзуда, тавассути иштирок дар корҳои озмоишӣ - мушоҳидавӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ ва корҳои методӣ, ҳавасмандӣ дар ташаккули салоҳияти касбӣ ташаккул меёбад.

Нишондиҳандаи асосии шароити педагогии ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инкишоф додани салоҳияти умумӣ ва касбии омӯзгорон ва донишҷӯён мебошад. Дар ин раванд васеъ гардонидани масоҳати навгониҳои педагогӣ дар фаъолияти эҷодӣ ниҳоят муҳим мебошад. Тавассути он муассисаи таълимӣ машҳур гашта, салоҳияти ахборотии донишҷӯён инкишоф ёфта, дараҷаи таъминоти маводҳои таълимӣ - методӣ беҳ гардида, салоҳияти таърихии донишҷӯён меафзояд.

Дар раванди таҳқиқот ошкор карда шуд, ки фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён шакли самараноки омода намудани донишҷӯён ба фаъолияти педагогӣ дар шароити муосир мебошад. Натиҷаи муҳимтарини таҳқиқот ошкор намудани шароитҳои педагогӣ, муайян намудани таркиб, мазмуни ҷараёни ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгории Тоҷикистон мебошад.

Дар ин ҷо тадбирҳоеро андешидан зарур аст, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси талаботҳои ҷаҳонишавӣ, тавонанд дар тамоми мамолики ҷаҳон озодона фаъолияти меҳнатӣ намоянд. Барои ин бояд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз акредитатсияи таҳсилот гузаранд, он вақт дар асоси салоҳияти касбӣ хатмкунандагони он метавонанд дар тамоми мамолики ҷаҳон фаъолияти меҳнатӣ намоянд.

Дар ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ шароити педагогие муҳайё карда шавад, ки донишҷӯён бо забонҳои ҷаҳонӣ фаъолият карда тавонанд. Бо боварӣ тасдиқ намудан зарур аст, ки шароитҳои педагогӣ, омили асосии низоми педагогӣ мебошад, ки дар имкониятҳои таҳсилот ва фазои моддӣ - фазоии муассиса инъикос меёбад, ки барои он дар давоми давра инкишоф ва тағйирёбӣ характернок мебошад.

Дар таҳқиқоти мо дар зери мафҳуми шароитҳои педагогӣ мавҷудияти имкониятҳои объективӣ, мазмун, шакл, метод, усулҳои педагогӣ ва муҳити моддӣ - фазоии муассисаҳо фаҳмида мешаванд. Дар ин ҷо мо бояд маҳфилҳои илмии донишҷӯёнро мавриди омӯзиш қарор диҳем, то ки ташаккулдиҳандаи

салоҳияти таърихӣ, касбӣ ва шахсиятии донишҷӯён чунин чорабиниҳои илмии муассиса ба ҳисоб меравад. Лекин ҳаминро қайд кардан мехоҳам, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маҳфилҳои фаннӣ ва чорабиниҳои илмӣ ба таври бояду шояд гузаронида намешаванд. [38, с. 37-40].

Дар ин раванд шароити асосии ташкили маҳфилҳои дастаҷамъонаи илмии донишҷӯён шуда метавонад, ки аъзоёни он донишҷӯёни гурӯҳҳои гуногун, бахшҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ шуда метавонанд. Фаъолияти илмии донишҷӯёнро ҳамчун ҷараёни педагогӣ қабул намуда, майл ба технологияи пешбарии педагогӣ менамоем, яъне тавассути он ҳамкорӣ ва муоширати донишҷӯёнро ташаккул медиҳем, ки ниҳоят муҳим мебошад.

Яке аз шароити педагогии беҳтарин, дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти онҳо дар маҳфили илмии донишҷӯён мебошад. Тавассути ширкат дар маҳфилҳои фаннӣ донишҷӯён таҷрибаи фаъолияти касбӣ ҳосил намуда, сифатҳои шахсиятии онҳо ташаккул ёфта, дар рафтори онҳо мақоми иҷтимоӣ - ахлоқӣ пайдо мегардад.

Дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода намудани мутахассисон дар самти таҳсилоти томактабӣ, синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони фаннӣ, аз ҷумла, омӯзгорони фанни таърих барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омода карда мешаванд.

Салоҳиятнокии ин самтҳо донишро аз рӯи технологияи навтарин дар фаъолияти педагогӣ талаб менамояд, ки ин дар муассиса ба мавҷудияти технологияи навтарин дар ҷараёни таълим вобаста мебошад, ки дар ин самт мушкилотҳо хело зиёданд. Оид ба шароитҳои педагогӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ олимон А. А. Бодалев ва А. М. Матюшкин корҳои зиёдеро анҷом бахшидаанд. [67, с. 144].

Дар шароити муосир шаклҳои зиёди шароитҳои педагогӣ мавҷуданд, ки аз рӯйи шакл, усул, технология дар фазои таҳсилотӣ амал менамоянд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди ташаккули салоҳияти

таърихии донишҷӯён «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030» ва «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

## Хулосаи боби якум

Мушкилоти ташаккул додани тавоноии маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, яке аз самтҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалии на танҳо илми педагогика, балки аксари илмҳо ба шумор меравад. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми ягонаи таҳсилот ва талаботҳои низоми Болонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Замони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои неруи қавӣ дар ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад.

Истилоҳи «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «муносибати салоҳиятнок» дар адабиёти педагогӣ ниҳоят зиёд вомехӯрад. Салоҳиятнокӣ - ин таҳсилоти самаранокест, ки дар натиҷаи он хонанда ё донишҷӯ ба маҷмӯи салоҳиятҳои иттилоотӣ - маърифатӣ соҳиб гашта, онро дар ҳаёти мустақилона бобарор татбиқ карда метавонад. Муносибати салоҳиятнок - фаъолияти гузаштан аз мураккаб ба мураккабтарро тавассути сода фаро мегирад, лекин на ҳама вақт аз сода ба мураккаб гузаштан мумкин аст.

Шумо метавонед ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар як вақт аз ду самт истифода баред:

а) ба таври анъанавӣ: аз назария ва амалия (ба шарте, ки хоҳиши хонанда ва донишҷӯро дар раванди омӯзиши маводи назариявӣ таъмин ва қонеъ карда тавонем);

б) ба воситаи муносибати салоҳиятнокӣ: аз амалия ба назария (ҳамчун усули беҳтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятнокӣ) гузашта тавонанд.

Ин вариантҳо бояд дар раванди таълим ҷойи худро дошта бошанд ва интихоби онҳо аз омилҳои зерин вобаста аст:

- ба инобат гирифтани имкониятҳои иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зимни таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- ба эъбибор гирифтани хусусияти маводи омӯзишӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик;

- ба эътибор гирифтани сатҳи рушди фаъолияти умумитаълимии донишҷӯён ва салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии онҳо.

Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешавад. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ, салоҳиятҳои маърифатӣ - таҳлилӣ, салоҳиятҳои маърифатӣ - эҷодӣ, салоҳиятҳои маърифатӣ - таҳқиқӣ, салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ, дарки қадр, қимати хеш ва ҳифз намудани дигарон тавассути омӯхтани фанни таърих пешбинӣ гардидааст.

Яке аз вазифаҳои асосии фанни таърихи халқи тоҷик васеъ гардонидани ҷаҳонбинии донишҷӯёни тамоми зинаҳо мебошад. Дар муносибати босалоҳият яке аз вазифаҳои асосӣ ташаккул додани дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ мебошад. Дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик донишҷӯён бояд таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои оламро тавассути донишҳои муайян фаҳманд.

Дар муносибати босалоҳият, чизи фаҳмидаро баён карда тавонистани донишҷӯён ва барои онҳо манъ намудани донишҳои муайян яке аз талаботҳои муосири муносибати босалоҳият мебошад. Дар ташаккули муносибати босалоҳият чизи асоси масъулиятшиносии иҷтимоӣ ва истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ мебошад. Дар ташаккули салоҳияти тарихии донишҷӯён се гурӯҳи методҳо, мавҷуданд: методҳои таълими анъанавӣ, методҳои таълими касбӣ ва фаъолияти таълимӣ - касбӣ.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён дарсҳои лексионии фанни таърихи халқи тоҷик мавқеи асосиро ишғол намуда, дар ташаккули омодагии

донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Дар байни лексияҳо барои ҳалли вазифаҳои бамиёномада бештар лексияи барқароркунӣ, лексияи проблемавӣ, лексияи - визуаликунондашуда, лексияи дунафара, лексияи пешакӣ барои ислоҳ намудани хатоҳои мавҷудаи донишҷӯён ба нақша гирифташуда, лексия конференсияи - матбуотӣ дар мавзуҳои таърихӣ ниҳоят мувофиқ мебошанд.

«Таърихи бошарафи халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ буда, мо уҳдадорем бо он ифтихор намоем, саҳифаҳои равшани қаҳрамонӣ ва корнамоиҳои гузаштагонамонро омӯзем, онро ҳамчун асоси андешаи инсондӯстӣ ва садоқат ба Ватан татбиқ намоем. Мо бояд пешгузаштагонамонро донем, аз ориёӣ будани хеш ифтихор намоем.

Таърих баромадаш аз калимаи Юнонии «История» буда, Ҳеродод падари он шинохта шудааст. Таърих фанни махсусе мебошад, ки донишҷӯён тавассути он тамоми самтҳои салоҳияташон рӯ ба ташаккул мениҳад. Таърих методи махсуси омӯзиш ва таҳқиқоти хешро ноил буда, дар ҳолати риоя нагардидани он дар донишҷӯён ягон шакли салоҳиятнокӣ ташаккул намеёбад.

Калимаи «метод» ё «методика» аз лафзи қадимии юнонии «методос» гирифта шуда, маънои «роҳи таҳқиқот», «тарзи маърифат»-ро ифода менамояд. Ба масъалаи мушкилоти маърифатии фанни таърих бештар И.Я. Лернер таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Аз маводҳои сершумор, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва умумигардонӣ карда шудаанд, барои ҳалли масъала онҳое, истифода бурда мешаванд, ки вазифаҳои таълимӣ - инкишофдиҳанда ва тарбиявиро иҷро менамоянд. Дар бисёр ҳолатҳо дар омӯзиши таърих дониш дар шакли одаткунӣ ба низомнокӣ пешниҳод карда мешавад. [51, с. 3- 45].

Сарчашмаи донишҳои таърихӣ гуногунанд, ки ҷойи махсусро дар маърифати таълимии фанни таърих, айёнияти намоишӣ, харита, саволномаҳои мавзуҳо ташкил медиҳанд. Аз донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик устувории ирода, диққат,

дар хотир нигоҳ дошта тавонистан, тахайюлот, ифодаи зуҳурот ва андешаофарӣ талаб карда мешавад.

Фанни таърих дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ як хел омӯхта намешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти техникӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, ҳуқуқ, тарбияи ҷисмонӣ ба донишҷӯён оид ба фанни таърих танҳо фаҳмиши умумӣ медиҳанд. Аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ масъала тамоман дигар хел сурат мегирад.

Дар блоки 1-и нақшаҳои таълимӣ, ки характери умумигуманитарӣ ва умумиичтимоӣ дорад, омӯзиши 6 фанни асосии тавсияшаванда дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва мансубияти идоравиашон дар ҳаҷми соатҳои пешбинишудаи нақшаи таълимӣ ҳатмӣ мебошад.

Нақшаҳои таъламии ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия гардида, муҳлати фаъолияти он панҷ сол мебошад. Дар асоси он омӯзгорон нақшаи таълимии корӣ месозанд, ки як сол амал карда метавонад.

Нақшаи намунавии таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарафи идораи марбутаи мақомоти соҳаи маориф таҳия шуда, кафедра ва факултети муассисаи таълимӣ дар асоси он нақшаи таълимии худро тартиб медиҳанд.

Ҳама гуна нақшаҳои таълимӣ, бояд дар асоси нақшаи таълимии базавии намунавӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад амал намоянд. Миқдор ва ҳаҷми саотҳои омӯхташаванда бояд аз ҳаҷми соатҳо ва миқдори фанҳои дар Стандарти давлатии таҳсилот ва нақшаи намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда зиёд ё кам набошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ихтисосҳо аз рӯи шифри ихтисос, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст амал намоянд. Дар нақшаҳои таълимӣ ҳаҷми умумии сарборӣ аз ҳар як фанни

таълимӣ, тақсими он ба соатҳои машғулиятҳои аудиторӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯён оварда мешавад.

Ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ шаклҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба монанди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, (бо назардошти миқдори донишҷӯён дар гурӯҳҳои талимӣ) чунин мебошад:

- дарси назариявӣ ё лексия;
- дарсҳои амалӣ;
- семинар ё коллоквиум;
- дарсҳои лабораторӣ;
- шаклҳои дигари таълим;
- таҷрибаомӯзии таълимӣ;
- таҷрибаи истеҳсолӣ;
- намудҳои дигари таҷрибаи гурӯҳӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Ҳангоми таҳия намудани нақшаи таълимии корӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ наметавонад муҳлати дар нақшаҳои намунавии таълимӣ нишондодашдаи сессияи имтиҳонӣ, таҷрибаомӯзиҳо, аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ ва таътилро, аз рӯи ин ё он самти омода сохтани мутахассисон вобаста ба талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот тағйир диҳанд.

Ҳаҷми максималии сарбории донишҷӯ дар шакли таҳсилоти фосилавӣ дар 1 ҳафта ба миқдори 54 соат бо назардошти соатҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ (мустақилона) муайян карда шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳаҷми сарбории соатҳои аудитории донишҷӯён дар шакли рӯзонаи таълим набояд аз 27 соат дар ҳафта зиёд бошад, соатҳои дарси тарбияи ҷисмонӣ ва фанҳои факултавӣ ба он дохил намешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми омодагӣ ба имтиҳон, санҷиш ва такроран супоридани санҷиши донишҷӯён вақт пешбинӣ мешавад. Дар стандарти давлатӣ ва барномаҳои асосии таълимӣ ва нақшаҳои таълим диққати асосӣ ҳангоми тайёр

намудани мутахассиси соҳаи муайян ба фанҳои тахассусӣ бештар дода мешавад.

Омӯзгори фанни таърих бояд дорои чунин сифатҳо бошад:

- бо барномаҳо, китоби дарсӣ ва васоитҳои таълим муфассал ошноӣ дошта бошад;
- усули таълими мавзуъҳои мушаххаси фанни таърихи мактабиро донанд, имконияти истифодаи усулҳои мухталифи таълимро дошта бошанд;
- гузаронидани таҳлил ва муқоисаи мавзуъ ва инъикоси ҳамон мавзуъ дар васоити гуногуни таълимӣ;
- татбиқи роҳҳои бартараф намудани душвориҳои донишазхудкунии шогирдон ва фаҳмонда додани сабаби саҳву хато намудани онҳо;
- ба нақша гирифтани маводи таълимӣ ва муҳокимаи матни маводи таълим;
- муҳокимаи моҳият ва усули корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он. [130].

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, ки омӯзгорони ояндаро омода менамоянд, ғайр аз омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик фанҳои ёрирасони таърих омӯхта мешаванд. Ба фанҳои ёрирасони таърих инҳо дохил мешаванд: хронология, метрология, этнография, нумизматика, полеография, гералдика ва ғайраҳо, ки барои омӯзиши он 94 соат ҷудо гардидааст, ки дар ташаккули салоҳияти таърихи мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

## Боби 2. Ҷараёни педагогӣ - психологӣ омили асосии ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён

### 2.1. Таълими таърихи халқи тоҷик - яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи лаёқат, қобилият ва маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Дар шароити муосир дар ҳаёти халқи тоҷик тағйиротҳои ниҳоят пешқадам рӯй дода, онҳо тамоми соҳаи ҳаёти давлат ва ҷамъияти шаҳрвандиро дар самти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва озодии шаҳрвандон фаро гирифтаанд. Чунин тағйиротҳо ба соҳаи маориф ва таҳсилот низ мансуб мебошанд, ки таълиму тарбияро ба талаботҳои ҷамъияти демократӣ мутобиқ гардониданд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 омадааст: *«Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хуруфот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад»*.[135, с. 22].

Дар стандартҳои нави таҳсилотӣ миёнаи касбӣ ва дарназардошти тавсифномаи тахассусӣ, мақсади таҳсилоти касбӣ аз омода намудани мутахассисони баландмоя ба фаъолияти касбӣ иборат дониста мешавад. Талаботи умумӣ нисбат ба таҳсилоти касбӣ дар равани омода намудани мутахассис чунин мебошад:

- барномаи таҳсилоти асосии тайёр намудани мутахассиси соҳаи таърих дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти зерин кор карда баромада мешавад ва дар худ нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ ва таҷрибавиро дар бар мегирад;

- талабот нисбат ба ҳадди ақали ҳатмии барномаи таҳсилоти асосии тайёр намудани мутахассиси таърих, инчунин шароитҳои амалӣ намудану муҳлати ҳаллу фасли он дар асоси Стандарти давлатии таҳсилотии зерин муайян карда

мешаванд;

- барномаи таҳсилоти асосии тайёр намудани мутахассиси таърих аз фанҳои гуманитариву иқтисодӣ, табииву риёзӣ, умумитахассусӣ, касбӣ ва фанҳои тахассусӣ, интихобиву факултативӣ иборат аст;

- барномаи таҳсилоти асосии тайёр намудани мутахассиси таърих бояд аз омухтани маҷмӯи фанҳои зерин ва аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ дар чунин шакл бошад:

- сикли фанҳои умумӣ гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ –**ГИИ**;
- сикли фанҳои умумӣ табиӣ-илмӣ ва математикӣ -**ТИМ;**
- сикли фанҳои умумитахассусӣ ва касбӣ- **УТК;**
- сикли фанҳои тахассусӣ - **ФТ;**
- сикли фанҳои факултативӣ – **ФФ**.

- мундариҷаи бахши милливу минтақавии барномаи таҳсилоти асосии тайёр намудани мутахассиси соҳаи таърих бояд тайёрии хатмкунандагонро мутобиқи тавсифномаи тахассус, ки Стандарти давлатии таҳсилоти зерин муқаррар кардааст, таъмин намояд. [140].

Мақсади таҳсилоти миёнаи касбӣ аз он иборат аст: мутахассисонеро омода намояд, ки лаёқати баланди касбиро ноил бошанд, дорои дониши устувор ва чуқури таърихӣ бошанд, шахсияти онҳо ҳаматарафа инкишофёфта бошад, ба фаъолияти педагогӣ дар шароити тағйирёбанда омода бошанд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мутахассисонеро омода намоянд, ки ба амалиёти фаъол дар ҷамъият омода бошанд ва ба фаъолияти меҳнатӣ хешро одат кунонида тавонанд, қобилияти худомӯзӣ, худсайқалдиҳӣ, худзоҳирнамоӣ ва худтакмилдиҳӣ дошта бошанд. Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки соли 2004 қабул гардидааст, гуфта мешавад, ки хонандагон ва донишҷӯён ҳуқуқ доранд, ки тамоми маҷмуи донишҳоро аз фанҳои асосӣ гиранд.

Пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯён ба

омӯзгори ояндаи фанни таърих табдил меёбанд, ки бояд дорои чунин сифатҳо бошанд:

- онҳо бояд шаҳрвандони дорои дониш, маҳорат ва малакаи баланди касбӣ бошанд;

- мавқеи баланди ҳаётӣ дошта, ба ҳаёт дар ҷамъият хешро мутобиқ карда тавонанд. [131 с. 18].

Аз ин бар меояд, ки вазифаи асосии омӯзгори фанни таърих дар шароити муосир аз он иборат аст:

- омӯзгори таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд донишҷӯёнро дар рӯҳияи сифатҳои баланди шаҳрвандӣ тарбия намояд;

- дуюм, хешро ба тағйиротҳои рӯйдода дар Тоҷикистон ва олами атроф мутобиқ сохта тавонад;

- ба тағйиротҳои иҷтимоӣ таъсири мусбӣ расонида тавонад ва хешро ба он мутобиқ созад;

- мавқеи фаъоли ҳаётӣ дошта, ба тамоми рӯйдодҳо танқидӣ нигариста, одамони атрофро дуруст дарк намуда, ҳурмату эҳтироми онҳоро ба ҷо оварад.

Бо ёрии таърихи халқи тоҷик, махсусан таърихи халқи хеш, омӯзгор метавонад дар донишҷӯён шахсияти дорои сифатҳои баланди демократиро ташаккул диҳад. Хусусияти дигари фанни таърих дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон ва донишҷӯён тавассути омӯхтани манбаю сарчашмаҳои таърихӣ тафаккури танқидиашон ташаккул ёфта, ҳам хатоҳои гузашта ва ҳам имрӯзаро иброз медоранд.

Хусусияти дигари таърихи халқи тоҷик дар он зоҳир мегардад, ки хонандаю донишҷӯро ба андешаронии танқидӣ, ҳақиқатҷӯйӣ водор намуда, ба хулосабарорӣ рӯ ба рӯ намуда, тавоноии маърифатиро ташаккул медиҳад.

Таърих, умуман таърихи халқи тоҷик яке аз фанҳои таълимии устуворе мебошад, ки дар он тамоми ҳодисаҳо дар пайдарҳамӣ рӯй дода,

фазою вақти ба худ хосро ноил мебошанд. Ин омилҳо имкон медиҳанд, ки дар дараҷаи муайян ҳаракати ҷамъият ва инсонро дар ҷамъият нишон ва намоиш диҳем. Дар раванди таълими фанни таърих омӯзгор диққати бештарро бояд ба форматсияҳои ҷамъияти иқтисодӣ ва омилҳои ивазшавии онҳо равона намояд. Асоси сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва фарҳангии аз як сохти ҷамъиятӣ гузаштан ба сохти дигарро бояд ниҳоят пухта ва фаҳмо ёд диҳанд.

Яке аз омили асосии ташаккул наёфтани маърифати таърихии донишҷӯён, дар он мебошад, ки аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сар карда то муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ омӯзгорон наметавонанд ҳамин масъаларо дуруст дар талаботҳои методӣ ҳал намоянд.

Мазмуни таълими таърихро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз он ҷумла таърихи халқи тоҷикро стандарти давлатӣ муайян менамояд ва дар раванди омӯзиши он мавқеи асосиро барномаи таълимӣ ишғол менамояд. Барномаи омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба монанди дигар фанҳои таърих ва фанҳои ёрирасон дар асоси нақшаи таълимии фан тартиб дода шуда, дар асоси он омӯзгорон барномаи кори таълимии хешро тартиб медиҳанд ва шуъбаи таълим онро тасдиқ менамояд.

Барномаи кории таълимӣ дар худ асосҳои дониш, малака ва маҳорати дар охири сол ноил гардидаи донишҷӯро дар бар гирифта, мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фан, методологияи омӯзиши фан, талабот аз донишҷӯён, тартиби баҳогузорӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён, адабиётҳои тавсиявӣ, номгӯи мавзуҳо ва тақсимот ба соатҳо, маълумоти мухтасар дар бораи шарҳи мавзуҳоро дар бар мегирад.

Инчунин дар барномаи кории омӯзгор мавзуҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён, саволҳои тестӣ барои рейтингҳо ва имтиҳони даврӣ ва ҷамъбастӣ, дастурҳои методӣ барои донишҷӯён дар дарс ва

таҳсилҳои мустақилона, рӯихати адабиёту сарчашмаҳо пешниҳод карда мешавад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ агар барномаҳои таълимӣ солҳои 20-уми асри XX пайдо шуда бошанд дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тахминан солҳои 40-уми асри XX пайдо гардиданд. [130, с. 138].

Онҳо тафриқавӣ буда, вазифаи асосии ин барномаҳо бартараф намудани нуқсониҳои назариявӣ ва амалии таълим ва тарбияи дар мактабҳои куҳна буд. Қайд кардан бомаврид аст, ки барномаю, китоби таълимии он давра намунавӣ набуданд, дар онҳо нуқсонҳои зиёди педагогӣ ва методӣ ҷой доштанд. Таълими фанни таърихи халқи тоҷик мураккабии ба худ хосро ноил мебошад. Аз соли 1980 дар Британияи Кабир ва Амрикои Шимолӣ таҳқиқоти илмӣ оид ба ташаккули маърифатии таърихии донишҷӯён баргузор карда шуд. Он собит намуд, ки омӯхтан ва фаҳмидани фанни таърих нисбатан мушкил гардидааст.

Таърих сарчашмаи асосии ҷаҳонбинӣ мебошад ва ҷаҳонбинӣ –категорияи тафриқавӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар таърих ташаккулдиҳандаи маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба шумор меравад. Маърифат худ аз калимаи арабии «арафа» гирифта шуда, маънояш дониш, донистан мебошад.

Мафҳуми «ҷаҳонбинӣ», маънои - «назар ба олам»-ро дорад, ки соли 1790 Кант дар асараш «Танқиди маҳорати муҳокима» ворид намудааст. Философи идеалисти немис ба сифати муносибати муттадили шахсиятии одамон, ҳамкории ақл ва иродаро ворид менамояд. Фикр мекунем агар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши фанни таърих омӯзгор тавонад, ба ақл ва иродаи донишҷӯ таъсир намояд, маърифатнокии онҳо боло мегирад.

Дар соли 1792 философи дигари немис И. Фихте дар китоби «Таҷрибаи танқиди рӯирости ҳама чиз» ин мафҳумро дар фарқият аз ғайрифаъоли «танқиди олам» истифода намуд. Андешаҳои фалсафии мутафаккирони назари

гуногундошта дар симои шахсият муттаҳид гардида, ба худшиносии шахс таъсир мерасонанд. Ин андешаҳо на танҳо ба олами ботинии инсон мансубанд, балки иқтидоре доранд, ки онро навсозӣ намоянд.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки «барои чӣ, ба кадом хотир ва чӣ тавр таърихро омӯзем?». Таҳқиқоти баргузорнамудаи мо бахшида шудааст ба таҳлили самтҳои асосии ва аспектҳои мазмунии таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ. Дар шароити муосир таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар арафаи гузаштан ба насли сеюми стандартҳои таълимӣ қарор гирифтааст.

Низоми таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар шароити муосир дар ҳолати ислоҳоти ҷиддӣ қарор дорад. Бояд қайд кард, ки дар давоми ду даҳсолаи охир муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар ҳолати ислоҳотӣ қарор гирифтанд. Аз соли 2004 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз сохтори пешангӣ техникум, ба коллеҷ табдил дода шуда, сохторашон ба кулӣ тағйир дода шуд. Дар навбати дигар бо мақсади гузаштан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот интиқол дода шуданд.

Аз соли 2017-2020 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба фазои таҳсилоти фосилавӣ ворид гардиданд, ки яке аз талаботҳои воридшавӣ ба таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад. Дар амал ин вазифаҳои умумӣ факултети таърихро водор менамоянд, ки дар муҳлати кӯтоҳ барномаҳои таълимӣ ва маводҳои таълимӣ - методиро коркард намуда, мушкилоти интихоби мазмуни фанҳои таълимӣ ва муносибат бо онро дарк намоянд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ яке аз мушкилотҳои асосӣ интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо мебошад, ки бо сабаби мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ ва паст будани музди меҳнат, бисёриҳо ба таълиму тарбия рӯ оварда намехоҳанд. [131].

Дар ташаккули маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни таърихи халқи тоҷик ва фанҳои ёридиҳанда мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Дар раванди омӯзиши таърих омилҳои объективӣ ва субъективие

мавҷуданд, ки дар ҳолати ҳамгиро намудани онҳо салоҳияти маърифатии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ ташаккул меёбад.

Тавре маълум аст, ба омилҳои субъективии ташаккули маърифатии донишҷӯён, иштирокчиёни ҷараёни таълим, ки асоситарини онҳоро омӯзгор ва донишҷӯён ташкил медиҳанд, ворид мегарданд. Омилҳои объективӣ бошад: усулҳо, воситаҳо, роҳҳо ва тарзи бурдани дарс, шаклҳои дарс, шароити таълим, фазои таълим ташкил медиҳад, ки метавонад қобилияти маърифатии донишҷӯёнро ташаккул дода, салоҳияти касбиро дар онҳо бедор намояд.

Ба ҳама фаҳмост, ки дар давраи таҳсил дар бахши аввал донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ором, бодиққат, фармонбардоранд, тамоми маводҳоро талош меварзанд ба дафтарашон навишта гиранд, аммо ягон чизи навро ба мавзуъ, фан ва методҳои маърифатӣ ҳамроҳ карда наметавонанд. Дар онҳо ягон фаҳмиш дар бораи кушоишҳои нави илмӣ ва методҳои фаъолияти маърифатӣ ва навгонию ихтироот вуҷуд надорад.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ диққати бештари хешро ба ташаккули маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи самти омӯзгорӣ равона намудааст. Ин масъала яке аз масъалаҳои асосии илми педагогика ва психология дар ташаккули маърифати донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Дар бораи шаклҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ, донишҷӯён хоҳиши донистани асрори олам, инчунин ба таври назариявӣ ошкор намудани тавоноии махсуси донишҷӯён: ба мусиқӣ, рассомӣ, адабиёт, математика, муоширaт ва суханронӣ, нотиқӣ, омӯзгорӣ, техникӣ ва ғайраҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ ошкор мегардад.

Ин кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пас аз хатми бахши якум ва интиқоли донишҷӯён ба бахши дуюм аз факултет ба факултет мутобиқи майлу хоҳиш, қобилияту лаёқат интиқол додани донишҷӯён анҷом дода шавад, ки боиси ташаккули салоҳияти касбӣ мегардад. Агар чунин карда нашавад, донишҷӯе, ки тасодуфан ба ихтисоси таърих, математика, забону

адабиёт, забони русӣ, англисӣ ё синфҳои ибтидоию томактабӣ дохил шуда буданд, вақтро беҳуда гузаронида, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) мегиранду фаъолияти салоҳиятнокона накарда ба буҷаи давлат зарарӣ моддӣ ва маънавӣ мерасонанд.

Андешаи олимон, оид ба мафҳуми «тавоноӣ ё лаёқат» фикрро дар бораи он муттаҳид менамояд, ки тавоноӣ метавонад дар тез аз бар намудани мавод ва дуруст истифода бурдан аз дониш, малака ва маҳорати мувофиқ зоҳир гардад, ки дар ҳама чунин мебошад. Аз рӯйи андешаи олимони муосир, се шакли тавоноӣ ё лаёқат мавҷуд аст: умумӣ (таъминкунандаи нисбатан сабук ва кори самаранок); махсус (қатъи тахассусӣ); амалӣ (ташкилотчигӣ).

Асоси тамоми шаклҳои лаёқату қобилияти донишҷӯёнро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавоноии маърифатӣ ташкил медиҳад. Барои он ки дар ҷараёни инкишофи тавоноии маърифатӣ дигар намудҳои лаёқат дар зери таъсири он инкишоф ёбад, тадбирҳои зиёдеро амалӣ намудан зарур аст. Махсусан дар кафедра ҳамин андешаро шиори фаъолияти хеш намуда, дар назди омӯзгорони фанни таърих, фанҳои ёридиҳанда вазифа гузоштан зарур аст, ки ба ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён, омӯзгорони оянда диққати махсус зоҳир карда шавад.

Мудири кафедра бояд масъалаи «ташаккул додани лаёқат ва қобилияти маърифатии донишҷӯёнро» дар маркази диққати ҳамешагии хеш қарор диҳад ва дар ин самт назоратро пурзӯр намояд. Тавоноии маърифатии донишҷӯён - ин олами беруниро дарк карда тавонистан, ки он ба самти маърифат нигаронида шудааст. Донишҷӯён агар тавоноии баланди маърифатӣ надошта бошанд, мутобиқи зинаи маърифатиашон ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳогузорӣ менамоянд.

Устод Рӯдакӣ ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад, не бад-он чашм, к-адар ӯ нигарӣ фармудааст, ки дорои фалсафаи саршори маърифат мебошад. Лаёқати маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз таҳсил дар мактаб оғоз гардида, дар муассисаҳои касбӣ ташаккул ва инкишоф меёбад.

Фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ - ин ҷараёни пайдарҳам аз бар намудани

дониш, маҳорат ва малака аз ҷониби донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор мебошад. Барои ин мазмуни таълим навсозӣ карда шуда, усул ва роҳҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ истифода бурда шуда, ҷараёни таълим самаранок мегардад. Мақсади асосии таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯро ба иштирокчии фаъоли таълим ва омода ба фаъолияти касбӣ ба воя расонидан мебошад.

Ба гуногуншаклии сарчашмаҳои инкишофи хеш донишҷӯ нигоҳ накарда, бояд фаҳмад, ки фаъолияти маърифатӣ барои ӯ аз ҳама муҳим мебошад. Аз ин рӯ, донишҷӯ дар давраи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тамоми тадбирҳоро меандешад, ки дар дарсҳои назариявӣ, семинар, корҳои мустақилона, чорабиниҳои илмию фарҳангии муассиса фаъолона ширкат варзида, бештар ба худомӯзӣ ва худинкишофдиҳӣ сару кор гирад.

Ин пеш аз ҳамма аз характери ҳадафнок ва муташакили донишҷӯ вобаста мебошад. Имрӯз донишҷӯён мутаассифона чунин нестанд, ба дарс чандон дилбастагӣ надоранд, дер меоянд, ба худомӯзӣ ва худсайқалдиҳӣ сару кор намегиранд ва бештари вақти хешро сарфи телефонҳои мобилӣ ва бозиҳои компюторӣ менамоянд. Бештари вақти қимати хешро дар корҳои беҳуда, бозиҳои телефонӣ, компюторӣ мегузаронанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, чунин ҷавононро дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун омӯзгорони фаннӣ ба кор намегиранд.

Ин аз дониш, маҳорат ва малакаи пасти касбӣ доштан, аз талаботҳои илм, методика, педагогика огаҳӣ надоштани онҳо гувоҳӣ медиҳад. Таҷрибаи педагогии мо таҳқиқгарон аз раванди корҳои озмоишӣ собит менамояд, ки ворид гардидани Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, яъне низоми кредитӣ ба суст гардидани донишу маҳорат рӯ ба рӯ гардонид.

Аз ин мебарояд, ки барои ба даст овардани дараҷаи баландии эҷодӣ ва фаъолияти маърифатӣ донишҷӯён, дар низоми анъанавӣ навгониҳои педагогӣ ворид намуда, хусусиятҳои маъмурӣ ва фармонфармоиро берун намуда, ҳамкориро бештар ворид намудан зарурият дорад. Таҳқиқот собит менамояд, ки

таърихи халқи тоҷик омили асосии худшиносӣ, ифтихор ва ғуруру фаъолияти маърифатии насли наврас дар тамоми давру замон маҳсуб меёбад.

Мутобиқи андешаҳои педагогии У. Кайковус, одамон аз рӯйи тавоноии маърифатӣ гуногунанд: одамони дорои лаёқати табиӣ, дорои ақлу фаросати табиӣ, аз рӯйи иқтидору тавоноӣ ва ақлу хирад аз дигар одамони оддӣ фарққунанда мебошанд. Мутобиқи андешаи ӯ ҳар кас наметавонад, ақли табииро ноил гардад, аммо мутобиқи таъкиди Кайковус метавонад ба ақлу хирад бо ёрии омӯзиш ва тарбия сазовор гардад.

Аз рӯйи нуқтаи назари А. Рӯдакӣ, дар ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон мавқеи асосиро муҳити ҳаёт ишғол менамояд. Ба фикри мо ҳамчун таҳқиқотчии масъалаи мазкур, ҳақ бар ҷониби Рӯдакӣ мебошад. Дар ҳақиқат муҳит сарчашмаи дониш ва лаёқату тавоноии инсон дониста мешавад. Аз тамоми андешаҳои педагогии Рӯдакӣ дар бораи мавқеи муҳит ва тарбия дар ташаккули шахсиятии инсон хулосаи мантиқӣ баровардан мумкин аст, ки тавоноии маърифатӣ ва сифатҳои ахлоқии инсон меросӣ набуда, балки дар натиҷаи таъсиррасонӣ пайдо ва қавӣ мегарданд.

Мушоҳидаи илмии диссертант ошкор намуд, ки қобилияти маърифатии донишҷӯён бо ёрии дарк карда тавонистани мазмуни маводи таълимӣ, навгониҳои мазмуни маводи таълимиро ошкор намуда, барои аз бар намудани дониш ва дастовардҳои нави илмӣ роҳ мекушояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои донишҷӯёни факултети таърих шаклҳои гуногуни корҳои мустақилона мавҷуданд, ки дар ташаккули лаёқат ва қобилияти донишҷӯён мавқеи арзандаро ишғол намуда, маърифатро баланд мебардорад.

Тавассути он донишҷӯён тарзи нави фаъолият, мушкилот бо аломатҳои таҳқиқотро аз худ намуда, эҷод ва корҳои амалиро ёд мегиранд. Як қатор педагог ва психологҳо чунин мешуморанд, ки дар бахшҳои болоӣ муносибати донишҷӯён ба таълим тағйир меёбад. Дар ҳақиқат чунин аст, донишҷӯёни бахшҳои болоӣ ба омӯзгорон тақлид менамоянд, дар зинаи охир, пас аз бар гаштан аз таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ донишҷӯён қариб ба кулӣ тағйир ёфта,

рафтору кирдорашон, муносибату андешарониашон мулоҳизакорона гардида, ба фаъолияти меҳнатӣ худро омода менамоянд.

Таърих ба замон, замон бо таърих робитаи ногусастанӣ дорад ва робитаро дар вақти кӯтоҳтарин аз байн бардоштан имконият надорад. Шуури таърихӣ вазифаи муҳимтарини иҷтимоиро иҷро менамояд: вай асоси худшиносии моро гузошта, сарчашмаи хаёлот, тасаввурот ва андешаи мо дар бораи ҷамъият мегардад. Дар баробари он таҷрибаи таърихӣ муайянкунандаи инкишофи минбаъдаи ҷамъият ва инсоният мебошад, ки аз нуқсониҳои содирнамудаи гузаштагон хулоса бароварда, қонунияти инкишоф риоя карда мешавад.

Тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, гузашта ба донишҷӯён ошкор гардида, бо ҳозира шиносоӣ пайдо намуда, оянда ва беҳдошти инкишофро тарҳрезӣ менамояд. Тавассути омӯзиши фанни таърих ва фанҳои ёрирасони таърих ба донишҷӯён ошкор мегардад, ки якобинчиён дар замони инқилоби буржуазии Франсия худро бо Брут ва дигар республикачиёни Рим шабоҳат доданд, Ленин ва болшевикҳо хешро давомдиҳандаи кори якобинчиён ҳисобиданд.

Аз ин рӯ, коркарди малакаи дарк намудани фанни таърих ва омӯзиши бодиққати он яке аз шароитҳои муҳими инкишофдиҳандаи самараноки омӯзгорони оянда мебошад. Махсусан қайд кардан зарур аст, ки донишҳои таърихӣ дар ташаккули муҳити маърифатии инсон ҷойгаҳи асосиро ишғол менамоянд. [3, с.62].

Аҷиб он мебошад: дар солҳои охир қувваҳое пайдо гардиданд, ки ҳодисаҳои таърихиро нодуруст шарҳу эзоҳ додан мехостанд, аммо асари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикон дар оинаи таърих» ин талошҳоро бартараф намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани худшиносӣ, ифтихор ва ғурури миллии насли наврас китоби алома Бобоҷон Ғафуровро аз маблағҳои захиравӣ ба табъ расонида, дар тамоми хонадони тоҷикону тоҷикистониён дастрас намуд, ки ҳадафи он баланд бардоштани салоҳияти

таърихӣ ва ташаккули ғурури миллӣ мебошад.

Муҳимтар аз он, амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июли соли 2022, зери № АП-227 мебошад, ки ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров қабул карда шудааст ва мақсаду мароми хешро ноил мебошад. Мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 бояд озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - дар оинаи таърихи миллат» бояд баргузор карда шавад, ки вазифаи асосии он ташаккул додани лаёқат, қобилият ва маърифати таърихии насли наврас мебошад.

Фанни таърихи халқи тоҷик омили асосии Стандарти давлатии таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон новобаста аз самти фаъолияти мутахассис мебошад. Ин фаннро дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон ба сифати фанни асосӣ меомӯзанд, вале дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ба омӯзиши он диққати бештар дода мешавад.

Ин маънои онро дорад, ки бояд фаъолиятро ба он нигаронид, ки вазифаҳои таълими фанни мазкур навсозӣ карда шуда, воситаҳои таълими фанни таърих ба дастовард нигаронида шаванд. Натиҷаи ба дастомадаи омӯзиши фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, мониторинги инкишофи шуури таърихӣ мебошад, ки дар нимсолаи якум ва дуюм баргузор карда мешавад. Дар қарни XXI дар раванди тағйиротҳои иҷтимоӣ - маданӣ мо чӣ тавр одамони дорои маърифати баландро ба воя расонем.

Дар шароити муосир даққати моро ду звенои асосии ҷараёни таълим ба худ ҷалб менамояд. Якуми онҳо – салоҳияти матнӣ мебошад, ки ба он китоб, дастурҳои методӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, маводҳои дидактикӣ дохил мешаванд. Дуюм - дастгоҳҳои назоратӣ барои баҳо додан ба дараҷаи аз бар намудани мавод, ки лаёқату қобилияти донишҷӯро ба эътибор мегирад, шуда метавонанд. Дар фарқият аз физика ва математика омӯзиши равандҳои таърихӣ ҳамеша дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ, ҳолатҳои ҳаётӣ, сарчашмаҳои алтернативии ахбор қарор дорад, ки дар кадом дараҷае ба тарзи психологии инкишофи шахсият таъсир мерасонад.

Донишҷӯёни муосир – ин насли нави одамоне мебошанд, ки ҷамъияти нави ахборотиро онҳо ба танзим медароранд. Ин аз онҳо доштани лаёқат ва маҳорати худро офаридан, зиндагии ояндаи хешро равшан намудан, ба ҳаёт хешро мутобиқ сохта тавонистанро талаб менамояд. Дар чаҳорчӯбаи стандартҳои давлатии таҳсилот, таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ба сифати омода намудани тавоноии ҷавонон барои дарки масъулият, барои беҳбудии ҳаёти хеш ва ҷамъият водор менамояд. Дар робита ба ин мазмуни низоми таҳсилот иваз гардида, аз донишдиҳандагӣ ба ташаккули салоҳият иваз мегардад, ки сарчашмаи асосии он омодагии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона мебошад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосири тез ивазшаванда қудрати ба таври бояду шояд ташаккул додани салоҳиятро надоранд. Аммо муассисаҳои миёнаи касбӣ қудрате доранд, ки салоҳиятҳои асосии калидии донишҷӯёнро ташаккул диҳанд. Воқеан ҳақиқати муосир дар назди омӯзгорон ва волидони донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ масъала мегузорад:

- гирифтани баҳои баланд аз имтиҳонҳои ниҳоӣ;
- самаранок ва бобарор фаъолият намудан пас аз хатми муассиса.

Бояд таҳқиқотчӣ аз рафти корҳои таҳқиқотӣ хулосабарорӣ намояд, ки оё дарсҳои таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонанд салоҳиятҳои таърихии донишҷӯёнро ташаккул диҳад? Махсусан дар раванди кор бо сарчашмаҳои таърихӣ шароитро барои инкишофи шахсии донишҷӯ муҳайё намудан зарур аст, ки таҳкурсии ҷаҳонбинии ӯ ташаккул ёбад ва вазифаҳои мушаххаси ҳаётиро ҳал карда тавонада ва аз ҳолатҳои вазъиятӣ ба осонӣ баромада тавонанд.

Мақсади омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик - тавссути сарчашмаҳои таърихӣ шинос намудани донишҷӯёни тамоми зинаҳои таҳсилот ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, фарҳангии миллати хеш аз нуқтаи назари танқидӣ ва баровардани хулосаи илмӣ мебошад. Омӯзиши фанни таърих ҷаҳонбинии

донишҷӯёнро ташаккул дода, салоҳиятҳои калидиро дар онҳо бедор намуда, ба ҳаёти мустақилона омода менамояд. Барои татбиқи ин мақсад вазифаҳои зеринро ҳал намудан зарур аст:

- ба донишҷӯёни факултети таърих мубрамияти фанни таълимиро дар сиёсати муосир кушода дода тавонистан;
- мафҳуми салоҳият ва салоҳиятнокиро дуруст шарҳу эзоҳ додан;
- ба таври боварибахш нишон додани намуд ва вазифаҳои салоҳият;
- нишон додани ҷойгаҳ ва мавқеи салоҳиятнокӣ дар дарси таърих;
- донистани кадом сарчашмаҳои таърихӣ ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ мусоидат менамоянд. [124, с. 138].

Мафҳуми салоҳият дар худ на танҳо маърифат ва ҳолати амалиётӣ - технологиро ифода менамояд, балки мақомбахшӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва амалҳои рафториро ташкил медиҳад. Он дар худ натиҷаи таълимро (ҳамчун дастовардҳои шахсиятӣ), низоми арзишӣ - майлгирӣ фаро мегирад. Салоҳиятнокии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташаккул ёфта, ба он оила, рафиқон, кору меҳнати якҷоя, сиёсат, маданият, дин ва ғайраҳо таъсир мерасонанд. Дар робита ба ин, татбиқи муносибати босалоҳият аз тамоми ҳолатҳои таълимӣ - маданиятӣ, ки донишҷӯ дар он ҳаёт мегузаронад ва инкишоф меёбад вобаста мебошад.

Таълими таърихи халқи тоҷик чунин салоҳиятҳои калидиро пайравӣ менамояд:

1.Салоҳиятҳои умумитаълимӣ – ба он доираи саволҳое дохил мешаванд, ки донишҷӯ хуб огаҳӣ дошта бошад, маърифати баландро ноил буда, таҷрибаи фаъолияти касбӣ дошта бошад. Ин махсусияти маданияти миллӣ ва умумибашарӣ, асоси маънавӣ - ахлоқии ҳаёти инсон ва инсоният барои самаранок гузаронидани вақти холӣ мебошад.

2. Салоҳияти иҷтимоӣ - меҳнатӣ маънои таъсири дониш ва таҷрибаи одамонро дар фаъолияти ҷамъиятӣ ифода менамояд. Ба ин шакли салоҳият дохил мешавад, доштани маҳорати таҳлил намудани вазъият дар бозори

меҳнат, амал намудан дар мувофиқа ба манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, доштани ахлоқӣ меҳнатӣ ва ҳамкории шаҳрвандӣ. Донишҷӯён бояд малакаи минималии ҳаётро дар ҷамъияти муосир, фаъолияти иҷтимоӣ ва босаводона амал намудан дошта бошанд.

3. Салоҳияти ахборотӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар фаъолияти касбӣ, омили беҳтарин мебошад. Бо ёрии объектҳои воқеъӣ, (телевизор, магнитофон, телефон, факс, компютер, принтер, нусхабардор, захиракунандаи интернет) ва технологияи ахборотӣ, (овозию наворӣ, почтаи электронӣ, восоити ахбори омма, Интернет) онро истеҳсол карда тавонанд. Донишҷӯён дар ин раванд малакаю маҳорати мустақилона ҷустан, таҳлил ва коркарди намудани ахбор, ташкил, навсозӣ ва интиқоли онро ёд гиранд. Дар донишҷӯён маҳорат ва малакаи касбӣ ташаккул ёфта, маърифати таърихӣ боло мегирад, ки дар ташаккули муносибати босалоҳият ниҳоят муҳим мебошад.

4. Шакли беҳтарини салоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик салоҳияти муоширатӣ мебошад. Барои он ба донишҷӯён донистани забонҳои гуногун, тарзи ҳамкорӣ бо атрофиён ва одамони алоҳида зарур мебошад Фанни таърих аз донишҷӯён муносибатро ба ҳодисаҳо, дарки паҳлуҳои баду нек ва малакаи корро бо гурӯҳи хонандагон талаб менамояд. Донишҷӯён тавассути омӯзиши фанни таърих ва фанҳои ёрирасони он, бояд нақшҳои гуногуни иҷтимоиро дар коллектив бозида тавонад. [133, с. 3- 15].

Донишҷӯ тавонад ба худ тасаввур намояд, ки сохт, маданият, зинаи фарҳанг ва фарқияти техникии истеҳсолоти ин сохт аз сохти дигар дар чист. Сабабҳои асосии пайдоиши фарқияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии ҷамъият дар чист ва кадом омилҳо метавонанд инкишофи ҷамъиятро таъмин намоянд. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд навиштани мактуб, анкета, ариза, пайнавишт, маърӯзаро тавонанд, саволи нишонрас диҳанд, баҳсу мунозира дар атрофии ҳодисаҳои таърихӣ бурда тавонанд. Барои аз худ

намудани салоҳияти муоширатӣ дар ҷараёни таълим, ба донишҷӯён бисёр омӯхтан ва бо сарчашмаҳои таърихӣ шинос будан зарур меояд.

5. Салоҳияти арзишӣ - мазмуннокӣ омили асоситарини дарк намудани таърих ва ҳодисаҳои таърихӣ мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ташаккул додани ин шакли салоҳият ниҳоят муҳим мебошад. Ин шакли салоҳият, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати донишҷӯён дар робита бо тасаввуроти арзишии донишҷӯён қобилияти дидан ва фаҳмидани олами атроф, ниҳоят муҳим мебошад. Ин шакли салоҳият дар фаъолияти таълимӣ ва дигар шаклҳои фаъолият ниҳоят муҳим мебошад. Аз вай фаъолияти инфиродии таълимии донишҷӯён вобаста мебошад, зеро агар донишҷӯ ба қадри арзиш нарасад, мазмунро дарк нанамояд, таърихро фаҳмида ва дар хотир нигоҳ дошта наметавонад.

6. Салоҳияти таълимӣ - маърифатӣ ин маҷмуи салоҳияти донишҷӯён дар самти фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ мебошад. Ин шакли салоҳият дар худ аломатҳои мантиқӣ, методологӣ, фаъолияти умумитаълимӣ, монандкунию фарқнамоии объектҳои воқеии маърифатиро дар бар мегирад. Ба он дохил мешавад дониш, маҳорат ва малакаи мақсадгузорӣ, таҳлил, одаткунӣ (рефлекс), худбаҳодиҳии фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ. Тавассути салоҳияти таълимӣ - маърифатӣ дар донишҷӯён навгониҳои фаъолияти самаранок пайдо мегардад: донишро аз воқеияти мавҷуда ҳосил менамоянд, усулҳои фаъолиятро аз худ намуда, дар ҳолатҳои ғайристандартӣ фаъолият намуда, методҳои ҳалли мушкилотро пайдо менамоянд. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, тавассути омӯзиши фанни таърих малакаю маҳоратеро бояд ноил гарданд, ки дурустиву нодурустии далелҳоро фарқ кунанд, маҳорати чен кардани манфиатнокии навгониҳоро ҳосил намоянд, методҳои оморӣ ва дигар методҳои маърифатро дуруст истифода бурда тавонанд.

7. Салоҳияти шахсиятӣ - худмуайянкунӣ доштани дониш дар бораи инсон, олами маънавии он, муносибат дар бораи сифатҳои психологии хеш, имкониятҳо, лаёқатҳо, арзишҳо, ҳадаф, орзую ормон ва ғайра мебошад.

Ҷараёни фаъол гардонидани фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, дар дарсҳои таърих ва фанҳои ёрирасони таърих, асос ва пояи устувори ташаккул ёфтани салоҳияти маърифатии донишҷӯён ё омӯзгорони оянда мебошад. [133, с. 13- 28].

Дар мазмуни технологӣ фаъолияти маърифати таърихии донишҷӯён аз ҳисоби инҳо таъмин карда мешавад:

- ворид намудани технологияи самараноки педагогӣ дар раванди таълими фанни таърих;
- истифодаи доимии робитаи байнифаннӣ дар ҷараёни дарс;
- баланд бардоштани дараҷаи илмии омӯзиши фанни таърих;
- васеъ истифода бурдан аз технологияи ахборотӣ - коммуникативӣ;
- ташкили ҷараёни дарккунии шахсиятии таҷрибаи таърихӣ.

Дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷойи асосиро ташаккули лаёқату қобилияти кор карда тавонистани донишҷӯён бо сарчашмаҳои таърихӣ ишғол менамояд. Кор бо сарчашмаҳои таърихӣ, яке аз шаклҳои асосии фаъолияти донишҷӯён дар тамоми шаклҳои таълим, ҳамчун воситаи ташаккулдиҳандаи маърифат ба ҳисоб меравад. Сарчашмаҳои таърихӣ, дар омодагии мустақилонаи донишҷӯён дар дарс, машғулиятҳои семинарӣ, омода намудани баромаду маърӯза ва корҳои беруназаудиторӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Махсусан, донишҷӯён барои кор карда тавонистан бо сарчашмаҳои таърихӣ омода карда шаванд. Ин тадбир яке аз омилҳои муҳимтарин дар ташаккули салоҳиятҳои калидии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Тавассути кор бо сарчашмаҳои таърихӣ, донишҷӯён тарзи навиштани корҳои назоратӣ, корҳои курсӣ, реферат, рисолаҳои дипломӣ, овардани иқтибосро ёд гирифта, ба иҷрои рисолаи илмӣ омода мегарданд. Ин маҳорату малакаи истифода бурда тавонистан аз сарчашмаҳои таърихӣ, тахминан аз давраи таҳсил дар синфҳои 5-6-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мукамал

мегардад. Барои ин дар дарсҳои таърих дар назди худ мақсад гузоштан зарур аст:

- тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, тафаккур ва малакаю маҳорати меҳнати ақлонаю нутқи донишҷӯён инкишоф дода мешавад;

- дар раванди омӯзиши фанни таърих, инкишоф додани нутқ яке аз воситаҳои асосии ноил гардидан ба дониш бояд дониста шавад;

- ба донишҷӯён имконият муҳайё карда шавад, ки далелҳои таърихиро донанд, робита ва муносибатҳои байни онҳоро фаҳманд, ҳодисаҳои таърихиро тавсиф карда тавонанд.

Дарси муосири фанни таърих, гузаштан аз самаранокии зоҳирӣ, ба дониши чуқур мебошад. Вай ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки донишҷӯ дар ҳосил намудани дониши хеш, фаъолона ширкат варзад. Аммо озмоишҳои доир намуда собит намуданд, ки аксари донишҷӯён ба ҳосил намудани дониш чандон хоҳиш надоранд. Инчунин, каме аз донишҷӯён бо анҷомҳои таҳсил таъминанд, лексияҳоро наменависанд ва ҳарчӣ бештар бо телефон ва корҳои бефойда машғул мегарданд. Дар шароити муосир бо омӯзгор дигар ҳамчун субъектҳои таълим кам ба ҳамкорӣ дохил мешаванд.

Мо саҳифаҳои дурахшони таърихи аҷдодони хешро дар муборизаи қаҳрамононаи онҳо бахри муҳофизати ватани худ бар зидди аҷнабиёни юнону мақдунӣ, арабҳо, муғулҳо, туркҳо ба насли наврас омӯхта, салоҳияти таърихии онҳоро ташаккул медиҳем. Таърих гувоҳ аст, ки гузаштагони мо на бо ҷангу ҷидолҳо, балки бо инкишофи кишоварзӣ, бунёду ободонии шаҳрҳои бостонӣ, ба монанди Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Ҳирот машҳур гардида буданд. Яке аз қадимтарин китобҳои муқаддаси динию ахлоқӣ– «Авесто» ва фарзандони баруманд, ба монанди Абу Ҳанифаю Имом ал-Бухорӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакию Абӯ Алӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсию Умари Хайём, Саъдии Шерозию Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолиддини Балхию Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомию Камолиддин Беҳзод, Садриддин Айнию Бобоҷон Ғафуров ва дигарон ном баровварда буд. [52, с. 138].

Ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок фаҳмонидан зарур аст, ки миллати мо ба муқобили душман дар баробари сипар, илм, маданият ва фарҳанги худро пеш гузошт, ба онҳо иттифоқ, ҳамзистию ҳамкориро пешниҳод кард. Худ, ки маърифатноку маорифпарвар буд, ба аҷнабиёни кӯчманчӣ бартарии илму маърифатро исбот намуд, онҳоро низ ба ҳамин роҳ ҳидоят сохт.

Ба донишҷӯён фаҳмонидан зарур аст, ки тоҷикон тавонистанд нисбат ба ҳамсоягони худ хеле пештар, дар тӯли аз аҳди Сосон то Оли Сомон нишонаҳои қабилавиро паси сар карда, ба халқи ягона муттаҳид гарданд. Барои ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён шаклҳои таърихии иттиҳоди одамонро асоснок фаҳмонидан зарур аст, ки фарҳанги таърихии онҳо ташаккул ёбад.

## 2.2. Омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

Дар истеҳсоли дониш, малака, маҳорат ва фаъолияти эҷодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ҷараёни гузаронидани дарси таърихи халқи тоҷик, бояд омилҳои объективӣ ва субъективиро фарқ кард. Инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён аз омилҳои объективӣ ва субъективӣ сахт вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки ба омилҳои субъективии ташаккули маърифатӣ иштирокчиёни ҷараёни таълим, субъектҳои ҷараёни таълим мансубанд, ки онро омӯзгорон ва донишҷӯён ташкил медиҳанд.

Ба омилҳои объективӣ онро ворид намудан мумкин аст: муносибат, роҳ, метод, тарз ва усулҳои дарсгузаронӣ, ки таъминкунандаи шароити хуби таълим, дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад. Фаҳмост, ки дар ҷараёни таълими фанни таърих донишҷӯён ягон чизи навро дар омӯзиши фан ва методҳои фаъолияти маърифатӣ ворид намуда наметавонанд. Онҳо ягон ихтирокорӣ дар илм намекунанд, методҳои нави таҳқиқотро бунёд наменамоянд. Дар ин мазмун

онҳо танҳо суммаи муайяни донишро дар назария ва амалия аз бар менамоянд.

Дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯён ба таври субъективӣ он донишеро аз бар менамоянд, чунин методҳои фаъолияти маърифатиеро аз худ менамоянд, ки пеш надоштанд. Дар ин ҷо, бо С. Л. Рубинштейн ҳамфикр будан зарур меояд, ки фармудааст: «донишҷӯ кушоиш наменамояд, балки танҳо дониши ҳосилнамудаи инсониятро аз бар менамояд, аммо барои хеш шахсан ин ихтиро ё кушоиш мебошад» [78, с. 3-15].

Дар ин мазмун фаъолияти маърифатии донишҷӯ ҳамеша характери эҷодиро ноил мебошад. Ҳатто мавзуи китоби дарсиро хонда аз бар намудан, ба саволҳои таърихӣ ҷавоби дуруст дода тавонистани донишҷӯ ва ташаккур шуниданаш аз ҷониби омӯзгор омили хурсандӣ мебошад.

Ба худатон тасаввур намоед, ки барои хонанда аз ёд кардани ҷадвали зарб субъекти аввалини аз бар намудани дониши нав ба ҳисоб меравад, аммо аз рӯйи моҳият он ягон хосияти эҷодӣ надорад, танҳо аз донишҷӯ дар хотир нигоҳ доштанро талаб менамояд. Агар аз бар намудани дониш аз ҷониби донишҷӯён кушоиши нав ва ихтирокорӣ барои ҷамъият фаҳмида нашавад, барои онҳо он ихтиро ва кушоиши нав мебошад. Зеро дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ дар онҳо тавоноии маърифатӣ ташаккул ёфта, инкишофи минбаъдаи он аз омилҳои субъективӣ ва объективии ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ вобаста мебошад.

Омӯзгор дар ҷараёни таълимӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ симои асосӣ маҳсуб меёбад, зеро, ки роҳбарии педагогиро таъмин менамояд. Кори ӯ танҳо бо гузаронидани дарс маҳдуд намегардад, балки ӯ бояд иҷроиши барномаи таълимиро, ки стандарти таълимӣ пешбинӣ намудааст таъмин намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд: *«Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли*

*наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».* [135]

Таърих - яке аз илмҳои қадимӣ буда, калимаи «таърих» дар тарҷима аз калимаи юнонӣ қадимӣ маъноӣ «нақл, ҳикоя, гуфтор, таҳқиқ»-ро ифода менамояд. Дар забони муосир мафҳуми «таърих» дар ду моҳият истифода бурда мешавад: 1) илме, ки гузашта ва тамоми рӯйдодҳои онро меомӯзад; 2) илме, ки гузаштаи инсониятро меомӯзад, ки бе донистани он ҳозирaро бунёд намудан ва ояндаро сохтан номумкин мебошад.

Дониши илмӣ дар бораи гузашта барои донишҷӯ омили асосии ташаккулдиҳандаи шуури таърихӣ маҳсуб меёбад. Донистани таърих ташаккул меёбад дар асоси ҳикояҳо, афсонаҳо, қиссаҳо, шеъру достонҳо, ки дар он ҳақиқат бо орзую хаёлот омехта гардидааст. [124, с. 160].

Аммо ин орзую хаёлот дар бисёр ҳолат ба воқеият табдил ёфта, далели таърихӣ мегардад. Мисоли он шуда метавонад, қиссаи «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ, «Хираднномаи Искандарӣ», «Қишлоқи Тиллоӣ», «Муҳорибаи Куликов» соли 1380 ва ғайраҳо, ки дар таърих ниҳоят зиёданд. Бе донистани лаҳзаҳои муборизаи қаҳрамононаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарони македонӣ, муғул, араб ва кашмокашиҳои дохилӣ таърихро аз бар намудан имконият надорад. [52, с. 15- 94].

Бе донистани ҳодисаҳои таърихӣ нақл кардан дар бораи яке аз саҳифаҳои қаҳрамонии миллати тоҷик ниҳоят мушкил мебошад. Мутобиқи андешаи таърихшиносони машҳур, тохтутози муғулҳои кӯчманчӣ ба инсоният на пешрафт, балки зулмати қабилагию авлодиро бор кардан мехост. Онҳо шаҳрҳоро ба хок яксон намуда, китоб, дастхат ва хату саводро барҳам заданӣ

буданд.

Шаҳри Утрорро ба хок яксон намуда, аз қаҳру ғазаб дар ҷойи ин шаҳри обод заминашро шудгор намуда ҷав кориданд. Ба донишҷӯён дар ин раванд фаҳмонидан зарур меояд, ки чаро миллат ҳастии худро таъмин карда тавонист. Худи ҳамон омили объективӣ ва субъективиест, ки миллати тоҷик забон, маданият, хат ва саводи хешро ҳифз карда тавонист. [52, с. 138].

Ҳамин тавр, ташаккули маърифат ва шуури таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар худ донишҳои боварибахш, афсона, қисса, ривоят, хаёлоти халқро ифода менамояд, ки фонди луғавии донишҷӯёнро ғанӣ гардонида, ҷаҳонбинии онҳоро ташаккул медиҳад. Таърих вазифаи иҷтимоиро иҷро намуда, шуурона дарк намудани бузургӣ ва қаҳрамонии миллатро ошкор сохта, ифтихорро аз корнамоиҳои миллати хеш дар насли наврас бедор менамояд.

Инсон хосияти аҷибе дорад, ки ҳамеша дар пайи донистани ҳақиқати таърихӣ талош меварзад, дар шароити муосир донишҷӯёнро дар ҳамин рӯҳия тарбия намудан зарур аст. Сарчашмаи дигари «дониши» таърихии донишҷӯён дар шароити муосир, достон ва кинофилмҳо мебошанд. Илми таърихи ватанӣ ва ҷаҳонӣ дорои ҳодисаҳои бойи гуногун буда, мураккаб ва дорои методҳои таҳқиқоти хеш мебошад.

Методҳои таҳқиқоти таърихиро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:
1. умумиилмӣ (таърихӣ, мантиқӣ ва методи табақабандӣ ё низомнокӣ);
2. махсус (хронологӣ, шунавоӣ, таърихӣ - муқоисавӣ);
3. методи дигар илмҳо (математикӣ, таҳқиқотҳои сотсилогии мушаххас, психологӣ ва ғайра). [7, с. 40].

Дар ибтидоӣ методҳои омӯзиши фанни таърих ҷараёни инкишофдиҳанда мехобад. Методи мантиқӣ, таҳқиқи фанни таърихро танҳо тавассути таҳлили чуқур дар назар дорад. Сарчашмаи пурарзиштарин дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» маҳсуб меёбад, ки дар ҳар хонадони тоҷикон бо мақсади худшиносӣ ва ифтихори миллӣ таъмин карда

шудааст. Тавассути омӯзиши ин асар, насли наврас, донишҷӯён на танҳо дар бораи пайдоши миллати тоҷик, балки дар бораи маданият, фарҳанг, иқтисод, сиёсат, дин ва муборизаҳои озодихоҳонаи халқи тоҷик шиносоӣ пайдо менамоянд.

Омӯзгорони фанни таърих ҳодисаҳои гузаштаро дар монандкунӣ ва муқоиса меомӯзанд ва дар асоси он хулосабарорӣ менамоянд. Донишҷӯён ҳам дар раванди дарси таърих бояд методи муқоиса, муқобилгузориро омӯхта аз раванди ҳодисаҳои таърихӣ хулосабарорӣ карда тавонанд. Онҳо дар ин раванд бештар аз методҳои хронологӣ ё саънаҳои таърихӣ бештар бояд истифода бурдаро омӯзанд, то ҳодисаҳои таърихиро дар пайдарҳамӣ аз бар намуда тавонанд.

Гуногуншаклии методҳои хронологиро, ки мушкилотӣ - хронологӣ мебошанд яке аз олимони бузурги самти таърих В. О. Ключевский кашф намуда аст. Албатта, илми таърих ҳар чи бештар аз дастовардҳои инкишофи илмӣ - техникии муосир истифода мебарад, зеро махсусияти хешро доро мебошад. Дар фарқият аз фанҳои табиӣ ва техникӣ фанни таърих наметавонад аз методи озмоиш ба таври васеъ истифода намояд. [42, с. 50].

Илми таърих ҳаёти одамонро дар натиҷаи фаъолияти онҳо меомӯзад, ки омили мураккаби объективӣ ва субъективӣ мебошад. Далелҳои таърихиро бо мушкилот табақабандӣ намудан мумкин аст. Дар охир, дар таърих ҳамеша қонуният ё заруріят бо тасодуф дар ҳамсоягии ҳамдигар қарор мегиранд. Оид ба ин масъала, яке аз философони барҷастаи рус С. Н. Булгаков менависад: «Раванди таърих на танҳо, бо сабабҳои сотсиологии ба мо маълум мутобиқат менамояд, балки бо шароитҳои умумии инкишофи таърихӣ ва инчунин фаъолияти одамон робитаманд мебошад. Дар баробари ин, ҳар як шахсияти инсонӣ, чизи нави мутлақе мебошад, ки ба инобат гирифтанро талаб менамояд. Дар фарқият аз фанҳои табиатшиносӣ, ки бо теъдоди муайяни элементҳо ва қувваи табиат сару кор дорад, таърих бо миқдори номуайяни доим пайдошаванда ва нестшаванда кор дорад». [17, с. 338].

Истифодаи методҳои фанҳои табиатшиносӣ дар таърих сарҳади муайянро доро мебошад. Гузаронидани механикии усулҳои таҳқиқот аз табиӣ ва техникӣ ба фанҳои таърихӣ боиси нодуруст гардидани тасаввуроти мо ва нодуруст фаҳмидани гузаштаи инсоният мебошад.

Таърих - ин илмест, ки гузаштаи инсониятро дар тамоми сершаклиаш меомӯзад. Методи таърихӣ универсалӣ буда, аз он тамоми фанҳо истифода мебаранд. Аз тарафи дигар фанни таърих ҳамчун илми маҷмӯи шинохта шуда, - соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятро аз сиёсӣ ва таърихи ҳарбӣ то таърихи илму техника меомӯзад. Ҳамин тавр объекти асосии таваҷҷӯҳи таърихчиён инсон буд ва он боқӣ мемонад.

Омӯзгори касбӣ дар соатҳои таълимӣ ҳамроҳи хонандагону донишҷӯён аз ҳама ҳодисаҳои таърихӣ хурсанд ё андӯҳманд мегардад, аз ҳодисаҳое, ки ҳаррӯз дар муассисаҳои таълимӣ ба вуқуъ мепайвандад, дар ҷисми ӯ андӯҳмандӣ мушоҳида мегардад. Дар чунин ҳолат ҳам вай имконият пайдо менамояд, ки эҷодкорона фаъолият намояд. [25, с. 41].

Омузгори фанни таърих донишҷӯёнро бо донишҳои илмӣ мусаллаҳ намуда, корҳои мустақилонаи онҳоро ташкил намуда, дар як дақиқа муҳимияти ҷараёни таълимро фаромӯш карда наметавонад. Ӯ тавоноии маърифатии донишҷӯёнро ташаккул дода, онҳоро ба ҳаёту фаъолияти мустақилона омода менамояд.

Инсони ҳаматарафа инкишофёфта мо метавонем он касеро номем, ки дониши ҳаматарафаро ноил аст, маҳорату малакаи хешро пайваста такмил медиҳад, дар ҳаёт онро татбиқ менамояд. Аз ин рӯ, омӯзгори фанни таърихи халқӣ тоҷик дар тамоми давраҳои ҷараёни таълим донишҷӯёнро ба корҳои гуногуни мустақилона ҷалб намуда, тавоноии маърифатии онҳо ташаккул медиҳад, то ки дар фаъолияти мустақилонаи омӯзгорӣ хешро боварибахш ва дорои нерӯи баланд ҳис намояд.

Аз мавқеи он баромад кардан зарур аст, ки омӯзгори фанни таърих омили субъективии ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён

мебошад, талаботро ба омӯзгор ва махсусияти он дар ҷараёни таълим гузоштан зарур аст. Барои он, ки фаъолияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ характери ҷустуҷӯйи пайдо намояд, омӯзгор бояд ҷараёни таълимро тарзе ташкил намояд, ки вазифаи ба миён омада ҳалли хешро ёбад, дар баробари он ҷустуҷӯйро пайваста давом диҳад. Дар ин ҷо аз ҳама муҳим тақсим накардани вазифаи байни донишҷӯ ва омӯзгор мебошад. Байни онҳо бояд робита дар ҳалли пайдарпайи вазифаҳои таълимӣ мавҷуд бошад, фаъолиятро бо ҳам баробар тақсим намоянд.

Дараҷа ва шакли ширкатро дар ин ҳолат имкониятҳои донишҷӯ муайян мекунад. Омӯзгор то он андоза донишҷӯён ва имкониятҳои маърифатии онҳоро дарк бояд намуд, ки аз хаста гардидани онҳо огоҳӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, агар барои идоракунии самараноки ҷараёни ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён омӯзгор дар таълим алгоритми мувофиқро ворид намояд, ки ба натиҷаи азбарнамоии донишҷӯён мувофиқат кунад. Ташкили ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ аз омӯзгор маҳорати таҳлил намудани раванди воқеиро талаб менамояд, ки дар асоси он пешбиниро дар бораи инкишоф пешниҳод карда тавонанд.

Дар чунин шароит омӯзгор бояд тавоноии рефлективӣ ва тафаккури фаврӣ дошта бошад. Дар давраи ҳал намудани масъалаҳои таърихӣ аз ҷониби донишҷӯён, омӯзгор бояд саривақт норасоиҳоро ошкор ва бартараф намояд, ки ба фаъолияти андешаронии донишҷӯ халал ворид менамояд. Омӯзгор дар раванди дарси таърих бояд дар хотир дошта бошад, ки аз ҳад зиёд дахолат намудани ӯ ва дилсӯзию ёрии бемавқеъ расонидан ба донишҷӯён тавоноии маърифатии донишҷӯро халалдор ё хомӯш мегардонад. Ӯ бояд мушоҳидакорона назорат барад, ки донишҷӯён дорои қудрати аз мушкилот мустақилона баромаданро доро ҳаст ё барои аз вазъият раҳо ёфтан роҳи сабукро меҷӯяд.

Аз ҳама мушкилоти калон барои омӯзгори фанни таърих, майл пайдо намудани ӯ ба усулҳои анъанавии таълим мебошад, ки фаъолияти донишҷӯро

паст гардонида, ба инкишофи тавоноии маърифатии онҳо халал ворид менамояд. Ин муносибат аз омӯзгор нозукона дарк намудани психологияи донишҷӯён ва ошкор сохтани сифатҳои хуби донишҷӯён аз ҷӣ вобаста буданаш, талаб карда мешавад.

Шароити мусоиди инкишофи донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърих омӯзгори инкишофдиҳанда ва эҷодкорро талаб менамояд. Омӯзгор, низ ба монанди донишҷӯ, дар ҷараёни таълим бояд эҷод ва ҷустуҷӯйи маърифатиро васеътар истифода намояд. Омилҳои субъективӣ, дар ташаккули маърифатии донишҷӯён, зина ба зина мураккаб гардонидани ҳалли масъалаҳои таърихӣ мебошад, то донишҷӯён ба тавоноии хеш боварӣ ҳосил намуда, тобовар ва босабру таҳаммул гарданд.

Дар ин раванди таҳқиқот ошкор карда шуд, ки омӯзгор бояд мақоми худзоҳиркунӣ, мусобиқаро барои андӯҳмандӣ ва хурсандии донишҷӯён ташкил дода тавонад, лекин то охир ба кори онҳо дахолат нанамояд. Омӯзгор ба ҳар хатое, ки донишҷӯён дар раванди иҷрои супориш зоҳир намоянд тоқат карда тавонад. Ба ҳамагон маълум аст, ки донишҷӯён дар аксар ҳолат мавқеи худро дар ҳалли ин ё он масъала муайян карда наметавонанд.

Барои он, ки дар оянда омӯзгор дар чашми донишҷӯён обрӯманд боқӣ монад, фаъолияти таълимии онҳоро баланд бардошта, боварии донишҷӯёнро ба қувваи хеш тақвият бахшад. Барои инкишоф додани муносибати эҷодӣ ба омӯзгор зарур меояд, ки тафаккури мантиқии донишҷӯёнро ташаккул диҳад, ки онҳо мустақилона мақсад, ҳадаф ва сабабу натиҷаро гузошта, ҳал карда тавонанд.

Як қатор назариячиён тасдиқ менамоянд, ки хонандаю донишҷӯёни бад умуман вуҷуд надоранд, аммо омӯзгорони бад мавҷуданд, ки яке аз мушкилоти педагогӣ мебошад. Ин суханонро яке аз пайравони мактаби фалсафии тасаввуф Саноӣ тасдиқ менамояд: «Айби устод аст, агар роҳгум занад, бе чароғи маърифат шогирдҳо». Дониш, малака ва маҳорату давомоти донишҷӯён то як андоза аз сахтгирӣ ва муносибати ҷидди доштани омӯзгор ба омӯзиши фанни

таълимӣ вабаста мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳқиқот ва озмоишҳо собит намуданд, ки баъзан донишҷӯён аз сабаби дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нодуруст ташвиқ намудани интихоби касб ба факултети таърих дохил мешаванд, аммо дар фанҳои табиӣ ва риёзию дақиқ хешро озодтар ҳис менамоянд. Аммо дар омӯхтани фанни таърих ва фанҳои ёрирасони он қувваю меҳнати зиёд сарф намуда, вақти қимат, ҷавониро қурбон намуда, ин фанро дар дараҷаи зарурӣ аз бар намуда, ба мутахассиси хуб табдил намеёбанд.

Дар ин мазмун мо дар бораи хонандагони «тавоно» ва «нотавон» сухан мекунем, ки яке аз омилҳои субъективӣ ва объективии он ҳамин омодагии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ мебошад. Бояд омӯзгори фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар хотир дошта бошад, ки тавоноӣ метавонад инкишоф ёбад ва онро пешакӣ дидан мумкин нест, ки то куҷо давом меёбад.

Дидактики машҳур, Т. А. Шамова [109]., М. Лутфулозода [52] чунин меҳисобанд, ки дар баробари дигар шароитҳои гузаронидани дарси аҷиб, шахсияти худи омӯзгор муҳимтарин омили субъективии ташаккули маърифатии донишҷӯён шуда метавонад. Шароити зарурии ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён ин ташкил додани фаъолияти маърифатии омӯзгор мебошад, ки то кадом андоза тавоноии маърифатии онҳоро кушода метавонад.

Роҳ ва усулҳои ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор омили объективии ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён маҳсуб меёбад. Агар омӯзгори фанни таърих дар муассиса, рӯзи таърих, маҳфили фаннӣ, семинар, конференсия, шабҳои саволу ҷавоб, корҳои тарбиявӣ, таҳсилҳои беруназсинфиро самаранок ташкил диҳад, салоҳияти таърихии донишҷӯён ташаккул ёфта, ба фаъолияти касбӣ хубтару беҳтар донишҷӯён омода мегарданд. Дар раванди иҷро намудани фаъолияти маърифатӣ дар донишҷӯ мустақилона ҳал намудани амалиёти маърифатӣ бедор гардида,

донишҷӯро бо донишҳои нав мусаллаҳ намуда, қудрату тавоноии маърифатиро бедор менамояд.

Инкишофи имкониятҳои маърифатӣ ҳамчун воситаи ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён ба самаранок ташкил намудани тамоми фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ дар тамоми ҷараёни таълим такя менамояд. Барои фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба омӯзгори фанни таърих зарур аст:

1. таъмин намудани имкониятҳои васеъ баҳри зоҳир намудани мустақилияти донишҷӯён дар ҷараёни таълим;

2. ба донишҷӯён ёд додани тарз ва усулҳои самаранок мустақилона кор кардан бо мавод ва сарчашмаҳои таърихӣ;

3. дар онҳо бедор намудани талош ба мустақилият, соҳибихтиёрӣ, муносибати эҷодӣ дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ;

4. бедор намудани майлу хоҳиш ва ба одат табдил додани мустақилона ҷустуҷӯ намудани далелҳои таърихӣ.

Мутобиқи андешаи В. Н. Липник [54] омӯзгор дар ҷараёни педагогӣ бояд кӯшиш намояд, чизе гӯяд, ки манфиатовар ва муфид бошад; дар дарс бояд чизҳои диққатҷалбкунанда ворид намояд, ки ақл тамрин ёбад ва дарс ба бозӣ шабоҳат пайдо намояд. Натиҷаи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мо собит менамояд, ки дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ майлу хоҳиши баланд ба донистани зуҳуроти ҳаёти ҷамъият ва ҳодисаҳои сиёсӣ дар мамлакату хориҷ мушоҳида мегардад.

Асосан, дар шароити муосир дар рафтори хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба фанҳои ҷамъиятӣ, моҳияти иҷтимоии онҳо баҳои на чандон воқеӣ додан мушоҳида карда мешавад. Он обрӯ ва мавқееро, ки ин илм пеш дошт имрӯз надоштанаш мушоҳида мегардад, аз ин рӯ, хоҳишмандони таҳсил дар ин самт каме коҳиш ёфтаанд. Дар ин синну сол донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, мушоҳидачиёни ҳодисаҳои ҷамъиятӣ буда, баръакс хешро иштирокчиёни фаъол меҳисобанд. Ин дар назари мо,

мубрамияти ташаккул ёфтани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар мавзуи таҳқиқот ошкор менамояд.

Инро фаромӯш кардан даркор нест, ки ташкилотчии инкишофи завқи маърифатӣ, ки бе он инкишоф додани тавоноии маърифатии донишҷӯён ғайриимкон мебошад ва илҳомбахшандаи дониш, маҳорат ва малака, худи омӯзгор мебошад. Чунин фаъолиятро танҳо дар ҷараёни педагогӣ ташкил додан мумкин аст, ки донишҷӯён дар такя ба донишҳои пешин супоришҳои маърифатиро иҷро намоянд, ки ин фаъолиятро танҳо дар ҷараёни таълим ташкил додан мумкин аст.

Ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён, дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар кадом шакле набошад, моҳиятан мавқеи омӯзгор дар ҷараёни педагогӣ тағйир намеёбад. Дар ин ҷо мумкин аст вазифаҳои зерини омӯзгорро дар ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён аз фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷудо намоем:

1. вазифаи омӯзгор дар кадом шакли таълиме набошад, ё анъанавӣ, кредитӣ, фосилавӣ аз таъминоти ахборотӣ иборат мебошад;

2. фаъолияти омӯзгор дар тамоми шаклҳои таълим ба самти таҳқиқот нигаронида шудааст;

3. мазмун ва таркиби маводи таълимӣ тағйирёбанда мебошад;

4. донишҷӯён аз рӯи фаъолияти маърифатӣ ҳавасманд гардонида мешаванд, ки дар натиҷаи он тавоноии маърифатии онҳо ташаккул меёбад. [54, с. 28- 31].

Дар зери мафҳуми таъминоти ахборотӣ чиро фаҳмидан шояд:

1. омӯзгор бояд тамоми донишро ба донишҷӯён на дар шакли тайёр, балки дар расонидани дараҷаи муайяни ахбор барои ҳал намудани мухолифатҳои зарурӣ таъмин намояд;

2. додани ахборе талаб карда мешавад, ки характери маърифатӣ дошта бошад;

3. донишҷӯён донишро мустақилона аз бар намуда, салоҳияти таърихӣ - касбиашон ташаккул меёбад.

Ҷустуҷӯи дигар ахборҳо ба зимаи донишҷӯ вогузор мегардад, ки дар танҳоӣ ё бо ёрии омӯзгор пайдо намуда, дар дарсҳои семинарӣ, омода намудани маърӯза, реферат ва корҳои назоратӣ ва лоиҳаи дипломӣ истифода баранд. Вазифаи дигари таҳқиқоти мо аз он иборат аст, ки дар шароити муосир мавқеи омӯзгори фанни таърих ошкор карда шавад. Вазифаи омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик на ҳамчун субъекти ҷараёни таълим дар раванди ташаккул ва инкишоф додани тавоноии маърифатии донишҷӯён, балки омӯзгор ҳамчун сарчашмаи дониш мавҷудияти хешро адо намуда, ба роҳбар дар ҷустуҷӯи дониши донишҷӯён табдил ёбад.

Омӯзгор дар як вақт метавонад ҳамчун танзимгар (координатор) ё партнёр ва роҳбари ҷараёни таълим баромад намояд. Омӯзгор тамоми ҷараёни таълимӣ - маърифатиро ташкил медиҳад ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои зери назорат гирифтани ҷараён ва ба самти дуруст равона намудани он, вориди он мегардад. Барои фаъолияти бобарори касбӣ донишҷӯён бояд ин талаботҳоро дуруст аз бар намоянд.

Дар муқоиса бо консепсияи анъанавии таълим дар муносибати интерактивӣ бо сабабҳои объективӣ, мумкин ҳаҷми камтари маводи таълимӣ омӯхта шавад. Он моҳиятан тағйир додани таркиби маводи таълимиро бо мақсади ба он характери ҷустуҷӯйӣ - таҳқиқотӣ бахшидан чунин менамояд. Ин андеша ба барномаҳои таълимӣ, китоби дарсӣ низ хос мебошад, то донишҷӯ он маводи дар китоби дарсӣ бударо бо ҷустуҷӯ аз сарчашмаҳо пурра намояд.

Зарурияти ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки омӯзгорони оянда маҳсуб меёбанд, мубрамияти хоса касб намудааст. Он бештар аз фаъолияти онҳо дар ҷараёни таълим вобаста буда, илми педагогика онро кайҳо пешниҳод намудааст. Ба он бо роҳу воситаҳои гуногун, дар навбати аввал бо мақомгирии берунӣ ноил гардидан мумкин аст.

Дар дидактикаи муосир афзалият ба фаъолияти инфиродии донишҷӯён дода мешавад, ки аз мақоми ботинии донишҷӯ, аз талаботи шууронаи ӯ дар инкишофи тавоноии маърифатӣ сар зада, самаранокии ҷараёни таълимро бо фаъолияти маърифатӣ ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи муҳимтарини дараҷаи инкишофи тавоноии маърифати таърихии донишҷӯён дараҷаи маърифатии фанни таълимӣ, фаъолияти амалии донишҷӯён мебошад.

Робитаи зичи талаботҳои фаъоли субъекти таълим бо талаботҳои аз бар намудани дониш дар афзалияти корҳои мустақилонаи донишҷӯён мушоҳида карда мешавад. Дар раванди аз ҷониби омӯзгор истифода гардидани методҳои фаъоли таълим, нисбат ба методҳои анъанавӣ дониши донишҷӯён васеъ ва устувор гардида, малакаю маҳорати касбии онҳо ташаккул меёбад. Ин шакли таълим дар маҷмӯъ тавоноии маърифатии донишҷӯёнро қудрати бедор намудан дорад.

Аз рӯи моҳияти таҳқиқот мо тарафдори дар ҷараёни таълим ворид намудани нишонаҳои худфаъоли таълим мебошем, ки он омили асосии инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён мебошад. Фаъолияти маърифатӣ метавонад то оғози ҷараёни мушахаси таълим вуҷуд дошта бошад, аммо дараҷаи он мутлақ буда наметавонад: вай метавонад баланд ва паст гардад. Дар ин раванд вазифаи технологияи таълим, ин тарбия кардан, дастгирӣ ва баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён мебошад, ки тавассути таъсиррасонии педагогӣ омӯзгор ба донишҷӯён ба даст меояд.

Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар марказ хело хуб ба роҳ монда шудааст, аммо таҷрибаи сафарҳои хидматӣ нишон медиҳад, ки дар ноҳияҳои дурдаст бештар аз тарзи анъанавии таълим истифода мебаранд ва таъминоти илмӣ - методӣ чандон қаноатбахш нест. Дар методҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии донишҷӯён ба мақсади асосӣ табдил ёфта, аломати асосии ҷараёни педагогиро ташкил медиҳад, ки бе он ҷараёни таълимро тасаввур намудан мумкин нест.

Тавассути муносибатҳои босалоҳият, тавоноии маърифатии донишҷӯён

ташаккул ёфта, ба ҷараёни доимӣ табдил меёбад. Донишҷӯён навгониҳои корро бо мушкилоти номуайян ва мухолифмаъноӣ ёд гирифта, шахсияташон ба ташаккулёбӣ оғоз менамояд. Дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, он дараҷаи камолоти маърифатиеро ноил мегарданд, ки маҳсули корҳои мустақилона ва меҳнату заҳмати пайваста мебошад.

Мавқеи омӯзгор дар ҳалли ин мушкилот дар он ифода меёбад, ки ҳар чи бештар аз шаклҳои гуногуни дарс истифода бурда, бештар ба донишҷӯён корҳои мустақилона дода, онҳоро ба дарсҳои амалӣ, навиштани реферат, маърӯза бештар ҷалб намояд. Донишҷӯён дар ин раванд аз маводҳои таълимӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ истифода бурда, оид ба мавод дониш, маҳорат ва малакаи хешро сайқал диҳанд. Дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ донишҷӯён мустақилона аз дониш, маҳорат ва малакаи дар дарсҳои назариявӣ ҳосилнамудаашон истифода бурда, маҳорати касбии хешро зоҳир менамоянд.

Объекти муҳимтарини ташаккул ёфтани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ худи муассисаи таълимӣ мебошад. Дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии муосир вазифа гузошта шудааст, ки ҳамаҷониба мустақилияти донишҷӯёнро ба фаъолияти эҷодӣ бедор намуда, ба мустақилона ҳосил намудани дониш ва васеъ гардонидани ҷаҳонбинии илмии хеш саъю талош варзанд. Аз ин рӯ, дар раванди корҳои озмоишӣ мо кӯшиш намудем, ки фарзияи пешниҳоднамудаи хешро дар бораи, чи тавр фаъолияти маърифатӣ метавонад воситаи муҳимтарини инкишофи маърифатии донишҷӯён буданашро тасдиқ намоем. Ин масъала танҳо тавассути вазифаҳои маърифатӣ дурустиашро тасдиқ менамояд.

Таҷриба ва таҳқиқотҳои педагогӣ собит намуданд, ки чи қадаре омӯзгор маводи таълимиро пурраю дастрас нафаҳмонад, чи қадаре маслиҳат ва дастурҳои оқилона надиҳад, мақсади таълим ба даст намеояд, агар донишҷӯён талоши шахсӣ зоҳир нанамоянд. Аз ин мебарояд, ки дар ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён, омилҳои объективӣ ва субъективӣ мавқеи асосиро ишғол

менамояд.

Мо наметавонем бо андешаи Т. И. Шамов ҳамфикр набошем, ки фармудааст: «Агар дар донишҷӯ ягон андеша оид ба ҳал намудани мисол ё ҷавоб додан ба савол набошад, ё тарзе талаб карда шавад, ки вазифаи таълимиро иҷро карда натавонад, агар ҷиддӣ омӯзгор хоҳад ба донишҷӯ ёрӣ расонад, вай бояд пеш аз ҳама кунҷкобии онро бедор намуда, ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ омода гардонад». [108, с. 68]. Албатта бе бедор кардани талоши кунҷкобии донишҷӯ, ҳавасмандии ӯро ба ҳал кардани мушкилот равона намудан мумкин нест.

Тағйир додани муносибат ба корҳои таълимӣ на танҳо аз он вобаста мебошад, ки мазмуни фанни таълимӣ ва методҳои гузаронидани он чи тавранд, балки аз характери фаъолияти таълимӣ дар муассиса вобастагӣ дорад. Қувваи пешбарандаи ин ҷараён характери фаъолияти таълимӣ мебошад, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро баланд мебардорад. Агар каме дигархелтар карда гӯем, дар зери таъсири кадом омилҳо донишҷӯён ба маърифат, чуқур шуур намудан ва донистани фанни таълимӣ кӯшиш менамоянд? Ин омилҳоро ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим кардан зарур меояд.

Омилҳои берунӣ - ин он омилҳое мебошад, ки аз оила, муассисаи таълимӣ, ҷамъият сар мезананд. Ба омилҳои дохилӣ бошад, ҳиссиётҳои дохилии донишҷӯён ба таълим фаҳмида мешаванд. Ин эҳсосот дар зери таъсири он шароит ва ҳолате, ки донишҷӯ ташаккул ва инкишоф меёбанд.

Тавре қайд кардем, мушоҳида аз болои кори донишҷӯён дар раванди дарси таърих, сухбат, ҷавоб ба саволномаҳо, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки донишҷӯён ба шаклҳои нави кор назари хайрхоҳона доранд. Дар ин ҷо бояд диққатро бештар ба мустақилона ҳосил намудани дониши донишҷӯён равона намоем, ки барои мустақилона ҳосил намудани он пайваста талош варзидан зарур меояд.

Ин омилҳо - омилҳои дохилии объективӣ буда, ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯёнро таъмин менамоянд. Ба омилҳои объективӣ, ки

ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯёнро дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик тақвият мебахшанд инҳоро ворид намудан мумкин аст: ташкил кардани ҳолатҳои ҷустуҷӯйӣ, мушкилотӣ дар дарс, ҳамчун шароити зарурӣ барои инкишофи тафаккури мантиқӣ; татбиқи мунтазами талаботи инфиродии таълим; истифодаи тамоми таҷрибаи пешқадам дар шакли таркибии ҷараёни педагогӣ дар шароити низоми кабинетӣ бо истифода аз воситаҳои техники таълим; таъминкунандаи фаъолгардонии корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва фаъолияти амалии донишҷӯён дар раванди маърифатӣ мебошад.

Мушоҳидаҳои педагогӣ дар раванди таҳқиқот собит намуданд, ки сабаби дараҷаи пасти инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он мебошад, ки дар муносибат бо воситаҳои методӣ бисёр омӯзгорон дар дараҷаи эмпирӣ қарор доранд. Аз методҳои фаъоли таълим ниҳоят кам истифода мебаранд, мувофиқи он тарзи фаҳмонидани мазмуни мавод дар китоби таърихи халқи тоҷик берун намебарояд.

Дар амал муносибати омӯзгор ба ҳалли масъалаи дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён аз фанни таърих ва ташаккул додани тавоноии маърифатии онҳо кам мувофиқ меояд. Самаранокии фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пеш аз ҳама аз ҳал намудани вазифаҳои мушкилотӣ (проблемных) ва омилҳои ишорагардида вобаста мебошад.

Махсусан дар инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ фарзияҳои дар кор пешниҳодшуда метавонад бошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба иҷрои вазифаҳои таърихие, ки аз онҳо исбот талаб карда мешавад, ҷалб мегарданд. Дар ин раванд, донишҷӯён ба исбот намудани фарзия ё пешгӯйии он камар баста, одат пайдо намуда, ба ҷустуҷӯ бештар мароқ зоҳир менамоянд.

Мавқеи асосиро дар ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърих инчунин корҳои тарбиявӣ,

беруназсинфӣ, беруназаудиторӣ ташкил медиҳад. Ин тадбирҳо омили объективии ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён гардида метавонанд. Бо ин мақсад, мутобиқи нақшаи таълимии амалкунанда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, теъдоди муайяни соатҳо барои омӯзиши фанни таърих ва фанҳои ёрирасони таърих ҷудо карда шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба омӯзгорони фанни таърих зарур меояд, ки аз метод ва усулҳои гуногун, ба монанди бозӣ, гуфтугӯҳои таълимӣ, вазифаҳои проблемавӣ ва эҷодӣ бо донишҷӯён истифода баранд. Дар ин раванд баҳри ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён, инкишоф ва дастгирӣ намудани мақомбахшии таълимӣ зарур мебошад. Дар ин раванд, аз технологияи стратегияи «назари танқидӣ», саволҳои «ҷалбкунанда» (ловушки), ҳолатҳои мушкилотӣ, баландкунандаи мураккабӣ, васеъ истифода бурдан зарур аст. Тамоми ин тадбирҳои номбурда имконият медиҳанд, ки дар донишҷӯён завқу ҳаваси маърифатӣ ба омӯзиши фанни таълимӣ инкишоф дода шавад.

Мавқеи муҳимтаринро дар инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, муҳайё намудани муҳити созгори таълимӣ ва корҳои беруназтаълимӣ ташкил медиҳад. Татбиқи ин мақсад дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил додани рӯзҳои фаннӣ, рӯзҳо ва ҳафтаҳои мавзуӣ, маҳфилҳои фаннӣ, шабнишинӣ, семинар конференсия, озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва ғайраҳо амали гардида, тавоноии маърифатии донишҷӯёнро боло мебардорад. [113, с. 50].

Дар чаҳорчӯбаи чунин чорабиниҳо, донишҷӯёни тамоми зинаҳои таҳсилот вазифаҳои эҷодиро иҷро намуда, барои ширкат дар озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» – «оинаи таърихи миллат» омодагӣ ва ширкати шахсӣ меварзанд. Мақсади асосии ин озмун, арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик дар тули таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва ба ин васила,

шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният, ки бо далелҳои раднопазир ва бо такя ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ дар китоби мондагору пурарзиши академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва дигар асарҳои таърихӣ инъикос ёфтааст, ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров омодагӣ дида ширкат меварзанд.

Дар доираи чунин чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вазифаҳои эҷодиро иҷро намуда, дар конкурс ва викторинаҳои тематикӣ ширкат меварзанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии марказ ва филиалҳои он дар ноҳияҳо ва вилоятҳо, озмун баргузор намуда, ғолибонро ба поитахт барои ширкат мефиристонанд. Ин тадбир омили беҳтарин дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён ва омили объективӣ ва субъективии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён маҳсуб меёбад, ки ба ғолибон роҳро барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мекушоянд.

Тавссути чунин тадбиру чорабиниҳо, дар донишҷӯён имконияти чукур омӯхтани фанни таърих пайдо гардида, тавоноии маърифатии донишҷӯён ташаккул меёбад. Барои дастгирии фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳар сол олимпиадаҳои фаннӣ баргузор намуда, дар ҳалли масъалаҳои таърихӣ ширкат варзида, дониш, маҳорат ва малакаи касбии хешро баланд мебардоранд.

Дар ин самт моҳияти баланди амалиро ҷараёни тафриқавии таълим ноил мебошад, ки инкишофи тавоноии маърифатиро дар донишҷӯён ташаккул дода, ба тамоми шаклҳои тавоноии донишҷӯён танзим мебахшад. Ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар шароити тағйирёбанда зиндагӣ ва фаъолият намоянд. Дар шароити муосир донишу маҳорат, ҳамчун натиҷаи ягонаи таълим дар ҷамъияти ахборотӣ бояд мувофиқат намояд.

Ба донишҷӯён на танҳо, саводнокии энсиклопедӣ, балки тавоноии истифода бурдани дониш ва малакаи умумӣ барои ҳалли мушкилоти ба миён омада зарур мебошад, ки дар ҳаёти мавҷуда рӯй медиҳад. Дар чунин ҳолат,

дониш базаи асосии ташакулдиҳандаи салоҳияти интегративӣ мебошад. Дар шароити муосири пешрафти технология, дониста гирифтани ҳодисаҳои гузашта ба донишҷӯён тавассути воситаҳои ахбор, сарчашмаҳои таърихӣ ва Интернет чандон кори мушкил нест.

Дар чунин ҳолат, бояд омӯзгори фанни таърих шахсияти дорои тафаккури эҷодӣ бошад, то тавонад ҳодисаҳои таърихиро на танҳо, бо далелҳои хушку холӣ: балки дар занҷири ҷангҳо, инқилоб, табадуллот, дар кашфиётӯ болоравӣ ва афтидан, давомнокии инкишоф, навсозӣ ва сабабу натиҷа асоснок ифода намояд. Яке аз методҳои «зиндагардони»-и таърих, саволҳои маърифатӣ - инкишофдиҳанда мебошанд, ки дар натиҷаи ҷавоб ба чунин саволҳои таърихӣ донишҷӯён на танҳо чизҳои пеш хондаашонро ба хотир меоранд, балки дониш, малака ва маҳорат ҳосил намуда, хулоса барорӣ карда, ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳогузорӣ менамоянд.

Мушоҳидаҳои мо собит намуданд, ки донишҷӯён дар раванди дарс дарк менамоянд, ки омӯзгор зуд ё дер ба онҳо саволҳои маърифатӣ медиҳад, аммо онҳо ба дарс чандон омода нестанд. Ҳамин ташвишу изтироб донишҷӯро водор менамояд, ки ҳамеша ба дарс омода бошад ва бо омодагии пухта вориди синфхона гардад.

Дар ҳолати нодуруст ҷавоб додани донишҷӯ, омӯзгор бояд тарзе рафтор намояд, ки ба боло рафтани фаъолияти маърифатии донишҷӯ сабаб гардад. Яке аз омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён тартиб додани саволҳои маърифатӣ -мушкилотӣ мебошад, ки донишҷӯён онҳоро бесаброна интизоранд ва бо хурсандӣ калон пешвоз мегиранд. Аммо ҷавоби дуруст ва нодурусти он бояд фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро баланд бардорад.

Аз ин рӯ барои ба танзим даровардани фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки инкишофи тавоноии маърифатиро танзим мебахшанд, ба омӯзгорон пешниҳод карда мешавад, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ аз чунин дастур истифода баранд:

1 саволҳо бояд ниҳоят нишонрас ва фаҳмо тартиб дода шаванд;

2 дар саволи матн донишҷӯ бояд ҷавобро ба он пайдо карда тавонад;

3 пайдо намудани ҷавоб бояд, на танҳо, тавоноии маърифатии донишҷӯро ошкор намояд, балки шароитро барои танзимбахшии талаботи ояндаи ӯ ба маърифати таърихӣ таъмин намояд;

4 ҷавоб дода тавонистан ба савол танҳо сарчашмаи баҳо не, балки робитаи баргарандаи байни донишҷӯ ва омӯзгор мебошад;

5.ин робита бояд ҳиссиёти қаноатмандии тарафайни онҳоро таъмин намуда, хоҳишро барои дар ҳамбастагӣ минбаъд фаъолият намудан бедор менамояд. [110, с. 28].

Ба ҳамагон фаҳмост, ки омилҳои объективӣ ва субъективӣ, ки инкишоф ва ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯёнро тақвият мебахшанд, ниҳоят гуногунанд ва мо наметавонем дар ин кор тамоми паҳлуҳои омилҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Мо танҳо дар атрофии он омилҳои асосие қарор гирифтем, ки аз он ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён вобастагӣ дорад. Мо танҳо дар атрофии он омилҳои асосие андешаронӣ намудем, ки аз онҳо ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён дар ҷараёни таълим ва маърифат вобастагӣ дорад.

Тамоми андешаҳои дар боло изҳор гардида, барои коркарди мо заминаро муҳаиё менамоянд. Овардани онҳо, бо мақсади самаранок баланд бардоштани инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, тавассути омӯзиши фанни таърих ва фанҳои ёрирасони таърих ниҳоят муҳим мебошад. Дар ин ҷо, муҳим мешуморам, ки дар раванди омӯзиши фанни таърих бештар аз методҳои фаъоли таълим дар чунин шакл истифода бояд бурд:

1 ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён ба таҳлили ахбор ва мушкилоти муайян;

2 маҳорати пайдо намудани имконият ва захираҳо барои ҳалли мушкилоти бамиён омада;

3 маҳорати коркарди стратегияи ба даст овардари мақсад ва банақша гирифтани амали мушаххас;

4 ташаккул ва инкишоф додани тавоноии донишҷӯён ба баҳс ва гуфтушунид;

5 дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати гӯш кардан ба ҳамсӯҳбат ва қабул кардани ҳалли коллективӣ. [11, с. 176].

Шароит, инчунин натиҷаи бобарори истифода бурдан аз муносибати ҳамфаъол, тавоноӣ ба кори дастаҷамъона мебошад, ки муоширатро бо ҳамкурсон ва бо омӯзгор талаб менамояд. Чунин муносибат аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар раванди баргузор намудани дарси таърих, дар робита аз мақсад ва имкониятҳои мувақатӣ, бояд бо истифодаи аломатҳои ҷудогонаи он маҳдуд шуд.

Дар охир бояд ба хулосабарорӣ гузашт, ки мавқеи роҳбарикунандаи омӯзгор, ҳамчун омили субъективии ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, ба равона намудани қувваи эҷодии донишҷӯён нигаронида шудааст.

## 2.3. Корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик

Дар раванди корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки омилҳои таъсиррасонро ба ҷаҳонбинии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбат ба донистани фанни таърих дар майдони муосири ахборотӣ пайдо намоем. Дар ин масъала байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва аспирантҳо фарқият ба куллӣ мушоҳида мегардад, ки бештар ба воситаҳои ахбори омма дар чунин шакл робитаманд мебошад:

**Ҷадвали № 1.**

| **Омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён** | **Гурӯҳи озмоишӣ** | | **Гурӯҳи назоратӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Теъдод** | **Фоиз %** | **Теъдод** | **Фоиз %** |
| Воситаҳои ахбори омма дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён | 40 | 25, 5 % | 35 | 25,0% |
| Таҳсили китоби илмӣ, бадеӣ, таърихӣ дар ташаккули салоҳияти донишҷӯён | 11 | 8,4 | 10 | 7,1 |
| Таҳсили мустақилонаи сарчашмаҳои таърихӣ ва маводҳои шабакавӣ | 3 | 0,2 | 10 | 7,1 |
| Мавқеи маҳфилҳои фаннӣ дар ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён | 22 | 15,0 | 25 | 15,7 |
| Мунтазам баргузор намудани шабнишиниҳои саволу ҷавоб аз фанни таърих | 23 | 16,8 | 20 | 10.0 |
| Ширкат дар озмуни Ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» | 11 | 7,1 | 20 | 10,7 |
| Бозиҳои бадеӣ ва иҷрои нақшҳои таърихии донишҷӯён | 40 | 27,3 | 30 | 20,0 |
| **Ҳамагӣ:** | **150** | **100,0** | **150** | **100,0** |

Ба саволи аввал оид ба мавқеи воситаҳои ахбори омма дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз гурӯҳи озмоишӣ 40 нафар ё 25,5% ва аз гурӯҳи назоратӣ 35 нафар ё 25% мавқеи хешро муайян намуданд. Дар ҳақиқат дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии таърихии донишҷӯён воситаҳои ахбори омма мавқеи босазоро ишғол менамоянд.

Оид ба саволи дуюми ҷадвал дар бораи хондани китоби илмӣ, бадеӣ, таърихӣ дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён таъсир дошта метавонад? Аз гурӯҳи озмоишӣ 11 нафар ё 8,4% ва аз гурӯҳи назоратӣ 10 нафар, ё 7,1% мавқеашонро муайян намуданд. Ғайрифаъолии донишҷӯёнро дарк намуда ин саволро ба таври шифоҳӣ, фаҳмотар баён намудем, ошкор гардид, ки донишҷӯён мақсаду муҳтавои моро то охир дарк накарда буданд.

Оид ба саволи сеюм, оё таҳсили мустақилонаи сарчашмаҳои таърихӣ ва маводҳои шабакавӣ метавонад салоҳияти иттилоотӣ - марифатии шуморо баланд бардоранд? Аз гурӯҳи озмоишӣ 2 нафар ё 0,2% ва аз гурӯҳи назоратӣ 10 нафар ё 7,1% мавқеи худро муайян намуданд. Вақте мо дуюмбора фаҳмонидам, ки тавассути чӣ мо ҳодисаҳои физикӣ, астрономӣ, химявӣ, биологӣ, фалсафӣ, ахлоқиро фаҳмида мегирем, Б. Аҳмадов гуфт, тавассути мустақилона омӯхтан. Ҳамин тавр 50 - 70% донишҷӯён дарк намуданд, ки омили беҳтарини ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатӣ инсон мустақилона омӯхтан мебошад.

Саволи чаҳоруми ҷадвал оид ба мавқеи маҳфилҳои фаннӣ дар ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён мебошад, ки ба он аз гурӯҳи озмоишӣ 22 нафар ё 15,0% ва аз гурӯҳи назоратӣ 25 нафар ё 15,7 % донишҷӯён мавқеи хешро муайян намуданд. Дар ин раванд дарк карда мешуд, ки донишҷӯён то охир моҳияти масъаларо нафаҳмидаанд, зеро солҳои охир ин масъала дар муассисаҳо чандин хуб баргузор ва гузаронида намешуд. Дар раванди озмоиш мо кӯшиш намудем, ки бо нақша, журнал ва масъалаҳои маҳфилҳои фаннӣ шинос шавем, аммо чизе пайдо карда натавонистем.

Оид ба саволи панҷум оид ба баргузории шабнишиниҳои саволу ҷавоб аз фанни таърих дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён аз гурӯҳи озмоишӣ 23 нафар ё 16,8 % ва аз гурӯҳи назоратӣ 20 нафар, ё 10,7 % донишҷӯён фаъолона иштирок варзида мавқеи хешро муайян намуданд. Кошки ба ҳамин масъала дар муассисаҳои маҳсилоти миёнаи касбӣ бештар диққат медоданд, то донишҷӯён тарзи гузориши саволро ёд мегирифтанд.

Оид ба саволи шашум озмуни Ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён таъсир дошта метавонад? Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 11 нафар ё 7,1% ва аз гурӯҳи назоратӣ 20 нафар ё 10,7 % мавқеи хешро муайян намуданд. Аммо дар раванди суҳбат бо донишҷӯён маълум гардид, ки аксари донишҷӯён хоҳиши ширкат дар чунин озмун ва омӯзиши маводҳои таърихиро доранд.

Саволи ҳафтуми ҷадвалро бозиҳои бадеӣ ва иҷрои нақшҳои таърихии донишҷӯён дар рӯзҳои таърихӣ ишғол менамояд. Аз рӯйи ин савол аз гурӯҳи озмоишӣ 40 нафар, ё 27,3 % ва аз гурӯҳи назоратӣ 30 нафар, ё 20,0% донишҷӯён ширкат варзиданд. Озмоиш собит сохт, ки ба ин масъала таваҷҷӯҳи донишҷӯён бештар мебошад. Аз ин рӯ, тавсия медиҳем, ки дар рӯзҳои таърихи бештар донишҷӯён ба иҷрои нақшҳои таърихӣ ҷалб карда шаванд, то салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии онҳо ташаккул ёбад.

Барои муайян кардани ҳолати мушкилотӣ дар давраи аввали корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ мо озмоиши муқаррарнамоӣ баргузор намудем. Дар ибтидои ҳар соли таҳсил озмоиши муқарарнамоӣ дар он гурӯҳҳое гузаронида мешавад, ки ба озмоиш ворид карда шудаанд. Барои муайян намудани дараҷаи тавоноии маърифатии донишҷӯён муаллиф гурӯҳҳои озмоишӣ ва гурӯҳои назоратиро вобаста ба барномаи таълим пешниҳод намуд. Вақт барои ҷавоб барои гурӯҳҳо як хел пешбинӣ гардид ва онҳо аз рӯи ҷадвали панҷбала баҳогузорӣ карда шуданд: (5)- аъло; (4)- хуб; (3)- қаноатбахш; (2)- ғайриқаноатбахш ва дар охир ба чунин натиҷа ноил гардидем:

**Ҷадвали № 2**

| № т.р | Бахшҳо | Дар нимсолаи 1-уми соли таҳсили 2022- 2023 | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | аъло дар % | хуб дар % | миёна % | ғайриқ % |
| 1 | Бахши 1 | - | 20,4 % | 37, 7 % | 41,9 % |
| 2 | Бахши 2 | 4, 3 % | 20, 8 % | 34, 4 % | 40,5 % |
| 3 | Бахши 3 | 3, 3 % | 20,2 % | 35, 6 % | 40,9 % |
| 4 | фосилавӣ | - | 22,3 % | 30, 8 % | 46,9 % |
| | Ҳамагӣ: | 7,6 % | 83,7 | 138,5 | 170,2 |

Дар ин раванд бою ғанӣ гардидани таҷрибаи ҳаётӣ, ва малакаи тафаккури аналитикии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳис карда мешавад. Ба донишҷӯёни бахши 1-ум таъсири воситаҳои ахбори омма,

Интернет, ки телефонҳои онҳо пайвастанд бараъло ҳис карда мешавад. Инчунин, дар бахши аввал онҳо бештар ба омӯхтани фанҳои ёрирасони таърих сару кор гирифта, салоҳияти иттилоотӣ - маърифатиашон ба ташаккул ёфтан оғоз менамояд.

Дар ин раванд мо талош варзидем, ки озмоиши муқаррарнамоӣ гузаронида ошкор созем, ки ҷанбаҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро пайдо намоем. Дар раванди озмоиш ҳамроҳи омӯзгорони фаннӣ саволномаҳо тартиб дода, дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро бахш ба бахш санҷида, ҳолатҳои мушкилотиро ошкор намудем. Дар раванди озмоиш донишҷӯёни бахши якум ягон баҳои аълоро соҳиб шуда натавонистанд, зеро дар муассиса омӯзиши фанни таърих дар ҳаҷми васеъ баргузор мегардад. 20 % донишҷӯён баҳои чор, 37,7 % баҳои “3” ва 41,9 % баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд.

Дар бахши дуюм 4,3 % баҳои “аъло”; 20,4 % баҳои “хуб”; 37,7% баҳои “миёна” ва 40,5 % баҳои “ғайриқаноатбахш” гирифтанд. Ин гувоҳи аз он медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маводҳои таълимӣ пурра ҷавобгӯйи талабот нестанд. Донишҷӯён маводҳои таълимии заруриро пайдо карда бо он пайваста кор карда наметавонанд.

Дар бахши сеюм 3,3 % баҳои “аъло”, 20,2 % баҳои “хуб”, 35,6 % баҳои “миёна” ва 40,9% баҳои “ғайриқаноатбахш” гирифтанд. Дониш маҳорат ва малакаи гурӯҳҳои фосилавӣ низ чунин натиҷагирӣ карда шуд: баҳои “аъло” ягон донишҷӯ сазовор нагардид, баҳои “хуб” 22,3%, баҳои “қаноатбахш” 30, 8 %, ва 46,9% баҳои “ғайриқаноатбахш”-ро соҳиб гардиданд.

Натиҷаи ташаккули салоҳияти маърифатӣ - иттилоотии донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар факултети таърих чунин арзёбӣ гардид: аз шумораи умумии донишҷӯён 7,6 % бо баҳои “аъло”, 83,7 % бо баҳои “хуб”, 138,5 % бо баҳои “қаноатбахш” ва 172,2 % бо баҳои “ғайриқаноатбахш” нимсоларо ҷамъбаст намуданд, ин чандон натиҷаи хуб нест,

аммо донишҷӯён ҳуқуқ пайдо менамоянд, ки давра ба давра қарзҳои академии худро такроран супорида, таҳсилро давом диҳанд. Ин сиёсат бо супоридани пул амалӣ мегардад, ки донишҷӯёнро водор менамояд, ки ба таҳсил муносибати оқилона намуда, мутахассиси хуби соҳа гарданд. Донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки дар замони Шӯравӣ донишҷӯёнро мехононданд, ҳоло бошад, донишҷӯ бояд мустакилона хонад, салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии хешро баланд бардорад, зеро дигар муассисаҳо дониши тайёрро ба донишҷӯ намедиҳанд, балки донишҷӯ бояд ғами дониш, маҳорат ва малакаи хешро худаш хурад.

Барои муайян намудани ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, мо корҳои озмоишӣ - таҷрибавии хешро дар даври якуми имтиҳони ҷамъбастии ҷории сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 баргузор намудем. Ин амалро дар охири сол аз нав баргузор намуда, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ намудем, ки мисоли он ҷадвали 3 мебошад:

**Ҷадвали № 3.**

Оид ба натиҷагирӣ аз даври якуми имтиҳони ҷамъбастии ҷории сессияи зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ аз дониш, маҳорат ва малакаи таърихии донишҷӯён.

| № | Омӯзгор | Курс | Ихтисос | Фан | Ҳамагӣ | Иштирок дошт | Иштирок надошт | Баҳо: | | | | | | | | %-и азхудкуни |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | 5 | % | 4 | % | 3 | % | 2 | % | |
| 1. | Изатов Ю .М | 1 | 2-36113101-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 12 | 12 | 0 | 0 | 0,0 | 4 | 33,33 | 7 | 58,33 | 1 | 8,33 | 91,6 |
| 2. | Набиева М К | 1 | 2-360101-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 17 | 17 | 0 | 2 | 11,8 | 5 | 29,41 | 10 | 58,82 | 0 | 52,94 | 100,0 |
| 3. | Изатов Ю.М | 1 | 2-37010133-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 21 | 20 | 1 | 3 | 14,3 | 10 | 47,62 | 7 | 33,33 | 0 | 0,00 | 95,2 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Изатов Ю.М. | 1 | 2-46010231-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 8 | 8 | 0 | 1 | 12,5 | 3 | 37,50 | 4 | 50,00 | 0 | 0,00 | 100,0 |
| 5. | Файзалиев Ш.М. | 1 | 2-44010132-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 16 | 15 | 1 | 3 | 18,8 | 6 | 37,50 | 6 | 37,50 | 0 | 0,00 | 93,7 |
| 6. | Оминаи Алишер | 1 | 2-40010133 | Таърихи халқи тоҷик | 8 | 8 | 0 | 1 | 12,5 | 3 | 37,5 | 3 | 37,5 | 1 | 12,5 | 87,5 |
| 7. | Оминаи Алишер | 1 | 2-400102-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 18 | 18 | 0 | 4 | 22,22 | 8 | 44,44 | 5 | 27,8 | 1 | 5,56 | 94,4 |
| 8. | Оминаи Алишер | 1 | 2-40010133-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 19 | 19 | 0 | 2 | 10,53 | 11 | 57,89 | 5 | 26,3 | 1 | 5,26 | 94,7 |
| 9. | Мунисаи А. | 1 | 2-430101 4-сола | Таърихи халқи тоҷик | 17 | 15 | 2 | 1 | 6,6 | 4 | 26,6 | 8 | 53,3 | 1 | 6,6 | 93,4 |
| 10. | Мунисаи А. | 1 | 2-430101-4сола | Таърихи халқи | 15 | 15 | 0 | 3 | 20 | 8 | 53,33 | 4 | 26,7 | 0 | 0 | 100 |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | тоҷик | | | | | | | | | | | |
| 11. | Мунисаи А. | 1 | 2-43010301-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 18 | 18 | 0 | 2 | 11,11 | 9 | 50 | 7 | 38,9 | 0 | 0 | 100 |
| 12. | Алишерзода Омина | 1 | 2-790136-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 28 | 28 | 0 | 6 | 21,43 | 12 | 42,86 | 8 | 28,6 | 2 | 7,14 | 92,8 |
| 13. | Алишерзода Омина | 1 | 2-360402-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 15 | 15 | 0 | 2 | 13,33 | 6 | 40 | 5 | 33,3 | 2 | 13,3 | 86,6 |
| 14. | Оминаи Алишер | 1 | 2-690101-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 21 | 21 | 0 | 2 | 9,524 | 11 | 52,38 | 8 | 38,1 | 0 | 0 | 100 |
| 15. | Оминаи Алишер | 1 | 2-700201-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 9 | 9 | 0 | 1 | 11,11 | 5 | 55,56 | 3 | 33,3 | 1 | 11,1 | 100 |
| 16. | Оминаи Алишер | 1 | 2-70033101-4сола | Таърихи халқи тоҷик | 13 | 13 | 0 | 2 | 15,38 | 5 | 38,46 | 5 | 38,5 | 1 | 7,69 | 92,3 |
| 17. | Асроров | 1 | 2-27013119-4с | Таърихи | 10 | 10 | 0 | 0 | 0 | 5 | 50 | 5 | 50 | 0 | 0 | 100 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шариф | | | халқи точик | | | | | | | | | | | | |
| 18. | Асроров Шариф | 1 | 2-27013113-4с | Таърихи халқи точик | 10 | 10 | 0 | 1 | 10 | 3 | 30 | 5 | 50 | 1 | 10 | 90 |
| 19. | Набиева М. | 1 | 2-25013201-4сА | Таърихи халқи точик | 26 | 26 | 0 | 2 | 7,692 | 10 | 38,46 | 13 | 50 | 1 | 3,85 | 96,1 |
| 20. | Набиева М. | 1 | 2-25013201-4сБ | Таърихи халқи точик | 25 | 25 | 0 | 3 | 12 | 8 | 32 | 12 | 48 | 2 | 8 | 92 |

Мо дар раванди корҳои озмоишӣ диқати бештари худро ба он равона намудем, ки озмоишшавандагони мо мефаҳманд, ки фанни таърих ифтихори миллиро дар насли наврас бедор менамояд. Бо ин мақсад аз онҳо дар асоси пурсишнома саволҳои шифоҳӣ пешниҳод намудем, ки чаро шумо фанни таърихро меомӯзед? Бештар аз 35% донишҷӯёни Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ ва 40% донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷавоб доданд, ки барои худшиносӣ, ифтихор, зеро бе донистани таърих инсон кӣ будан, аз куҷо омадан ва мақсади зиндагию пешрафтро намефаҳмад.

Бештар аз 58% донишҷӯёни Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ ва 60 % донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ «Ғалабаи халқи Советиро дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» маҳсули қувваи рӯҳиявии халқи Советӣ баҳогузорӣ карданд. Ҳамин тавр, фанни таърих шаҳрвандон, ҷавонон ва донишҷӯёнро бо эҳтироми хоса муносибат намудан ба хизмати гузаштагон, ходисаҳои таърихӣ, ҳифз ва ҳимояи халқу Ватан тарбия менамояд. Танҳо дар ин раванд, 7 % донишҷӯёни Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ мавқеи худро муайян карда натавонистанд.

Баҳри муайян намудани роҳ ва воситаҳои ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мо ҳалли вазифаҳои зеринро дар назар дорем:

1.Таҳлили низоми кори омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик бо донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ оид ба ташаккули базаи назариявии ҷаҳонбинии илмӣ, дарки инкишофи ҷамият, ки барои ҷавонон дар раванди майлгирӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ниҳоят зарурӣ арзёбӣ мегардад.

2. Расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони муассисаҳо дар бобати пурра қонеъ намуда тавонистани талаботи донишҷӯён, дар инкишофи қобилияти

маърифатии онҳо.

3. Шинос намудани омӯзгорони фанни таърих, бо роҳу воситаҳои ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён, ташаккули тафаккури таърихии онҳо, инкишоф додани диққат, хотираи донишҷӯён тавассути омӯзиши маводҳои таърихӣ.

4. Намоиши киноҳои таълимӣ, омӯхтани ҳуҷҷатҳои таърихӣ, китоб ва маводҳои бойгонии таърихӣ тавоноии маърифатии донишҷӯёнро ташаккул дода, дониш, маҳорат ва малакаро тавоно мегардонад, ки ҳарчи бештар аз муносибати омӯзгор ба фанни таълимӣ вобастагӣ дорад.

Дар асоси дастури назариявӣ, ки дар боло ишора гардидааст, дар давраи корҳои таҳқиқотӣ ҳар сол дар ҳар як гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ корҳои таҳқиқотӣ бо мақсади ошкор намудани қобилияти маърифатии донишҷӯён баргузор карда мешаванд. Дар охири соли таҳсил дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дараҷаи инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён баргузор ва натиҷагирӣ карда мешавад. Барои муқоиса ва муқобилгузории қобилияту тавоноии маърифати таърихии донишҷӯён натиҷаи озмоишро дар чунин шакл меорем:

**Ҷадвали 4**

| № | Гурӯҳҳо | 2019- 2020 | | | | 2020-2021 | | | | 2021- 2022 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | аъло | хуб | қано-ш | ғайри-ш | аъло | хуб | қано-ш | ғайр-ш | аъло | хуб | қано-ш | ғайо-ш |
| 1 | Г.О | 3,1 | 34 | 31,3 | 31,6 | 5,7 | 6,6 | 31,4 | 26,2 | 8,6 | 40,4 | 30,6 | 20,3 |
| 2 | Г.Н | 1 | 29,5 | 31,2 | 38 | 2,8 | 9 | 32,1 | 35,9 | 1,7 | 29,3 | 31,7 | 37,1 |
| 3 | Г.О | 4 | 33,9 | 32,7 | 30 | 5,3 | 7,2 | 30,3 | 27,5 | 6,5 | 41,7 | 32,1 | 19,6 |
| 4 | Г.Н. | 2 | 29,4 | 30,4 | 37,6 | 3 | 9,9 | 29,8 | 37,1 | 3,5 | 29,6 | 30,2 | 36,5 |

Ҷадвали зеринро таҳлил намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки гурӯҳи озмоишӣ дар соли таҳсили 2019- 2022 дониш, малака ва маҳорати хешро дар чунин шакл намоиш дода тавонист: бо баҳои «5» аз 3,1 то 3,8%,

баҳои «4» аз 33,9 то 34%, бо баҳои «3» аз 31,3 то 32,7 %, бо баҳои «2» аз 29,5 % то 31,6 %- и донишҷӯён баҳогузорӣ гардиданд. Дар соли 2020-2021 бо баҳои «5»- 5,7 % донишҷӯён, бо баҳои «4» -6,6 фоизи донишҷӯён ва бо баҳои «3»- 31,4 % донишҷӯён ва бо баҳои «2»- 26,2 % донишҷӯён баҳогузорӣ гардиданд. Дар соли таҳсили 2021- 2022 бо баҳои «5»-8,6 %, бо баҳои «4»- 40,4, бо баҳои «3»- 30,6% ва бо баҳои «2»- 20, 3 донишҷӯёни гурӯҳи озмоишии Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ баҳогузорӣ карда шуданд.

Дар гурӯҳи назоратии Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар соли таҳсили 2019-2022 чунин баҳогузорӣ карда шуд: донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ бо баҳои «5»- 1%, бо баҳои «4» 29,5%, бо баҳои «3» 31,2%, бо баҳои «2» 38% донишҷӯён баҳогузори карда шуданд. Лекин дар соли таҳсили 2020- 2021 бо баҳои «5»- 2,8%, бо баҳои «4»- 9%, бо баҳои «3»- 32,1 %, бо баҳои «2»-35,9% донишҷӯён баҳогузорӣ гардиданд. Ин таносуб дар соли таҳсили 2021-2022 хело тағйир ёфт, масалан бо баҳои «5»- 1,7 %, бо баҳои «4»- 29,3 %, бо баҳои «3»-31,7 % ва бо баҳои «2»- 37, 1 %-и донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ баҳогузорӣ карда шуданд.

Раванди озмоиши педагогӣ ошкор сохт, ки дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар соли таҳсили 2019 - 2020 дар гурӯҳи озмоишӣ бо баҳои «5»- 4%, бо баҳои «4»- 33,9 %, бо баҳои «3»- 32,7 %, бо баҳои «2»- 30 % ва дар соли таҳсили 2020- 2021 бо баҳои «5»- 5,3 %, бо баҳои «4»-7,2 %, бо баҳои «3»- 30,3 % ва бо баҳои «2»- 27,2 % баҳогузорӣ гардиданд. Дар соли таҳсили 2021- 2022 бо баҳои «5»- 6,5 %, бо баҳои «4»- 41,7 %, бо баҳои «3»- 32,1 % ва бо баҳои «2»- 19,6 %-и донишҷӯён баҳогузорӣ гардиданд.

Вазъият дар гурӯҳи назоратии, Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин азёбӣ гардид: Гурӯҳи назоратии коллеҷи омазкур дар

соли таҳсили 2019-2020 бо баҳои «5»- 2 %, бо баҳои «4»- 29,4%, бо баҳои «3»- 30,4 % ва баҳои «2»- 37,6 % баҳогузорӣ шуданд. Дар соли таҳсили 2020-2021- бо баҳои «5»- 3 %, бо баҳои «4»- 9, 9 %, бо баҳои «3»- 29,8 %, бо баҳои «2»- 37,1 % баҳогузорӣ гардиданд. Дар соли таҳсили 2020- 2021 бошад, бо баҳои «5»- 3 %, бо баҳои «4»-29,9%, бо баҳои «3»- 29,8 %, бо баҳои «2»- 37, 1 % донишҷӯён мувофиқ дониста шуданд, ки ин ҳадди ниҳоӣ нест. Дар соли таҳсили 2021- 2022 бошад, бо баҳи «5»- 3,5 %, бо баҳои «4»- 29,6 %, бо баҳои «3»- 30,2 % ва бо баҳои «2»- 36, 2 % донишҷӯён сазовор дониста шуданд.

Омӯзиши ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки теъдоди донишҷӯёни бо баҳои «5» таҳсилкунанда дар гурӯҳҳои озмоишӣ аз 3,1% то 8,6 % ва баҳои «4» аз 34%то 40,4% дар калавиш қарор дорад. Ин нишондодҳо нисбати нишондодҳои пешин баландтар мебошанд. Ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чандон масъалаи хатарнок нест. Донишҷӯёне, ки имтиҳону санҷишҳоро дар давраи таъингардида супорида натавонистаанд, аз гирифтани идрорпулӣ маҳрум мегарданд, лекин тавассути роҳхат метавонанд қарзҳои академии худро супорида, таҳсилро давом диҳанд.

Он гурӯҳи донишҷӯёне, ки дар давраи таъингардида, қарзҳои академии худро супорида наметавонанд аз сафи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хориҷ карда мешаванд.

Ин тадбир хусусияти тарбиявиро ноил мебошад, ки тавассути он ба сифати таълим таъсир карда мешавад, то донишҷӯён андеша кунанд, ки таҳсили онҳо ба кадом хотир мебошад. Дар ин раванд мо хостем фаҳмем, ки донишҷӯён оид ба зарурияти омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик чи андеша доран? Фаҳмида гирифтем, ки донишҷӯён аз дараҷаи омӯзиши фанни таърих ҳам дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ ва ҳам дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қаноатмандии хешро баён намуданд.

Оид ба омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии

донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҷадвали зерин нигаред:

**Ҷадвали № 5.**

| Омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдод | Фоиз % | Теъдод | Фоиз % |
| Фанни таърих ва гузаронидани дарси таърих дар муассиса Шуморо қонеъ менамояд? | 66 | 43,09 % | 60 | 40,0% |
| Фанни таърихро Шумо илм меҳисобед | 36 | 22, 07 % | 30 | 20 % |
| Ягон нафари Шумо таърихро афсона меҳисобед | 3 | 0,2 | 10 | 0,8% |
| Тамоми ҳодисаҳои таърихи имконияти воқеӣ будан доранд | 22 | 10,5 | 25 | 10,8 |
| Дар омузиши таърих кадом усули педагогиро бештар меписандед (лексия ва омехтаро) | 23 | 10,6 | 25 | 10.8 |
| Всего: | 150 | 100,0 | 150 | 100,0 |

Дарси таърихро тавсиф намуда, ба донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ савол пешниҳод намудем, ки оё ин фан ба онҳо маъқул ва онҳоро қонеъ кунонида метавонад ва аз ҳарду гурӯҳ аз 43,9% то 40 % қаноатмандӣ изҳор намуданд. Дар ин самт донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки таърихро бо фанҳои ёрирасон дар ҳаҷми васеътар меомӯзанд фаъолтар буданд.

Ба саволи оё Шумо фанни таърихро илм меҳисобед, аз гурӯҳи озмоишӣ 36 нафар, яъне 22, 7% ва аз гурӯҳи назоратӣ 30 нафар ё 20 % донишҷӯён мавқеи худро муайян карданд. Оид ба саволи сеюм: «Ягон нафари Шумо таърихро афсона меҳисобад» аз гурӯҳи озмоишӣ 3 нафар ё 0,2 % ва аз гурӯҳи назоратӣ 10 нафар ё 0,8 % ин андешаро пайравӣ менамуданд. Дарсҳои таърихро дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ

аъло ва хуб донишҷӯён баҳогузорӣ карданд. Оид ба саволи чорум: «Оё тамоми ҳодисаҳои таърихи имконияти воқеӣ будан доранд», аз гурӯҳи озмоишӣ 22 нафар, ё 10,5 % ва аз гурӯҳи назоратӣ 25 нафар, ё 10,8 % донишҷӯён мавқеашонро муайян карданд. Ба саволи охирин аз гурӯҳи озмоишӣ 23 нафар ё 10,6 % ва аз гурӯҳи назоратӣ 25 нафар, ё.10,8 % ҷавоб доданд.

Наздик ба 30 % донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таърихро ҳамчун илми махсус, ки дар далелҳои раднашаванда асос ёфтааст мефаҳманд. Ба саволи охири саволнома, ки чунин мазмун дошт: «Дар омӯзиши фанни таърих кадом усули педагогиро бештар меписандед» аз гурӯҳи озмоишӣ 23 нафар донишҷӯён ё 10,6 % ва аз гурӯҳи назоратӣ 25 нафар ё 10,8% лексия, дарсҳо бо истифода аз воситаҳои техникӣ ва дарсҳои омехтаро тарафдорӣ намуданд.

Ба васеъ паҳн гардидани шакли таҳсилоти фосилавӣ ва ворид гардидани технологияи электронии таълим нигоҳ накарда, дар самти баланд бардоштани салоҳияти маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ лексияи кухна обрӯ ва манзалати хешро нигоҳ медорад ва дар омӯзиши фанни таърих ҷойгаҳи асосиро ишғол менамояд.

Базаи ташаккул ёфтани қудрату тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омили асосии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятии донишҷӯён мебошад. Барои ташаккул додани тавоноии донишҷӯён моҳияти калонро инкишофи умумии онҳо ишғол менамояд, лекин инкишоф ҳамеша бо тавоноии маърифатӣ робитаманд мебошад. Ба мушкилоти роҳ ва воситаҳои ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши таърихи халқи тоҷик такя намуда, мо нақша гузоштем, ки самти тавоноии маърифатии донишҷуёнро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин тавр баланд бардорем:

1. Инкишоф додани тавоноии маърифатии донишҷӯён тавассути аз бар намудани дониш дар асоси илман асоснок гузоштани натиҷаҳои таҳқиқот аз

рӯйи фанни таърихи халқи тоҷик (дуруст ва пурра фаҳмидани мазмуни матн, устувор дар хотир нигоҳ доштани далелҳои асосӣ, ба ёд овардан ва такрор намудани дониши азбарнамуда).

2. Инкишоф додани тавоноии маърифатӣ ба донистани таърих дар асоси ифодаи бадей - манзаравии ҳодисаҳои таърихӣ (дар фикр офаридани манзараи таърихӣ, дидани аломатҳои айнии зуҳуротҳои таърихӣ, ҳодисаҳо, фаъолон, намояндагон; дидан ва фаҳмидани чизи дар манзараи бадеӣ акс ёфта).

3. Инкишоф додани тавоноии маърифатӣ ба донистани таърих бо роҳи омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён (баҳо додани сарчашмаҳо; дар асоси онҳо сохтани манзараи гузашта, пайдарҳам гардонидани далелҳо; таҳлил намудани онҳо, ҷудо намудани муҳим аз номуҳим; хулоса баровардан ва умумигардонӣ карда тавонистани далелҳо).

4. Инкишоф додани тавоноии маърифатӣ баҳри ба дигар одамон додани дониш (мустақилона сохта тавонистани нақша; тезис, маърӯзаи баромад, баромад аз рӯйи мавзуи мушаххас, робита барқарор намудан бо синф).

Ҳамаи ин гуфтаҳои боло дар мадии аввал, моҳияти баландро ноил буда, дар ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки донишҷӯён метавонанд таърихи халқи тоҷикро дар асоси баёни мазмунноки маводи таърихӣ фаҳманд. Дуюм, дар фаҳмидани таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯён манзараҳои адабиёти бадеӣ ва санъат таъсири калон расонида метавонанд. Сеюм бошад, дар инкишофи маърифати таърихии донишҷӯён таҳқиқи маводҳои хоми таърихӣ ёрӣ мерасонад. Бигузор кобанд, ҷустуҷӯ намоянд ва омӯзгор набояд онҳоро дилшикаста гардонад.

Дар бораи инкишоф додани тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърих, дар бораи ташаккул додани тафаккури таърихии донишҷӯён андеша намуда, дастовардҳои баландро ноил гардидан мумкин аст. Озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ собит менамоянд, ки дар

раванди лексия ва машғулиятҳои семинарӣ муносибати тамоми донишҷӯёни самтҳои гуногун якхел буда наметавонад.

Донишҷӯёни Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар раванди дарси таърихи халқи тоҷик он қадар фаъолияти баланд нишон намедиҳанд (одатан гӯш мекунанд). Дар байни донишҷӯёни бахши якум 60%, дар бахши дуюм 53% ва дар бахши сеюм 10% одатан бештар гӯш карда, ба навиштани конспект мароқ зоҳир намекунанд. Озмоишҳои педагогӣ ошкор намуданд ки қариб 4 % донишҷӯён дар дарсҳо иштирок накарда, танҳо барои супоридани имтиҳон ва санҷишҳо ҳозир мешаванд, ки дар ташаккули тавоноии маърифатӣ ва касбӣ беосор намемонад.

Инчунин, мушоҳидаю озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муносибати донишҷӯёни факултети таърих ба омӯзиши фанни таърих ва ташаккул додани маърифати таърихӣ ва салоҳияти касбӣ бештар мушоҳида карда мешавад. Агар кушиш кунем, ки дараҷаи дониши таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намоем, дар 15-20 соли охир он хело поён рафтааст. Ин албатта бо ҳодисаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ки солҳои 90-ум дар Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст вобастагӣ дорад.

Донишҷӯёни ҷавони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, шахсиятҳои таърихиро ба зӯр мешиносанд, дар даврабандии таърих, сохти ҷамъият, тарзи истеҳсолот ва асоси иҷтимоии ҷамъият роҳгум мезананд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бештар аз 60 % пурсидашудагон, даъво мекунанд, ки фанни таърихро дар дараҷаи миёна, на бадтар аз шиносҳояшон медонанд. Ҳар як донишҷӯи шашуми самти гуманитарӣ ва ҳар як донишҷӯи панҷуми самти техникӣ ба доштани дониши пасти таърихии хеш иқроранд.

Бештар аз 300 - 400 донишҷӯро тавассути пурсишнома саволу ҷавоб намудем, дар ҳақиқат иқроранд, ки роҳи таърихии тайкардаи миллати хешро

ба таври бояду шояд намедонанд ва маърифати таърихии онҳо чандон баланд нест.

Истифода намудани маслиҳату тавсияҳои педагогии мо метавонад иқтидору тавоноии маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар гурӯҳҳои озмоишӣ боз ҳам баланд бардорад:

1. Дараҷаи маърифати таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ, бояд тавассути худомӯзӣ, дарсҳои лексионӣ ва семинарҳо баланд бардошта шавад.

2. Фаъолияти донишҷӯён тавассути омӯзиш ва мустаҳкамкунии маводҳои таърихӣ боло мегирад.

3. Тавоноии андешаронии таърихии онҳо тавассути асоснок андешаронӣ намудан боло мегирад (озодӣ дар андешаронӣ).

4. Дар корҳои амалӣ ва иҷрои супоришҳо бештар зоҳир намудани мустақилият аз ҷониби донишҷӯён.

5. Маҳорат пайдо намудан дар интихоб ва умумигардонии маводҳои зарурӣ.

6. Мустақилона ҷамъоварӣ, интихоб ва коркарди маводҳои бо мавзуҳо робитаманд.

7. Ҳосил намудани малакаи кор карда тавонистан бо технологияи нави таълим ва мақсаднок истифода бурда тавонистани он дар раванди корҳои мустақилона ва эҷодӣ.

Истифода бурдан аз тавсияҳои дидактикӣ (муносибатҳои интерактивӣ дар давраи омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик) имкон медиҳад, ки дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳар як донишҷӯ иштирокчии фаъоли таҳқиқот ва ҳалли мушкилот, иштирокчии бозиҳои нақшӣ, ҳолатҳои мушаххас, баҳсҳои гурӯҳӣ ва ихтилофҳои гуногун гардад.

Таҳлили кори пешниҳоднамудаи мо нишон медиҳад, ки истифодаи методҳои фаъол дар таълим дар ҷараёни омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ мубрамияти хешро аз даст намедиҳад. Озмоишҳои педагогӣ

собит менамоянд, ки омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик омили асосии ташаккулдиҳандаи лаёқат, қобилият, маърифат ва салоҳияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад, ки тафаккури танқидӣ, нигоҳи сиёсии донишҷӯёнро бедор менамояд.

Бо мақсади ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии насли наврас ва баланд бардоштани дониши таърихии халқи тоҷик ва худшиносию ифтихори тоҷикон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июли соли 2022 зери рақами АП- 227 амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров соли 2023 баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» ба тавсиб расонид. Ин тадбир омили беҳтарин дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатӣ, худшиносӣ, ғурур ва ифтихори тоҷикон хоҳад буд.

Озмоишҳои педагогии баргузор намудаи мо собит намуданд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар ин самт тадбиру чораҳо андешида кор давом дорад. Дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ ва Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯйихати ширкаткунандагон, саволҳои озмун тартиб дода шуда, омӯзгорони фанни таърих дар сифати баланд ба омода намудани донишҷӯён машғуланд.

Ғайр аз ин дар муассисаҳои номбурда маҳфилҳои фаннӣ, шабнишиниҳои саволу ҷавоб, семинару конференсияҳои зиёд аз фанни таърихи халқи тоҷик ба нақша гирифта шуда, баргузор карда мешаванд, ки ҳадафи он ташаккул додани маърифати таърихии насли наврас мебошад. Дар шароити муосир шаклҳои гуногун, усул ва методҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд тавоноии маърифатии донишҷӯёнро аз фанни таърихи харқи тоҷик баланд бардоранд. Танҳо аз омӯзгор дуруст ва нишонрас истифода бурдани он талаб карда мешавад.

Таҳқиқот ва озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки якранг гузаронидани дарсҳои таърих натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Дар ин

раванд бештар ба талаботи «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018- 2022», «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020 ва минбаъд», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2022 ва минбаъд» ниҳоят муҳим мебошад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили дидактикӣ ва адабиёти психологӣ - педагогӣ ва коркардҳои амалӣ талаботҳои асоси ба ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми омӯзиши таърихи халқи тоҷик коркард гардид. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти дидактикӣ, педагогӣ ва психологӣ, таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ муайян гарид, ки роҳ ва тарзи ташаккул додани маърифати таърихии донишҷӯён ниҳоят мураккаб буда, заҳмати зиёди эҷодиро талаб менамояд.

Самти муҳимтарини инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии Тоҷикистон агар навсозии истеҳсолот бошад, самти муҳимтарини таълими инсонро ташаккул додани салоҳияти касбӣ насли наврас ташкил медиҳад. Дар давоми асрҳо мутафаккирони бузургтарин омода намудани насли наврасро ба меҳнат ва иштироки бевоситаи онро дар ин ҷараён ҳамчун қисми таркибии инкишофи муътадили шахсиятӣ шинохтаанд. Ташаккули шахсият, лаёқат, қобилияти маърифатии донишҷӯён дар дараҷаи муайян аз тағйр ёфтани муносибат бо воситаҳои меҳнат ва худи меҳнат вобаста мебошад.

Яке аз шоираҳои адабиёти классики тоҷику форс Ниҳонӣ мегӯяд:

***Захр аст ҷафои илм, маънӣ шакар аст,***

***Ҳар пашша аз он чашад, ӯ шери нар аст.***

Ҳамин тавр ҳамаи мо раванди донишҷӯиро аз сар гузаронидем, касе иродаи қавӣ, сабру тоқат дошт, тамоми мушкилотро пушти сар карда, хатм намуд ва соҳиби маърифати баланд ва салоҳияти касбӣ гардид. Дар ин ҷо аз ҳама муҳим ворид гардидан ба дарки маънӣ ишора гардидааст, ки мутлақо

дуруст мебошад. Дар раванди корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мо донишҷӯёниро ошкор намудем, ки ҷаҳонбиниашон танг, фонди луғавиашон маҳдуд, диққату хотираашон ниҳоят заиф ва мустақилона кор кардан намехостанд.

Дар раванди корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ, бисёр вақт андешаҳои педагогии А. Ҷомӣ пеши хотирам ҷилвагар мегарда:

***Ҳеҷ суде накунад тарбияи ноқобил,***
***Гарчӣ бартар ниҳӣ аз халқи ҷаҳон миқдораш.***
***Сабзу хуррам нашавад аз нами борон ҳаргиз,***
***Хори хушке, ки нишонӣ бар сари девораш.***

Дар ин ҷо мо мумкин тасдиқ намоем, ки А.Ҷомӣ дар андешаҳои педагогии хеш ба ихтилофи назар роҳ додаст. Зеро дар таълимоти педагогии маорифпарварон, майнаи бача ба варақи поку тозае шабоҳат дода мешавад, ки дар он чизе сабт нагардидааст. Дорои маърифати баланд гардидани он аз омӯзгор, дониш, таҷриба ва санъати педагогии ӯ вобаста баён гардидааст. Аммо Абдураҳмони Ҷоми баръакс баён менамояд, ки агар бадасл, баднасл ва бадниҳод бошад, тамоми талошу кӯшиш беҳуда мебошад. Аз рӯйи таҷрибаи чандинсолаи фаъолияти педагогӣ гуфта метавонам, ки андешаи А.Ҷомӣ то як андоза асос дорад ва бояд мавзуи ҷудогонаи таҳқиқот қарор гирад.

Таҳқиқоти озмоишӣ аз якчанд давра иборат буда, дар он бештар диқати асосӣ ба ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик равона гардидааст. Дар давраи аввал, ки озмоишҳои тасдиқкунанда (констатирующий эксперимент) ном дорад, ба ҳолати мушкилотии масъала, муоинаи дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуд. Мақсад, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, вазифаҳо ошкор гардиданд.

Дар давраи дуюм нақшаи фаъолият баҳри ҳалли мушкилот, ташкили фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён тавассути ҷараёни таълим ва корҳои

беруназсинфӣ коркард гардид. Дар давраи сеюм дараҷаи ташаккули фаъолияти таҳқиқотии омӯзгорони ояндаи фанни таърих тавассути муносибати босалоҳият ошкор карда шуд. Дар ин давра гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар баробарвазнӣ ташкил дода шуда, фаҳмонидадиҳӣ гузаронида шуд.

Дар давраи авали озмоиш мо кушиш намудем, ки дараҷаи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёнро аз фанни таърих, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии озмоишӣ ошкор намоем. Барои ба даст овардани мақсадҳои гузошта шуда, мо аз методҳои зерин: саволномаҳо, суҳбат бо донишҷӯён, мушоҳида аз болои фаъолияти донишҷӯён дар давраи иҷрои корҳои лоиҳавӣ, таҳлили корҳои назоратӣ, лоиҳаҳои дипломӣ машғул гардем. Рафти озмоиш ошкор намуд, ки ин тадбирҳо дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ беҳтар ба роҳ монда шудаанд.

Дар омода намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ диқати асосиро бояд ба иҷрои корҳои амалӣ, чорабиниҳои муассиса ва супоришҳои сиёсӣ диҳанд. Зеро омӯзгорони ояндаи фанни таърих пешбарандаи сиёсати давлат дар маҳаллаҳо, минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошанд ва сиёсати давлатро бояд дуруст дарк намоянд ва бехатто пеш бурда тавонанд. Барои ин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дарсҳои назариявӣ, семинар, конференсия ва чорабиниҳо дар сатҳи баланд ва самаранок ташкил дода шуда, ба ташкил ва гузаронидани он бештар донишҷӯёни факултети таърих ҷалб карда шаванд.

Корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ ошкор намуданд, ки барои ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷуён дар мазмуни лексияҳои фанни таърихи халқи тоҷик ворид намудани ҳолатҳои мушкилотӣ ниҳоят муҳим мебошад. То донишҷӯён бо методҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатӣ шинос гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ корро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд. Барои ошкор намудани дақиқӣ ва натиҷанокии истифодаи воситаҳои педагогӣ оид ба ташаккули малакаю маҳорати донишҷӯён, махсусан, воситаҳои муоинаи психологӣ - педагогӣ барои муайян кардани натиҷаҳои микдорӣ ва сифатӣ интихоб карда шуданд.

Таҳқиқитҳои озмоишӣ солҳои 2019 - 2023 баргузор карда шуданд, ки ба он донишҷӯён ва омӯзгорони фанни таърихи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар раванди озмоиш бо фаъолияти дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаи Тоҷикистон шинос гардидем.

Таҳқиқоти мазкур ошкор намуд, ки ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дараҷаи паст ва миёнаи дониш, маҳорат ва малакаро ноиланд дохил мешаванд. Бо мақсади бартараф намудани омодагии паст ва миёнаи донишҷӯён, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар бахши якум курси махсуси «Асоси фаъолияти таҳқиқотӣ», дар бахши дуюм талаботи ягона бо кор карда тавонистан бо сарчашмаҳои ахборотӣ, таркиб, мантиқ ва тартиби сохтани корҳои эҷодӣ аз тамоми фанҳои барномаи таълимӣ ташкил дода мешавад.

Таҳлили худбаҳодиҳии маҳорати эҷодии донишҷӯён имкон медиҳад, ки ба хулоса оем, ки он афзоиш ёфта истодааст. Нишондиҳандаи донишҷӯёни бахши сеюм ҳамеша аз нишондиҳандаи донишҷӯёни бахши якум баланд арзёбӣ мегардад. Дар бахши дуюм натиҷаи корҳои курсӣ ифодакунандаи динамикаи равонасозии донишҷӯён ба корҳои эҷодӣ мебошад. Тавассути корҳои курсӣ донишҷӯён ба иҷро кардани корҳои дипломӣ, тарзи омода намудани он, истифода бурдан аз сарчашмаҳои зарурӣ шинос гардида, ба илм роҳ пайдо менамоянд.

Ҳамин тавр, дар раванди корҳои озмоишӣ ошкор гардид, ки таркиби

фаъолияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён баланд гардида, зина ба зина мураккаб гашта, ба ташаккули сифатҳои шахсиятии ӯ таъсир расонида, онҳоро ба фаъолияти касбӣ омода менамояд.

Фикр мекунем, ки яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки соли 2023 озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» мебошад.

## Хулосаи боби дуюм

Ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ташкили тамоми низоми фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён дар муассиса вобаста мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён, ҷойи арзандаро омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ишғол менамояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки камолот вазифаи ташаккул додани тавоноии маърифатии инсонро мураккаб мегардонад. Дар ин ҳолат ба омӯзгор зарур меояд, ки на танҳо ба донишҷӯён дониш диҳад, балки роҳҳои мустақилона ҳосил намудани онро омӯзонад. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки синнашон аз 18 сола боло мебошад, сухани одиро қабул наменамоянд, ба омӯзгор зарур меояд, ки ҳар як маводи таърихиро ба онҳо бо далелҳои раднашаванда фаҳмонад.

Маҳорати бо далелҳои раднашаванда фаҳмонидани ҳодисаҳои таърихӣ - ин маънои доштани маҳорати баланди маърифатии омӯзгор мебошад. Дар ин раванд гуфтан мехоҳам, ки озмоишҳои педагогӣ ошкор намуданд, ки на ҳама омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии муосир чунин сифатҳоро ноиланд. Тавассути исбот тавонои маърифатии донишҷӯёнро баланд бардошта, ба омили тақлид ва пайравӣ хешро мутобиқ созанд.

Дар ин самт ду мафҳум пеш мебарояд: тавоноии маърифатӣ ва талаботи маърифатӣ, ки ҳардуи он дархости ҷомеаи муосир мебошанд, ки мақсади охиринӣ он беҳдошти сифати таълим мебошад. Мушоҳидаҳои сершумори мо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо як якравӣ мақсадҳои ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ноил гардидан номумкин аст. Ба омӯзгорон зарур меояд, ки ҳадафнок ва мунтазам аз технологияи муосир, роҳҳои нав дар ҷараёни таълимӣ- маърифатии донишҷӯён самаранок истифода

намояд.

Аз ҷониби мо ошкор карда шуд, ки тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар раванди дуруст ташкил додани ҷараёни маърифатӣ дар синф, дар раванди корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Ба ин раванд инчунин, шаклҳои гуногуни ташкили ҷараёни таълим таъсир расонида метавонанд. Масалан, шакли фронталӣ, кор бо ҷуфтон, корҳои гурӯҳӣ, инфиродӣ бо донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён ҷойгаҳи арзандаро ишғол менамояд.

Корҳои озмоишӣ бори дигар тасдиқ намуданд, ки ҷойи махсусро дар раванди инкишофи тавоноии маърифати таърихии донишҷӯён методҳои фаъоли таълим ва ворид намудани навгониҳо ишғол менамоянд. Ин чунин шакли ташкили ҷараёни таълиме мебошад, ки дар раванди он ширкат наварзидан дар ҷараёни маърифатӣ номумкин мебошад. Дар ин раванд ҳар як донишҷӯ нақши хосаро ишғол менамояд, ки бояд масъулияти шахсиро дарк намояд, зеро аз фаъолияти шахсии ӯ вазифаи маърифатии дар назди гурӯҳ гузошташуда вобаста мебошад.

Озмоиш ва таҷрибаҳои педагогӣ ошкор намуданд, ки самаранокии истифодаи технологияи фаъоли таълим, боиси ташаккул ёфтани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик гардида, онҳо ҳалли як мушкилоти таърихиро аз чандин паҳлӯ ёд мегиранд. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи мо, дар раванди корҳои озмоишӣ, дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯён, дурустии хешро дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён ошкор намуданд. Инро ба инобат гирифта, дар ҳар як машғулияти таълимӣ омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик, ба он кӯшиш намояд, ки донишҷӯёнро бо мазмуни маводи таълимӣ, ба худ моил созад, ки мустақилона ва эҷодкорона дар ҷараёни таълим ширкат варзанд.

Аз рӯйи тавсияи мо омӯзгор дар гурӯҳи озмоишӣ амалан нишон дод, ки дар давраи гузариш аз як қисми мавзуи таълимӣ ба қисми дигараш ба донишҷӯён пешниҳод намудани вазифаҳои маърифатӣ ниҳоят зарур мебошанд, то ки тавоноии маърифатии донишҷӯён ташаккул ёбад. Гузоштани мавзуи дарс ва тақсим намудани он ба саволҳо фазои ҷустуҷӯи маърифатиро барои донишҷӯён дар давоми дарс таъмин менамояд.

Дар раванди корҳои таҳқиқотӣ, қудрату тавоноии технологияи мушкилотӣ - инкишофдиҳандагии таълим дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён ошкор гардид. Тавассути ин тадбир тафаккури танқидии донишҷӯён кушода гардида, маҳорати муошırати интерактивӣ - навгонӣ ва муносибати некбинӣ дар онҳо инкишоф ёфта, салоҳияти касбӣ ташаккул меёбад. Салоҳияти касбии омӯзгорони оянда, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба он сару кор доранд, омода намудани омӯзгороне мебошад, ки муоширатро дар ҷараёни таълим ташкил карда тавонанд.

Технологияи муносибати босалоҳият, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба он равона мегардад, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро баланд бардошта, диққат, хотира, тафаккур, тасаввуротро қавӣ гардонида, муҳаббатро ба фанни таълимӣ бедор созад. Дар ҳолате дониши донишҷӯён бештар устувор мегардад, ки технологияи таълим барои инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён аз фанни таърихи халқи тоҷик дуруст интихоб карда шавад.

Бешӯбҳа, инкишоф ёфтани хотираи таърихии донишҷӯён, дар навбати аввал, бо далелҳои таърихӣ, зуҳурот, раванд, хотираҳо тавоноии тафаккури таърихиро таъмин менамояд. Аз ҷониби дигар, инкишофи тавоноии андешаронӣ дар сохтори тафаккур расми таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Таҳлили назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки китоб,

нақша ва лексияҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва воситаҳои дидактикие, ки омӯзгорони фанни таърих истифода мебаранд, ба ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён қисман ҷавобгӯ нестанд. Яке аз мушкилоти асосӣ, дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, нарасидани омӯзгорони таҷрибадор ва дорои касбияти баланд мебошад.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

Дар асоси андешаҳои дар боло баёнгардида, хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар ташаккул ва инкишофи шахсияти донишҷӯён, масъулият ва мустақилияти қабул намудани қарорҳо ҷойгоҳи хосаро ишғол менамояд. Сохтори таърихи халқи тоҷик ифодагари мантиқии фаъолияти амалӣ, на танҳо воситаи самараноки аз бар намудани дониш ва ташаккули маҳорат, балки пайдо намудани роҳ ва воситаи ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологӣ - педагогӣ ва дидактикӣ, ки дар раванди таҳқиқот дар давоми ин солҳо омӯхта гардид, инчунин, натиҷаи корҳои озмоишӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баргузор намудем собит намуд, ки муассисаҳои муосири таҳсилоти миёнаи касбии берун аз марказ чандон базаи моддӣ - техникӣ барои ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути баргузор намудани дарси таърихи халқи тоҷик надоранд.

Хотираи фаъол, тасаввурот ва тафаккур дар ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ инкишофи тавоноии эҷодии донишҷӯёнро таъмин намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки инкишофи тавоноии маърифатии хешро дарк кунанд. Аз ин рӯ, дараҷаи муайяни фаъолияти маърифатӣ ҷараёни муҳими ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши таърихи халқи тоҷик мебошад.

Омили муҳимтарин, ки ҷараёни инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёнро таъмин менамояд, муносибати дурусти педагогӣ ва бедор намудани талаботи донишҷӯён нисбати омӯзгор, дар донистани далелҳои таърихӣ мебошад. Дар ин раванд омӯзгор мавқеи асосиро мебозад, зеро бе истифодаи технологияи таълими шавқовар ва интихоби муносибатҳои ҷавобгӯи таълимӣ - маърифатӣ донишҷӯён дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба чизе ноил гардида наметавонанд.

Аз таҳлили таҷрибаи амалӣ бар меояд, ки на ҳама донишҷӯён, базаи фаҳмидани далелҳои таърихиро доро мебошанд ва ба онҳо ин фан шавқовар нест, онҳо бештар ба фанҳои табиӣ, география, техника, технология завқ доранд, аммо аз сабаби нодуруст ба ин факултет дохил шуданашон оянда ба мушкилот рӯ ба рӯ гарданд ва аз ҷиҳати маънавӣ инкишоф наёбанд. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи интихоби касб бояд дуруст ба роҳ монда шавад, ки чунин ҳодисаҳо рӯй надиҳанд.

Таҳқиқот собит намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дигар қудрати тамоми донишҷӯёни хубу аъло хонданро дар худ фаро гирифтан надоранд. Омӯзгор дар ҷараёни таълим дар ин зина ба лектор табдил меёбад ва аз гирифтани имтиҳону санҷиш (зачет) дур мебошад, ки он ба ташаккул ёфтани дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён таъсир мерасонад.

Норасоӣ дар кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз худи мазмуни таҳсилот, номувофиқии нақшаҳои таълимӣ бо барномаҳои таълимӣ ва китоби дарсии таърихи халқи тоҷик, номунтазамии нақшаҳои таълим ва барнома, ворид намудани тағйирот ба соатҳои таълимӣ сар мезанад. Соатҳои иловагӣ барои омӯзиши таърихи ноҳия ва вилоятҳо ҷудо намегардад. Аз рӯйи озмоишҳои баргузорнамуда, таклиф менамоем, ки барои баланд бардоштани маърифати таърихии донишҷӯён сифати дарсҳои иловагии фанҳои ёрирасони таърих беҳтар карда шавад, китоби ин фанҳо дар асоси талаботи нав омода карда шавад.

Тавре адабиёти педагогӣ - психологӣ ва таҷриба собит менамояд, дар қатори дигар роҳу воситаҳо дар ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён, фаъолияти инноватсионӣ ва ташкили методҳои фаъоли таълим бояд бештар ворид намудан шавад. Лекин мутаассифона омӯзгорон аз ворид шудан ба фаъолияти инноватсионӣ ва дар кучо ворид намудани он метарсанд ва ба таври анъанавӣ дарсҳои фанни таърихро

якранг мегузаронанд.

Мо бояд кӯшиш намоем, ки ба саволҳои зерин ҷавоб дода тавонем:

- Мушкилоти ташаккул ва инкишоф додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар шароити муосир дар чӣ мебинед? Ҳоло барои ҷавоб додан ба ин савол барвақт аст, таҳқиқотҳо давом доранд, самаранокии онро мо дар корҳои озмоишӣ ишора намудем.

- Моҳияти дидактикии онро пас аз татбиқи васеи он дар таҷриба ошкор намудан мумкин аст.

- Дар адабиёти педагогӣ корро дар самти роҳҳои инкишофи маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик ниҳоят кам во мехӯранд. Мушкилоти ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, яке аз проблемаҳои педагогикаи муосир маҳсуб меёбад.

- Баҳо додани самаранокии ин ё он технологияи педагогӣ дар ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён бениҳот мушкил мебошад. Барои ин, ба омӯзгорони гурӯҳҳои озмоишӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз методҳои гуногуни аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ коркардгардида истифода баранд, то ки инкишофи фардиятӣ, маърифатӣ, дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён ошкор гардад. Тавассути ин тадбирҳо дараҷаи инкишофи коллективи донишҷӯён, дараҷаи ташаккули фаъолияти таълими, зинаи иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён ошкор мегардад.

- Озмоишҳои мо ошкор намуданд, ки шаклҳои гуногуни фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавҷуданд, ки яке аз асоситарини онҳо корҳои мустақилонаи донишҷӯён мебошад, ки мақомгирии дохилии донишҷӯро ба ҷустуҷӯ бедор менамояд.

Дар шароити муосир бо мақсади ташаккул ва инкишоф додани тавоноии маърифатии донишҷӯён бештар аз тарзҳои фаъоли таълим ва фаъолияти инноватсионӣ истифода бурдан зарур аст. Барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд навиштани китоб бо забони тоҷикӣ оғоз гардад ва муассисаҳо бо китоби дарсӣ аз тамоми фанҳои таълимӣ таъмин гарданд.

Дар раванди корҳои озмоишӣ ошкор намудем, ки тафаккури эҷодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муқоиса бо дигар омилҳои тавоноии маърифатӣ оромонатар рӯй медиҳад. Сабаби оромона рӯй додани инкишофи тафаккури эҷодиро мо дар бенизомона истифода бурдани методҳои фаъоли таълим аз ҷониби омӯзгор мебинем. Барои ҳалли ин мушкилот мо пешниҳод менамоем, ки технологияе коркард гардад, ки дар тамоми давраи таҳсил дар муассиса истифода бурда шавад.

Омӯзгорон, набояд дарсро аз тамоми фанҳои таълимӣ, бахусус аз фанни таърихи халқи тоҷик якранг гузаронад. Онҳо бояд дар мазмуни таълим, сохти дарс, лаҳзаҳои дарс дигаргунӣ ворид намоянд, баъзан дар раванди дарс аз методҳои анъанавӣ низ истифода намоянд, муаммо гузорад ва ҳарчӣ бештар донишҷӯёнро ба фикр карда, ба хотир овардан маҷбур созанд. Қолабро шикаста, дар баъзе мавзуҳои дарс бештар ба баён, дар баъзе дарсҳо бештар ба пурсиши мавзу ва мустаҳкамкунӣ диққат диҳанд.

Омилҳои асосии ташакул ва инкишоф ёфтани тавоноии маърифатии донишҷӯён, мустақилона ҳосил намудани дониш берун аз барномаи таълимӣ мебошад. Барои амалӣ намудани ин мақсад, омӯзгор бояд дар раванди дарси таърих аз имкониятҳои маърифатӣ дар ин шакл истифода барад:

а) ба ахбори пешниҳоднамудаи донишҷӯ диққат диҳад, ба васеъгӣ ва асоснокии он дар дарс таваҷҷӯҳ зоҳир намояд;

б) намунаҳои гуногуни баёни зуҳуротҳои таърихиро дар ҳалли

масъала пешниҳод намояд, барои омӯзиши мустақилона сарчашмаҳои заруриро тавсия намояд;

в) рӯихати адабиёт ва сарчашмаҳои тавсиявии таърихи халқи тоҷикро бо ҷадвали лексияҳо тартиб диҳад;

г) ба донишҷӯён китоб ва маҷалаҳоеро, ки ба мавзуъ ва бобҳои ҷудогона мансубият доранд нишон ва тавсия намояд;

д) донишҷӯён ба додани тақриз ба китоби ҷудогона, мақола ва матни лексияи омӯзгор ва мутахассисони даъватгардида омода карда шаванд, то ки тавоноии маърифатии онҳо ташаккул ёбад ва ба иҷрои корҳои эҷодӣ омода гарданд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Барои боз ҳам самарабахш гардидани ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чунин тавсияҳоро ироа мекунем:

1.Васеъ ҳадаф гирифтани мазмуни ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ ба ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, махсусан самти омӯзгорӣ;

2. Барои дарк намудани зарурияти ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён, бояд дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик аз тамоми шароитҳои зарурӣ оқилона истифода бурда шавад;[1-М]

3. Ҳар калимаи баённамудаи омӯзгор, лаҳни баён, пастию баландии овоз, маданияти муошират, дар ташаккули лаёқат ва қобилияти донишҷӯён бояд мақоми хоса дошта бошад;

4. Шаклҳои гуногуни корҳои синфӣ ва ғайрисинфӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик метавонад тавонои маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро баланд бардорад; [6-М]

5. Аз таҷрибаи шахсӣ мехостам гӯям, ки омӯзгор донишҷӯёнро тарзе омӯзонад, ки худаш омӯхта буд, аз ҳама пеш ба ташаккули дониш,

маҳорат ва малакаи онҳо тавачӯҳ зоҳир намояд;

6. Барои самаранок гардонидани тавоноии маърифатии донишҷӯён, омӯзгори муосири фанни таърихи халқи тоҷик, бояд дар раванди таълим мунтазам аз навгониҳои педагогӣ ва методҳои фаъоли таълим истифода барад;

7. Омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик дар ҳар ҷараёни таълимӣ - маърифатӣ бояд фазои корӣ ва эҷодии хубро барқарор карда тавонад, хешро ҳамчун шахсияти эҷодӣ, бомаҳорат ва дорои ҷаҳони васеи маънавӣ дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён нишон дода тавонад; [7-М]

8. Инкишофи ҳаматарафаи фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз дуруст ташкил додани корҳои мустақилонаи эҷодӣ, истифодаи методҳои мушкилотӣ ва таҳқиқоти таълимӣ вобаста мебошад, ки тавоноии маърифатии донишҷӯёнро баланд бардорад;

9. Ташкили дурусти худомӯзӣ, ҳамчун талаботи маърифатӣ ба донишҷӯ хурсандӣ ва болидагӣ бахшида, роҳи мушкилоти ақлониро мустақилона ва бе дастгирии беруна ҳал намуданро одат мебахшад.

10. Омили асосии ташакул ва инкишоф ёфтани тавоноии маърифатии донишҷӯён, мустақилона ҳосил намудани дониш берун аз барномаи таълимӣ шинохта мешавад.

## Рӯйхати адабиёт


1. Альфонсов В.Х. Пути активизация познавательной деятельности студентов в процессе обучения: автореф. дисс. канд. пед. наук- Минск, 1984. - 18 с.

2. Алиев С.Н. Основы практической психологии образования. Учебно-методическое пособие / С.Н. Алиев [Текст]. – Душанбе: Нодир, 2004. -512 с.

3. Амонашвили Ш.А. Личностно-гуманная основа педагогического процесса. М., 1990, 560с. (Б-ка сер. "Университет - школе").

4. Антонова И.Г. Повышение самостоятельности и активности студентов в учебном процессе по основам науки: автореф. дис.... канд. пед. наук. М., 1959. - 21 с.

5. Антология педагогической мысли таджикского народа // -Душанбе, «Матбуот», 2009.

6. Арипов. М. (Орифи). Из истории педагогической мысли таджикского народа. - Душанбе, 1962. - 62 с.

7. Аристова Л. П. Активность учения школьника. - М.: Просвещение, 1968. - 138 с.

8. Архангельский С.И. Лекции по научной организации учебного процесса в высшей школе. М., 1976, 200с

9. Афзали Х. С. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик - Душанбе «Ирфон», 2008. -110 с.

10. Аҳрор Мухторов, Ҳамза Камол. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.- Душанбе, «Маориф», 2016.

11. Аюдзинин А.Л. Активизация познавательной деятельности заочников при выполнении домашней самостоятельной работы: автореф. дисс. канд. пед. наук. - Д., 1988. - 16 с.

12. Бабанский Ю. К. Оптимизация процесса обучения: общедидактический аспект - М., 1977. - 40 с.

13. Барномаи таърихи халқи тоҷик. Барои синфҳои 5-11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе 2008

14. Бадалов А.А. О направлениях и задачах научной разработки проблемы способностей // Вопросы психологии. -1984.- № 1.- С. 5-18.

15. Батышев С.Я. Производственная педагогика. - М., 1984. - 154с.

16. Белова Е.С. Одаренность малыша: раскрыть, понять, поддержать. - М.: Флинта, 1998. - 144 с.

17. Белкин Е. Л., Карпов В. В., Харнаш П. И. Дидактические проблемы управления познавательной деятельностью. - Ярославль, 1974.- 176с.

18. Белкин Е.Л. Управления познавательной деятельностью. - Ярославль, 1978. -57 с.

19.Бодалев А.А. О направлениях и задачах научной разработки проблемы способностей // Сб. Проблема развития способностей. - М., 1984. - С. 5-18

20. Брюно Ж. и др. Одаренные дети: психолого-педагогические исследования и практика // Психологический журнал - 1995.- № 4 -73 с.

21. Буйдаков Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе. - Душанбе, 1998. - 427 с.

22. Бутузов И. Д. Некоторые вопросы теории и практики активизации познавательной деятельности учащихся в совремённом школе // Сб. Особенности познавательной деятельности учащихся - Д., 1979. - С. 16-29

23. Булгаков С.Н. Философия. - М.: Просвещение, 1983. - 336 с.

24. Венгер Л.А. Педагогика способностей. - М.: Знание, 1973. -96 с.

25. Виноградова М. Д., Первин И. Б. Коллективная познавательная деятельность и воспитание школьников. - М., 1977. - 160 с.

26. Волкова М. Г. Развитие способностей у детей - основа жизненного успеха. - М.: НИИВШ, 1989,- 120 с.

27. Выгодский Л. С. Воображение и творчество в детском возрасте. Психологический образ, очерк. - 2-е изд. - М., 1967. - 27 с.

28. Выготский Л.С. Педагогическая психология. - М.: Педагогика,

1991. - 387 с.

29. Сб. Вопросы развития познавательных интересов учащихся в процессе обучения. Под ред. Д. Г. Гилиева. - Свердловск, 1970. - С. 3 -20.

30. Гиев Д. К. К вопросу о мотивах учебной деятельности учащихся

31. Голубева Э.А. Психофизиологическое изучение способностей

// Сб. Голубевой Э.А.. - М.: Педагогика, 1989. - 197 с.

32. Гордон Л. А. Формирование прогностических умений учащихся в обучении // Сб. Психолого - дидактические проблемы познавательной деятельности учащихся - Тула, 1976. - С. 41 - 51.

33. Грязева В. Г., Петровский В.А. Одаренные дети: экология творчества. - Челябинск: ИЛИ РАО, ЧГИИК, 1993. - 40 с.

34. Давлетшин М. Г. Психология технических способностей школьников. - Ташкент: Фан, 1971. - 176 с.

35. Дайри Н.Г. Об эффективности урока // Народное образование. - 1961. - №12. - С. 30-39.

36. Дайри Н.Г. Современные требование к уроку истории. - М., 1978. - 160 с.

37. Дайри Н. Г. Обучение истории в старших классах. М., 1966.-437 с.

38. Демина Н.Д. Взаимоотношения учителя и учащихся в педагогическом процессе:автореф. дис....канд. пед. наук. - М.,1966.-18 с.

39. Дистервег. Избр. Педагогические сочинения. - М., 1956. - 199 с.

40. Доржиева Т.В. Особенности работы с творчески одаренными детьми в учебных заведениях. - Улан-Удэ, 1999. - 61 с.

41. Дружинин В.Н. Психология общих способностей. - М. 2002-56 с.

42. Энсиклопедияи советии тоҷик.-Душанбе, 1978,-Ҷ 1-2

43. Завалишина Д. Н. Психологическая структура // Сб. Развитие и диагностика способностей. Отв. ред. Дружинин В.Н. и Шадриков В. Д. - М.: Наука, 1991. -С. 20-25.

44. Загвиязинский В.И. Познавательный интерес в системе движущих

сил учебного процесса // Сб. Вопросы развития познавательных интересов учащихся в процессе обучения. - Свердловск, 1970. - С. 37 - 57.

45. Зиёев Т.Н. Кунтувдый Н. ва дигарон. Консепсияи маърифати шаҳрвандӣ. - Душанбе: Виза, 2008.-119 с.

46. Зиёев Т. Н. Барномаи таърихи халқи тоҷик. Барой синфҳои **5-11** - Душанбе, 2002. - 48 с.

47. Зиёев Т.Н., Меликмуродов Ф., Набиева Р.А., Раҳматҷонов М. Программаи таърихи РСС Точикистон барои мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ *II* Ахборотномаи Вазорати маорифи Точикистон**.** Душанбе, 1991. - 27 с

48. Зиёев Т. Н. Педагогические проблемы применения краеведческих материалов на уроках Истории СССР в VII - X классах таджикских школ: афтореф. дис....канд. пед. наук. - Душанбе, 1991. - 19 с.

49. Зильберштейн А. И. Некоторые вопросы управления познавательной деятельностью учащихся при решении ими проблемных задач // Сб. Вопросы воспитания познавательной активности и самостоятельности школьников. - Казань, 1972. - С. 37 -40.

50. Зиёев Т.Н. Масъалаҳои илмию методологии мазмуни таҳсилоти фанҳои таъриху ҷомеашиносӣ - Душанбе: Ирфон, 2008. - 160 с

51. Зубайдов У. Теоретико - педагогические основы дифференцированного обучения в школах Республики Таджикистан: автореф. дисс.... док. пед. наук. - Душанбе, 1999. - 48 с.

52. Искандаров Б.И. Из истории проникновения капиталистических отнощений в экономику дореволюционного Таджикистана. Душанбе, 1976, 286с.

53. Как определить и развивать способности ребенка // Сост. Воскобойников В. М. - СПб.: Респекс, 1996. - 426 с.

54. Калечиц Т. Н., Кейлина З.А. Внеклассная и внешкольная работа. - М., 1972. -96 с.

55. Ключевский В. О. Диагностика способностей в практике работы учителя // Склонности и способности. - Л: ЛГУ, 1962. - С. 50-70.

56. Коджаспирова Г. М., Коджаспиров А. Ю. Педагогический словарь: Для студентов высших и средних педагогических учебных заведений. - 2-е изд., стереотип. - М.: Академия, 2005. - 176 с.

57. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006.

58. Консепсии мактаби миллӣ. Душанбе, 1999. -

59. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2003**.**

60. Концепсия развития предпринимательства в Республики Таджикистан на период до 2015 года (утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан 3 декабря 2004года № 469).

61.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» - Душанбе, 2004.

62. Крутецкий В.А. Очерки психологии старшего школьника. - М., 1963. - 199 **с.**

63**.** Крягжде С. П. Коллективная учебно - познавательная деятельность школьников. Под ред. Первина И. Б. - М., 1985 - 144 с.

64. Кузмин Н. В. Педагогическое мастерство учителя как фактор развития способностей учащихся // Вопросы психологии. - 1984. - № 1. - **С.** 20 - 26.

65. Левитов Н.Д. О психических состояниях человека. - М.: Просвещение, 1964.- 344 с.

66. Лейтес Н.С. Групповая работа на уроке. - М., 1975. - 64 с.

67. Лейтес Н.С. Возрастная одаренность и индивидуальные различия: Избр. тр.- М.: Воронеж, МОДЭК, 1997. - 448 с.

68. Лейтес Н.С. Возрастная одарённость школьников. - М., 2000. -320 с.

69. Лернер И.. Я. Сущность познавательной самостоятельности и организации процесса обучении // Сб. Рациональное сочетание методов развития учебно-познавательной деятельности школьников. - Томск, 1979. - С. 3 - 46.

70. Липник В.Н. Проблема интереса в педагогическом учении Каменского // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1973. -С. 28 -31.

71. Лидере А .Г. Психологический тренинг с подростками. - М., 2004. - 256 с.

72. Литвинский Б.А. Таърихи РСС Точикистон *II* Китоби дарсӣ, барои синфхои 7 - 10. - Душанбе, 1975. - 254 с.

73. Лозовая В. И. Использование проблемных вопросов для проверки знаний учащихся \\Сб. Вопросы воспитания познавательной активности и самостоятельности школьников. - Казань, 1972. - С. 131 - 137.

74. Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик, Осори педагогӣ, Ҷилди 6 –Д., 2015.- 703 С.

75. Матвеева К. М. и Сасалон С. И. Организация самостоятельной работы на уроках истории. - М., 1976. - 142 с.

76. Матюшкин А. М. Психологическая структура, динамика и развитие познавательной активности // Вопросы психологии. -1982. - № 4. -С. 5-17.

77. Матюшкин А. М. Концепция творческой одаренности // Вопросы психологии. - 1989. - № 6. - С. 29-33.

78. Маҳкамов Д Инноватсия дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик. (Роҳнамо дар фаъолияти педагогӣ) –Душанбе, «Сифат», 2017,-114 саҳ.

79. Маҳкамов Д. Инноватсия, демократикунонӣ ва низоми кредитӣ дар таҳсилоти миёнаи касбӣ. Душанбе, «Сифат», 2015, 179 саҳ.

80. Маҳкамов Д. Педагогикаи «Муносибати босалоҳият» дар таълим ***II*** (Воситаи роҳнамо дар фаъолияти педагогӣ) - Душанбе, 2021.

81. Мелхорн Г., Мелхорн Х. Гениями не рождаются: Общество и способности человека. - М.: Просвещение, 1989. - 159 с.

82. Мясыщев В.Н. О связи склонностей и способностей // Сб. Способностей и склонности. - Л., 1962. С. 4 – 9.

83. М. Толковый словарь В. Даля. - М.: «Цитадель», 1998. - 944 с.

84. Набиева Р., Раҳматҷонов М. Барномаи таърихи халқи тоҷик барои синфхои 5 - 9. - Душанбе, 1994. - 47 с.

85. Наумов Г.В. Развитие у старшеклассников интересов потребностей и мотивов рациональной организации труда в учебных мастерских // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1973. - С. 127- 130.

86. Р. Набиев, Ф. Зикриёев Таърихи халқи тоҷик 1945- 2011. Китоби дарсӣ барои синфи 11. Душанбе, «Маориф», 2016.

87. Намоз Ҳотамзода. Таърихи халқи тоҷик. Нашри 4 (бо тағйиру иловаҳо) Душанбе, «Маориф», 2022

87. Нозимов Ҳаким Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10, Душанбе «Собириён», 2011

88. Немов Р.С. Психология: из 3 книг, 3 книга. - 4-е изд. - М., 2001. - 640 с.

89. Одаренные дети // Пер. с англ.; Под общ. ред. Г.В. Бурменской и В.М. Слуцкого. - М.: Прогресс, 1991. - 376 с.

90. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

91. Педагогическая энциклопедия. Т. 4. - М., 1968. - с. 911.

92. Полуянов Ю. А. Воображение и способности.-М.: Знание, 1982. -96 с.

93. Проблема развития познавательных способностей. Л.,1983- 147 с.

94. Проблемы способностей в современной психологии // Сб. науч. тр. Отв.ред. А.А. Бодалева., А.М. Матюшкина- М.: НИИОП,1984.- 144 с.

95. Психология, под ред. Немов Р.С.-М.: Просвещение, 1990. - 356 с.

96. Психология одаренности детей и подростков. Под ред. М. С. Лейтеса. - М.: Изд. «Академия», 1996. - 416 с. Проблемы способностей в советской психологии. - М., 1984. - С.84 - 100.

97. Раджабова М. Р. Взаимосвязанность формирования самостоятельного мышления и речевого развития старшеклассников

общеобразовательных школ Республики Таджикистан (на материале изучения английского языка на базе таджикского) - Дисс... на соискание ученой степени канд. пед. наук. - Душанбе, 2007. - 180 с.

98. Раев А. И. Прогнозирование, кодирование и перенос как познавательные способности // Сб. науч. труд. Проблемы развития познавательных способностей. - Л., 1983. - С. 21 - 33.

99. Развитие познавательных способностей в процессе дошкольного воспитания. Под ред. Л. А. Венгера. - М., 1986. - 224 с.

100. Радкинсон Л. П. О преодолении формализма в построении уроков // Советская педагогика. - 1958. - №11.- С. 33 – 48.

101. Рахмонов Г. Р. Педагогические основы формирования познавательного интереса к иностранному (английскому) языку у студентов (на материале вузов Республики Таджикистан): автореф. дисс.... кан. пед. наук. - Душанбе, 2002. - 22 с.

102. Раҳмонов А.А,Расулов А.Б, Афзалов Х.С Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011, 184 саҳ

103. Раҷабов 3. Ш. Таърихи РСС Тоҷикистон *II* Китоби дарсӣ, барои синфҳои 9-10. - Душанбе, 1986. -176 с.

104. Ревазов В.Ч.. Педагогические проблемы формирования нравственных идеалов старшеклассников в куре истории Республики Таджикистан: автореф. дисс.... канд. пед. наук. - Душанбе, 1991. - 21 с. •

105. Роботова А.С. Познавательный интерес к гуманитарным предметам у старшеклассников \\ Сб. Педагогические основы формирования познавательных интересов учащихся. - Л., 1977. - С. 23 - 68.

106. Российская педагогическая энциклопедия. Том 2-й. - М., - 1993 - 672 с.

107. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. - М.: Питер, 2000 - 712 с.

108. Рубинштейн С. Л. Проблема способностей и вопросы

психологической теории // Вопросы психологии - 1960. - № 3. - С. 3-15.

109. Рубинштейн С. Л. Принципы и пути психологии. - М.,1959.-249 с.

110. Савина Ф. К. Управление формированием познавательных интересов школьников \\ Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Казань: КГПИ, 1975. - С. 60 -63.

111. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Душанбе, 2007

112. Скаткин М. Н. Совершенствование процесса обучения. - М., 1971. - 206 с.

113. Смирнов Ю. А. К вопросу о проявлении и соотношении способностей и интересов в школьном возрасте \\ Сб. Склонности и способности. - Л.: ЛГУ, 1962. - С. 81- 87.

114. Смирнов А. А. Психология ребенка и подростка. - М., 1987- 272 с.

115. Сорокин Н. А. и. Столин В. Е. Межпредметные задания в проблемном обучении // Сб. Психолого-дидактические проблемы познавательной деятельности учащихся. - Тула, 1976. С. 78 - 81.

116. Способности и интересы. - М., 1962. - 306 с.

117. Способности и склонности: Комплексные исследования. Под ред.

118. Собир Хоҷаев, Сайфулоҳ Муллоҷонов. Таърихи халқи тоҷик, китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе «Маориф» 2017

119. Сухова Л. Г. О домашних заданиях учащихся // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1979. - С. 105 - 109.

120. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-Душанбе- 2020.

121. Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ. – Душанбе- 2015.

122. Сухомлинский В. А. Сердце отдаю детям. Изд. 2 - е. - Киев, 1972. - 244 с.

123. Сухомлинский В.А. Неотложные проблемы теории и практики воспитания // Народное образование - 1961.- №10. - С. 54-61.

124. Сухомлинский В. А. Павлышская средняя школа. - М.: Прогресс, София,1979.-470 с.

125. Талызина Ф. Формирование познавательной деятельности младших школьников. - М., 1988. -280 с.

126. Тангян С.А. Высшее образование в перспективе XXI столетия // Педагогика, 2000, №2, С.3-10.

127. Таърихи РСС Точикистон. *II* Китоби дарсӣ, барои синфҳои 9 — 11. — Душанбе, 1963 - 220 с.

128. Теплов Б. М. Проблемы индивидуальных различий. - М.:1961-125 с.

129. Теплов Б.М. Психология музыкальных способностей // Избранные труды: В 2 т. - Т. 1, М.: Педагогика, 1985. - 328 с.

130. Товпинец И.П. Концепция учебника и его структурирование // Проблемы школьного учебника. Сб.ст.Вып. 20. Материалы Всесоюзной конференции "Теория и практика создания школьных учебников". М., 1991. - С.34-44.

131. Тоффлер О. Смещение власти: знание, богатство, принуждение на пороге XXI века. М., 1991. -32с.

132. Троненко В. С. Воспитание самостоятельной самостоятельности учащихся в процессе работы с книгой // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1979. - С. 85 - 89.

133. Тыльдсепп А.А. Методика определения и оценки построения учебного материала в учебниках / Проблемы школьного учебника.

134. Ухличева И.В. Пути совершенствования учебного процесса \\ Сб. Формирование познавательных процессов учащихся. - Ярославль, 1979. - С.13 -21

135. Фокина С. Л. К проблеме формирования у учащихся обобщенных познавательных умений \\ Сб. Педагогические основы формирования

познавательных интересов учащихся. - Ленинград, 1977. - С. 68 - 76.

134. Формирование личности старшеклассников. - М., 1989. - 168 с.

135. Франс Анатоль. Собрание сочинений в 8 томах. Том 8. Литературно- критические статьи. Публицистика. Речи. Письма. - М., 1960. - 888 с.

136. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. // Китоби дарсӣ, барои синфи 10. - Душанбе, 2005. -192 с.

137. Цыпурский В.Г. Педагогические условия формирования познавательной активности школьников \\ Сб. Формирование познавательной самостоятельности школьников. - М., 1975. - С. 33 -37.

138. Чередов И. М. Сравнительная эффективность отдельных форм организации обучения на уроке \\ Сб. Организация познавательной деятельности учащихся. - Свердловск, 1979. - С. 45 - 51.

139. Чистякова Г.Д. Творческая одаренность в развитии познавательных структур // Вопросы психологии. - 1991.- №6. - С. 103 - 108.

140. Чудновский В.Э. Воспитание способностей и формирование личности. - М.: Знание, 1986. - 80 с.

141. Чурилин Н.А. Межпредметные связи как фактор формирования познавательных интересов старшеклассников в учебной деятельности. - Л, 1985,- 133 с.

142. Шадриков В. Д. О содержании понятий способности и одаренность // Психологический журнал. - 1983. - № 5. - С. 14-19.

143. Шадриков В. Д. Психология деятельности и способности человека // Учебное пособие. - М.: Логос, 1996. - 320 с.

144. Шадриков В. Д. Способность в структуре психики \\ Диагностика познавательных способностей. - Ярославль, 1986. - С. 3 – 8.

145. Шамова Т. И. Влияние предварительных действий на формирование познавательной потребности \\ Сб. Формирование духовных потребностей школьников. - Новосибирск, 1966. - С. 98 -102.

146. Шамова Т.И. Проблемный подход в обучении. - Новосибирск, 1969. - 68 с.

147. Шайхов М. Формирование познавательной активности учащихся выпускных классов средней школы в процессе обучения: автор, дисс. канд. пед. наук. - Душанбе, 1998. - 28 с.

148. Шалин М. И. Формирование познавательного интереса учащихся через организацию домашней работы \\ Сб. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов школьников. - Л., 1979. - С. 102 - 107.

149. Шарипов Ф. и Каримова И. Педагогика. - Душанбе: «Ирфон», 2008. - 283 с.

150. Щебланова Е.И. и др. Идентификация одаренных учащихся как первый этап лонгитюдного исследования развития одаренности. // Вопросы психологии - 1996. -№1.~ С. 111-122.

151. Шумакова Н.Б. Междисциплинарный подход к обучению одаренных детей // Вопросы психологии. - 1996. - №3. - С. 34 - 37**139.** 139. Шайхов М. Калиди равнақи зеҳн. - Душанбе, 2000. - 140

152. Шукуров Т. А. Дидактическая система активизации познавательной деятельности школьников средствами игры: автор, дисс.... док. пед. наук. - Душанбе, 2002. - 50 с.

153. Щукина Г.И. Формирование познавательных интересов учащихся в процессе обучения. - М.: Учпедгиз, 1962. - 230 с.

154. Щукина Г. И. Активизация познавательной деятельности в учебном процессе. - М., 1979. - 159 с.

156. Щукина Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся. - М., 1988. - 203 с.

157. Щукина Г. И. Проблема познавательного интереса в педагогике. - М.: Педагогика, 1971.-351 с.

158. Юркевич В.С. Развития творческо-познавательных возможностей

младшего школьника\\ Сб. Проблемы способностей в советской психологии. - М., 1984.- С. 76-83.

159. Юркевич В.С. Проблема диагноза и прогноза одаренности в работе практического психолога // Школа здоровья. - 1997 - №1. - С. 59-71.

160. Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ. Таърихи халқи тоҷик (Ибтидои асрҳои миёна), китоби дарсӣ барои синфҳои 6-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе, «Маориф», 2016.

161. Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ. Таърихи халқи тоҷик замони ориёиҳо. Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, «Маориф» 2022.

162. Ясюкова Л. А. Взаимосвязь индивидуально-психологических характеристик в структуре профессиональных способностей // Вопросы психологии. – 1990.-№ 5.-С. 72-81

## МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**а**) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъб расидаанд:

[1-М] Маҳмадализода Б. Р. Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ [Матн] / Б.Р.Маҳмадализода // Маҷалаи илмии “Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон” №2 (47), 2023. – С. 48-58, ISSN 2222-9809.

[2-М] Маҳмадализода Б. Р. Ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун мушкилоти педагогӣ [Матн] / Б.Р.Маҳмадализода // Маҷалаи илмии “Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” Бохтар – 2023. 1/2 (110) – С.91-97, ISSN 2663-5534.

[3-М] Махкамов Д., Маҳмадализода Б. Р.Таърихи Истиқлол дар рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ [Матн] / Д. Махкамов, Б. Р. Маҳмадализода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. 2023.- №2 (42).- С.133-138, ISSN 2617-5620.

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаи конференсияҳо ва дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[4-М] Маҳмадализода Б. Р. Технологияи инноватсионии тадбиқи муносибати босалоҳият дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ [Матн] / Дастури методӣ, матбааи “Сифат”, Душанбе -2022.

[5-М] Маҳмадализода Б. Р. Таҳлили таълими босалоҳияти фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ [Матн] / Б. Р.

Маҳмадализода // Маърӯза дар конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Аҳамияти омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, ҷомеашиносию гуманитарӣ ва дақиқу риёзӣ дар рушди кишвар”, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ, 09.12.2022.

[6-М] Маҳмадализода Б. Р. Мавқеи ҷанбаҳои психологӣ-педагогии дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯён зимни омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик [Матн] / Б. Р. Маҳмадализода // Маърӯза дар конференсияи илмӣ-амалии ҳайати олимон, омӯзгорон, магистрантон ва донишҷӯён дар мавзуи “Омӯзиши фанҳои дақиқ, гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ дар замони муосир” Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 25.04.2023.